**Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Истаравшан, даъвати панҷум**

# Қ А Р О Р

аз 30 октябри соли 2015 №34 шаҳри Истаравшан

Дар бораи тасдиқ намудани
Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Истаравшан
барои солҳои 2016-2020

Мутобиқи моддаҳои 8 ва 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ", иҷлосияи сеюми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Истаравшан даъвати панҷум қ а р о р м е к у н а д:

Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

Раиси маҷлис Н.Набизода

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ВИЛОЯТИ СУҒД**

**МАҚОМОТИ ИҶРОИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТИИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН**

# БАРНОМАИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН

## барои солҳои 2016-2020

**Истаравшан – 2015**

# МУНДАРИҶА

**Рӯйхати ихтисорот ............ 5**

**Пешгуфтор ............ 6**

**БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕИИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН ............ 9**

**БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ ............ 14**
2.1. Соҳаи саноат ............ 14
2.2. Соҳаи соҳибкории хурду миёна ............ 23
2.3. Соҳаи кишоварзӣ ............ 27
2.4. Соҳаи сохтмон ............ 38

**БОБИ 3. ИҶТИМОИЁТ ............ 41**
3.1. Соҳаи маориф ............ 41
3.2. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ............ 48
3.3. Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ ............ 61

**БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР ............ 67**
4.1. Таъминот бо оби нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ ............ 67
4.2. Таъмини барқ ............ 70
4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ ............ 73
4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ ............ 75

**БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДДА ............ 77**
5.1. Ҳифзи муҳити зист ............ 77
5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқуллода, пешгирӣ ва кам кардани ҳолати хатари онҳо ............ 81

**БОБИ 6. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ РУШД ............ 84**

**БОБИ 7. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ ............ 89**

**Замимаҳо оид ба стратегияи рушди шаҳри Истаравшан аз рӯи соҳаҳо ............ 90**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ |
| БДИ | Барномаи давлатии инвеститсионӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид |
| БР | Барномаи рушд |
| БРҶ | Барномаи рушди ҷомеъа |
| БҶ | Буҷети ҷумҳуриявӣ |
| БМ | Буҷети маҳаллӣ |
| ВММША | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВСТН | Вазорати саноат ва технологияҳои нав |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илм |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ |
| ВН | Вазорати нақлиёт |
| ВМ | Вазорати молия |
| ВК | Вазорати кишоварзӣ |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои об |
| ГКС | Гуруҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гуруҳи фаъоли ташаббускор |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИҶ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КДСИАД | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДФОКИ | Корхонаи фаръии давлатии обу корези шаҳри Истаравшан |
| КВДТОНИ | Корхонаи воҳиди давлатии таъминоти оби нӯшокии ш.Истаравшан |
| МДНСЭ | Маркази давлатии назорати санитарию эпидемиологӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон |
| МХ | Маблағҳои худӣ |
| ТХ | Ташкилотҳои маҳаллӣ |
| ТБМ | Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| НБО | Нерӯгоҳи барқии обӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зудбаҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| РИМ | Рушди иқтисодии маҳал |
| СВОТ | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳою таҳдидҳо |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СБСНМТ | “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| СХ | Сармоягузориҳои хориҷӣ |
| СД | Сармоягузориҳои дохилӣ |
| ФҚХ | Фонди қарзии хурд |
| ФАО | Ташкилоти озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |

# ПЕШГУФТОР

Шаҳри Истаравшан 0,2 фоизи ҳудуди умумии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Истаравшан шаҳри саноатию аграрӣ буда, аҳолии шаҳрии он асосан дар корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва аҳолии деҳот бошанд ба чорводорӣ ва зироаткорӣ машғуланд. Шаҳр дар тақсимоти меҳнати вилояти Суғд ҳамчун истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти саноатӣ маҳсуб меёбад. Мавҷудияти қувваи кории маҳаллӣ барои рушди минбаъдаи соҳаи саноату кишоварзӣ ва коркарди ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат хоҳад намуд.

Бояд тазаккур дод, ки дар даҳсолаҳои охир, теъдоди аҳолии шаҳру деҳоти Истаравшан хеле афзудааст. Агар дар соли 2000-ум шумораи аҳолии Истаравшан 186900 нафарро ташкил дода бошад, пас ин нишондод дар санаи 1 январи соли 2015 ба 246636 нафар расидааст.

Афзоиши рӯзафзуни аҳолӣ, таъсири омилҳои беруна (бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ) ва мушкилиҳои мавҷудаи иқтисодиву иҷтимоии шаҳр имрӯз моро водор месозад, ки аз усулҳои нави идоракунии маҳаллӣ ва махсусан банақшагирии рушд васеъ истифода барем.

Айни замон иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ ва захираҳои табии бо сабаби баста шудани роҳи оҳан ва набудани гази табиӣ, ҷалби нокифояи сармояи хориҷию ватанӣ ва ворид нагаштани технологияи нав пурра фаъолият наменамоянд. Аз ин лиҳоз, бо мақсади дар оянда ба кор даровардан ва самаранок истифода бурдани иқтидорҳои истеҳсолӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ, дастгирии бештару сифатноки соҳаҳои иҷтимоӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ гардонидани инфрасохтори шаҳр, барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан таҳия карда шуд. Дар сурати ба кор даровардани иқтидорҳои бекорхобидаи истеҳсолӣ ва истифодаи самараноки захираю воситаҳои имконпазир, соҳаҳои саноат, инфрасохтор ва иқтисодиёти шаҳр басо рушд хоҳад намуд. Қатъи назар аз иқтидорҳои зиёди мавҷудаи шаҳри Истаравшан, мушкилиҳое ҷой доранд, ки ба рушди устувори иқтисодиёти шаҳр таъсири манфӣ мерасонад ва мақсади асосии Барнома дар панҷ соли оянда ҳаллу фасл ва бартараф намудани ин мушкилиҳо мебошад.

Ҳадафи асосии Барнома дар натиҷаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии шаҳр, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ, ҳамгироӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ, беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба инфрасохтори замонавии иҷтимоӣ буда, он ба зиёдшавии даромад ва сатҳи шуғл ҳамчун натиҷаи рушди иқтисодӣ ва беҳтаршавии шароити зиндагии умумӣ, нигаронида шудааст.

Барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар тамоми соҳаҳои асосии иқтисодиёту иҷтимоиёти шаҳр бо ҷалби ҳамаи манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ иҷрои тадбирҳои мушаххас пешбинӣ гардидааст. Зимнан, ҷалби ҳарчи зиёди сармояи хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардидани вазифаҳои дар барнома гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан тамоми имкониятҳо истифода мегарданд. Рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳр дар солҳои 2016-2020 бо назардошти зиёдшавии имкониятҳои истеҳсолӣ пешбинӣ гардида, он заминаи асосии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мегардад.

Дар раванди тарҳрезии Барномаи рушди шаҳри Истаравшан талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ», “Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру шаҳр ҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (қарори Ҳайати Мушовараи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №1/3, аз 12 январи соли 2009) ва ҳуҷҷатҳои муҳими стратегӣ (Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015”, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” ва барномаҳои соҳавию минтақавӣ ба инобат гирифта шудааст. Барномаи мазкур бо кӯмаки машваратии мушовирони Лоиҳаи «Дастгирии самаранокии ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна вак мониторинги СМР/СБНСНМТ», мутахассисони

Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ёрии техникии Барномаи Рушди Созмони Миллали Муттаҳид, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ, ки ҳайати он бо Амри Раиси шаҳри Истаравшан №37 аз 12 марти соли 2015 (оид ба таҳияи барномаи рушди шаҳр) тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст. Дар раванди таҳияи он намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои ҷамъиятиву хусусӣ ва мутахассисони соҳавии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии (МИҲД) шаҳр ҷалб гардидаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан тарҳрезии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020»-ро иқдоми саривақтӣ ва талаби давру замон дониста, ҷиҳати амалӣ намудани он аз тамоми воситаю имкониятҳо истифода хоҳад бурд. Ҳамзамон, барои татбиқи саривактӣ ва самараноки он Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, ташкилотҳои байналмиллалӣ, сармоягузорони хориҷӣ, марказҳои дастгирии ҷамоатҳо, иттиҳодияву ташкилотҳои ҷамъиятӣ, соҳибкорон ва аҳолиро барои ҳамкорӣ даъват менамояд.

Ҳадафи асосии Барномаи мазкур таъмин намудани рушди устувори соҳаҳои воқеъии иқтисодиёт, дар асоси ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва бекорхобидаи саноатӣ ва истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, беҳтар намудани хизматрасонии заминавии иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии мардуми шаҳр мебошад. Барномаи зикргардида ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ самтҳои афзалиятнок ва сиёсати ояндаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрро барои давраи миёнамуҳлат муайян мекунад.

*Тақсимоти маблағҳои“Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020” аз рӯи соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳаз. сомонӣ)*

| Соҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳазор сом.) | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | 32483 | 9810 | 2258 | 3950 | 10265 | 6200 |
| Кишоварзӣ | 79980 | 10324 | 18767 | 14130 | 14791 | 21968 |
| Соҳибкории хурду миёна | 29559 | 6678 | 10540 | 8041 | 3100 | 1200 |
| Сохтмон | 20527 | 1100 | 3500 | 1927 | 4500 | 9500 |
| Ҳамагӣ, блоки иқтисодӣ | 162549 | 27912 | 35065 | 28048 | 32656 | 38868 |
| Маориф | 40340 | 5960 | 8920 | 9410 | 7680 | 8370 |
| Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ | 32565 | 24217 | 1652 | 2097 | 2122 | 2477 |
| Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 36700 | 3655 | 6925 | 14670 | 7750 | 3700 |
| Ҳамагӣ, блоки иҷтимоӣ | 109605 | 33832 | 17497 | 26177 | 17552 | 14547 |
| Таъминот бо оби нӯшокӣ | 50409 | 4487 | 7877 | 9750 | 13045 | 15250 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ | 60975 | 1535 | 13852 | 13825 | 9648 | 22115 |
| Барқтаъминкунӣ | 26120 | 5370 | 4850 | 7100 | 4460 | 4340 |
| Нақлиёт, роҳ ва алоқа | 19330 | 1150 | 3000 | 5700 | 5630 | 3850 |
| Ҳамагӣ, инфрасохтор | 156834 | 12542 | 29579 | 36375 | 32783 | 45555 |
| Экология ва ҳолатҳои фавқулодда | 8610 | 800 | 1660 | 1590 | 3560 | 1000 |
| Таъминоти захиравӣ | 1720 | 255 | 320 | 510 | 210 | 425 |
| Ҳамагӣ, арзиши БРШ Истаравшан | 439318 | 75341 | 84121 | 92700 | 86761 | 100395 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 77375 | 6297 | 15522 | 15467 | 21102 | 18987 |
| Буҷети вилоятӣ | 14700 | 4780 | 2550 | 4170 | 2270 | 930 |
| Буҷети маҳаллӣ | 36597 | 7080 | 5242 | 8342 | 8138 | 7795 |
| Соҳибкорон ва аҳолӣ | 98266 | 22125 | 21983 | 20551 | 21137 | 12470 |
| Сармояи хориҷӣ | 124610 | 25009 | 32104 | 30660 | 19834 | 17003 |
| Номуайян | 87770 | 10050 | 6720 | 13510 | 14280 | 43210 |

Ба Барномаи рушди шаҳри Истаравшан 219 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 439,318 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки аз ин 116 лоиҳа бо маблағи 162,549 млн. сомонӣ ба бахши иқтисодӣ, 47 лоиҳа бо маблағи 109,605 млн. сомонӣ ба бахши иҷтимоӣ, 45 лоиҳа бо маблағи 156,834 млн. сомонӣ ба бахши инфрасохтор, 6 лоиҳа ба маблағи 8,61 млн. сомонӣ бахши ҳифзи муҳити зист ва ҳолатҳои фавқулодда ва 5 лоиҳа бо маблағи 1,72 млн. сомонӣ ба бахши таъминоти захиравӣ рост меояд.

Барои татбиқи “Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020” аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 439 миллиону 318 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст, аз он ҷумла, аз ҳисоби:

- Буҷети ҷумҳуриявӣ - 77,375 млн. сомонӣ;
- Буҷети вилоят - 14,7 млн. сомонӣ;
- Буҷети шаҳр - 36,597 млн. сомонӣ;
- Соҳибкорон ва аҳолӣ - 98,266 млн. сомонӣ;
- Сармояи хориҷӣ - 124,61 млн. сомонӣ;
- Лоиҳаҳои манбаи маблағгузориашон айни ҳол номуайян - 87,77 млн. сомонӣ.

# БОБИ I. ҲОЛАТИ УМУМӢ
# ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ВОҚЕЪИИ ШАҲРИ ИСТАРАВШАН

**Сохти маъмурию ҳудудии шаҳр.** Масоҳати умумии шаҳри Истаравшан 7,6 ҳазор км² буда, он мутаносибан 0,2 дарсади масоҳати умумии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Истаравшан аз маркази шаҳр (бо фарогирии 22 маҳалла), 10 ҷамоат (ҷамоатҳои Гули Сурх, Зарҳалол, Қалъаи Баланд, Чорбоғ, Ниҷонӣ, Нофароҷ, Қалъачаи Калон, Пошкент, Ҷавкандак ва Сабристон) ва 68 деҳа иборат аст. Шаҳр дар қисмати шимолии доманаи қаторкӯҳи Туркистон, дар масофаи 70 км дар қисмати ҷанубу ғарбии маркази вилояти Суғд воқеъ буда, аз тарафи шимолу ғарб бо вилояти Сирдарёи Ҷумҳурии Узбекистон ҳаммарз мебошад.

*Ҳудудҳои марзию маъмурии шаҳри Истаравшан*




**Шарҳи таърихию фарҳангӣ.** Тибқи маълумотҳои мавҷудаи таърихӣ, Истаравшан дар аввали асри V то милод ташкил шудааст. Солҳои 1946 то 1949 вилояти Уротеппа дар ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Мавриди зикр аст, ки 9 сентябри соли 2002 ба муносибати ҷашни 2500 солагӣ номи шаҳри Уротеппа ба шаҳри Истаравшан иваз карда шуд. Курушкада, Киропол, Уструшана, Суйдуйшана ва Уротеппа баъзе аз номҳои пештараи ин шаҳри таърихӣ будаанд. Истаравшани бостонӣ яке аз шаҳрҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ буда, таъриху тамаддун, адабу фарҳанги хоси хешро доро буд ва онро ҳамсамту ҳамрадифи шаҳрҳои машҳури Бухорою Самарқанд мешуморанд. Мавзеъҳо ва номҳои Қалъаи Муғ, Қалъаи Баланд, Қалъаи Метар, Қалъачаи Гули Зард, Қалъачаи Бакавул, Қалъачаи Араб ва ғайра, аз таърихи куҳани Истарафшан шаҳодат медиҳанд.

Дар шаҳр зиёда аз 150 адад ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва меъморӣ маҳфуз мебошанд, ки ҳар яке таърихи аз 300 то 1500 сола доранд. Ба сифати яке аз намунаҳои ёдгориҳои табии таърихии ин диёр 6 адад дарахтони азими сарв, ки имрӯз дар Савристон ном мавзеъи деҳаи Ругунд сар ба фалак кашидаанду ғафсии танаашон баробари 10-12 қулочи одамӣ буда, умри беш аз 1400 сола доранд, мисол оовардан мумкин аст, инчунин Мақбараҳои шайх ва файласуф Абубакри Шиблӣ (ёдгории асри VIII), Хоҷа Абдураҳмони Авф (ёдгории асри VIII), ансамбли меъмории Ҳазрати Шоҳ (ёдгории асрҳои XVII-XIX), Сари Мазор (асри XVII) ва ғайра, номгӯи хурди офаридаҳои бузургу нотакрори ҳунармандон, наҷҷорон, наққошон, кандаккорон ва соири дигари мардуми ин куҳандиёр мебошанд.

Обҳои ҷонбахш, чашмаҳои мусаффо, меваҷоти лазизу гуворо ва гиёҳҳои шифобахши кӯҳҳои Истаравшан, аз азал табобатгоҳи табиии мардумони Осиёи Марказӣ будаанд.

Дар Истаравшан 578 гузари ҳунарҳои мухталифдор ва 642 дӯкони ҳунармандони мардумӣ фаъолият менамуданд. Гузарҳои заргарӣ, мисгарӣ, оҳангарӣ, кордгарӣ, дегрезон, шонатарошон, косабофон, читгарон, собунгарон, равғангарон, кулолгарон, осиёдурусткунон, чармгарон ва

ғайра, ҳоло ҳам мавчуд ҳастанд ва ҳунарҳои дуредгариву хиштпазӣ, танӯрсозиву кафшдӯзӣ, собунпазиву аллочабофӣ, ресандагию колинбофӣ, кошуқтарошию наългарӣ ва ғайра, аз ҷумлаи ҳунарҳои аҷдодии мардуми Истаравшан мебошад.

Соҳаи саноат аз қадим яке аз самтҳои афзалиятноки аҳолии шаҳри мазкур буда, ҳанӯз соли 1898 аз ҷониби тоҷирони Рус Первушинҳо дар шаҳри Истаравшан коргоҳи истеҳсоли шароб ба истифода дода шуд ва солҳои минбаъда корхонаҳои зиёди истеҳсолӣ, хусусан дар соҳаи истеҳсоли маводи сохтмон, коркарди меваю сабзавот ва соҳаи саноати сабук бунёд гардиданд.

**Шароитҳои табиӣ ва иқлим.** Маркази шаҳри Истаравшан дар баландии 1040 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир буда, бодҳо бештар шабона аз ҷанубу шарқ ва рӯзона аз шимолу ғарб таъсир мерасонанд. Иқлими шаҳри Истаравшан субтропикӣ ва хушк буда, ҳарорати гармтарини ҳаво дар фасли тобистон то ба +40 дараҷа ва ҳарорати хунуктарин дар фасли зимистон ба -25 дараҷа мерасад. Миқдори миёнаи боришоти солона дар ҳудуди шаҳри Истаравшан 172 мм-ро ташкил менамояд. Дар теппаву баландиҳои гирди шаҳр растаниҳои худрӯй месабзанд. Аз дарахтони ороишӣ ва мевагӣ асосан маҷнунбед, сафедор, чинор, олуча, себ, чормагз, зардолу, гелос, анҷир, анор ва ангур (зиёда аз 30 намуд) мерӯянд.

Ҳудуди шаҳри Истаравшан аз канданиҳои табии хело ҳам бой буда, дар он захираҳои табиӣ, ба монанди фосфоритҳо, ашёи хом барои истеҳсоли рангҳои молиданӣ ва коркарди масолеҳи бинокорӣ, инчунин захираҳои санги хоро ва мармар, захираҳои калони канданиҳои маъмули умум (санг, хок, шағал ва рег) мавҷуд мебошад.

**Вазъи демографӣ.** Ба ҳолати 1 январи соли 2015 шумораи аҳолии шаҳри Истаравшан 246636 нафарро ташкил додааст, ки он 10,3 % шумораи умумии аҳолии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, шумораи мардҳо 123010 нафар (ё 49,9%) ва шумораи занҳо 123626 нафар (50,1%) буда, суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолии шаҳри Истаравшан 2,3 фоизро ташкил медиҳад. Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар ҳудуди шаҳр 41567 хонавода истиқомат доранд ва ба ҳисоби миёна ба ҳар як хонавода 5,6 нафар рост меояд.

| Номи ҷамоатҳо | Шумораи хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ | Аз ҷумла, занҳо |
|---|---|---|---|
| Гули Сурх | 5182 | 42308 | 21831 |
| Зарҳалол | 4453 | 32735 | 16891 |
| Қалъаи Баланд | 1875 | 9198 | 4747 |
| Чорбоғ | 2784 | 16852 | 8695 |
| Ниҷонӣ | 1800 | 10537 | 5437 |

| Номи ҷамоатҳо | Шумораи хонаводаҳо | Шумораи аҳолӣ | Аз ҷумла, занҳо |
|---|---|---|---|
| Нофароҷ | 1930 | 10827 | 5587 |
| Қалъачаи Калон | 3040 | 15805 | 8155 |
| Пошкент | 4016 | 20427 | 10540 |
| Ҷавкандак | 2218 | 10598 | 5469 |
| Сабристон | 2948 | 17113 | 8831 |
| Ҷамъ: | 30246 | 186400 | 96183 |
| Маркази шаҳр | 11321 | 60236 | 33130 |
| Ҳамагӣ: | 41567 | 246636 | 129484 |

Маркази шаҳри Истаравшан ба 22 маҳалла тақсим шудааст ва дар онҳо 60236 нафар аҳолӣ ё 24,4 дарсади шумораи умумии аҳолии Истаравшан истиқомат менамоянд.

Дар ҳайати миллии аҳолии шаҳр тоҷикон нақши асосӣ дошта 83,4%-и шумораи аҳолиро ташкил менамоянд. Сохтори этникии шаҳр гуногунмиллат буда, ӯзбекҳо 14,6%, русҳо 0,1% ва намояндагони дигар миллатҳо 1,9%-ро ташкил медиҳанд.

*Нишондиҳандаҳои асосии демографии шаҳри Истаравшан*

| Солҳо | Теъдоди никоҳ | Шумораи вафот | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши табиии аҳолӣ бо % | Шумории умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 2497 | 1045 | 5419,3 | 2,3 | 235623 |
| 2013 | 2680 | 989 | 5536,9 | 2,3 | 240736 |
| 2014 | 2773 | 1053 | 5672,6 | 2,3 | 246636 |

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки аз рӯи синну сол шумораи аҳолии то синни 14 солаи шаҳр 32,6%, шумораи аҳолии қобили меҳнат 59,5% ва шумораи аҳолии дар синни нафақа буда 7,9%-ро ташкил медиҳад.

*Сохтори ҷинсӣ ва синну соли аҳолии шаҳри Истаравшан*

| Аҳолӣ | Ҷамъ | Аз ҷумла духтарон/занон | % духтарон/занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 7 сола | 31569 | 15374 | 48,7 |
| Наврасони аз 8 то 18 сола | 46861 | 24040 | 51,3 |
| Миёнасолон | 146700 | 77751 | 53,0 |
| Аҳолии синну соли нафақаҳо (мардон 63 сола / занон 58 сола ва боло) | 12758 | 8384 | 65,7 |
| Ҷамъ: | 246636 | 125549 | 50,9 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши демографии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 % с.2014 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Нишондихандахои асоси иктисодии умумӣ | 246636 | 251636 | 256636 | 102,0 | 261768 | 267004 | 272344,2 | 277791,0 |
| Шумораи ахолӣ ба хисоби миёнаи солона (хазор нафар) - ҳамагӣ, аз он ҷумла | | | | | | | | |
| шаҳрӣ | 60236 | 60838 | 61446 | 102,0 | 62061 | 62682 | 63936 | 65214 |
| дехотӣ | 186400 | 190128 | 193930 | 102,0 | 197809 | 201765 | 205801 | 209917 |

Мувофиқи параметрҳои барномавӣ, пешбинӣ мегардад, ки афзоиши табиии аҳолии шаҳри Истаравшан дар соли 2020 нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2016 то 108,2 %-ро ташкил хоҳад дод.

**Тамоилҳои асосии иҷтимоию иқтисодии шаҳри Истаравшан.** Даромади асосии аҳолии шаҳри Истаравшан аз ҳисоби машғул гардидан дар соҳаҳои соҳибкорӣ, саноат, кишоварзӣ, инчунин аз ҳисоби пардохти нафақа ва интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ ташаккул меёбад. Дар шаҳри Истаравшан соли 2014 маблағи истеҳсоли маҳсулоти дохила 799 млн. 539,6 ҳазор сомониро ташкил намудааст, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 545115 сомониро ташкил додааст.

Дар соли 2014 ба 19034 нафар нафақахӯрон ба маблағи 47 млн. 376,7 ҳазор сомонӣ нафақапулӣ пардохт гардидааст, ки ба ҳар як нафакахӯр дар як сол 2401,08 сомонӣ рост меояд.

Қобили қайд аст, ки дар соли 2014 ба аҳолии шаҳри Истаравшан аз хориҷӣ кишвар, аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ бо воситаи бонкҳои дар шаҳр амалкунанда 273 млн. 587,8 сомонӣ маблағ интиқол гардидааст, ки ба ҳар як нафар аҳолӣ 1109,3 сомонӣ рост меояд.

Аҳолии қобили меҳнати бешуғл дар соли 2013 – 37,1% ва дар соли 2014 – 38,2%-и захираҳои меҳнатиро ташкил дода, дар соли 2013 – 9,1 % ва дар соли 2014 – 8,8 %-и онҳо дар муҳоҷирати меҳнатии беруна қарор доштанд. Яке аз сарчашмаҳои асосии даромади оилаҳо аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ сурат мегирад. Дар соли 2014 дар шаҳри Истаравшан тибқи маълумоти расмӣ шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ 11907 нафарро ташкил дода, ин шумора нисбат ба соли 2013 (12870 нафар) 963 нафар кам гаштааст.

Афзоиши саҳми саноатчиёни шаҳри Истаравшан дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилояти Суғд ҷолиби таваҷҷӯҳи махсус буда, он дар заминаи таъсиси корхонаҳои нави хурду бузург ва истифодаи иқтидорҳои мавҷудаи соҳа ба даст омадааст. Дар ин радиф, таъсисёбӣ ва рушди минбаъдаи корхонаи муштараки «Оби Зулол» мақоми махсусро дорост.

Мушкилиҳои асосии соҳаи саноат, иқтидорҳои бекорхобида, торафт кӯҳна ва фарсуда гардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ, нокифоягии маблағҳои гардон ва рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда, арзёбӣ мегардад.

Дар ташаккул ва рушди иқтисодиёти шаҳри Истаравшан соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ нақши махсус доранд. Самтҳои асосии кишоварзии шаҳри Истаравшанро сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ ташкил медиҳанд. Солҳои охир ҷиҳати ташкили боғу токзорҳои нав чораҳои амалӣ андешида мешаванд. Мушкилиҳои асосии соҳаро муаммоҳои ҷойдоштаи соҳаи таъминоти оби полезӣ, фарсудагию нокифоягии техникаи кишоварзӣ, норасогии маблағҳои гардон, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ ва мӯҳлати кӯтоҳи истифодаи он, гаронии нархи қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ муаррифӣ менамоянд.

Солҳои охир болоравии нақши соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва хизматрасонӣ мушоҳида мегардад. Дар ин замина, саҳми субъектҳои СХМ дар ташаккули буҷети давлатӣ хело назаррас мебошад.

Барои рушди бемайлони СХМ нокифоягӣ ва мушкилии дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ, монеаҳои ғайриҳқтисодӣ, фасод, тағйироту мухолифати зиёд дар низоми қонунгузорӣ ва ғайра, монеаҳои асосӣ мебошанд.

Дар шаҳри Истаравшан ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маорифу тандурустӣ ва фарҳангу варзиш, ҳифзи иҷтимоиву шуғл низ, самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд. Ба ин нигоҳ накарда, нокифоягии маблағҳои буҷетӣ, сатҳи пасти музди меҳнат, ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани кадрҳои баландихтисос, таъмирталаб гаштани бинову иншооти муассисаҳои иҷтимоӣ ва нокифоягии иқтидорҳои мавҷудаи муассисаҳои мазкур, масъалаҳои доғи рӯз мебошанд.

Дар соҳаи инфрасохтор ҳалли мушкилоти барқрасонӣ, таъминот бо оби нӯшокӣ, таъмирталаб гаштани роҳҳо ва ҳалли масъалаҳои шаҳрдорию хизматрасониҳои коммуналӣ, ҳамчун самтҳои афзалиятноки фаъолият ба инобат гирифта шудаанд.

Дар шаҳри Истаравшан сохтмони манзили давлатии иҷтимоӣ вуҷуд надорад. Сохтмони манзил дар қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ барои сокинони маҳаллаҳои шаҳр ҷудогардида, аз ҷониби худи аҳолӣ ба роҳ монда шудааст.

Барои барқарорсозӣ ва таъмини тавозуни экологӣ, амалӣ гардонидани силсилаи чорабиниҳои таъсирбахш дар назар дошта шудааст.

Шаҳри Истаравшан аз ҷиҳати молиявӣ донор буда, тибқи қонунгузории амалкунанда, ҳамасола ба буҷети вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, маблағҳои зарурии андоз ва пардохтҳои ҳатмиро ирсол менамояд. Вале ба ин нигоҳ накарда, дар шаҳр нокифоягии ҳаҷми маблағгузориҳо, хусусан маблағгузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва инфрасохтор ба назар мерасад.

## Биниши рушди шаҳри Истаравшан

***Шаҳри Истаравшан - маркази муттараққии агросаноатии дорои корхонаҳои азим, миёна ва хурди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатии бо технологияҳои навтарин таҷҳизонидашуда буда, бо инфрасохтори муосир ва фазои мусоиди сармоягузорию соҳибкорӣ таъмин гардида, ба аҳолӣ сифати баланди зиндагии ба ҳаёти шоиста мувофиқ таъмин намуда, дорои муҳити зисти ҷавобгӯи талаботҳои муосири экологӣ мебошад ва дар он аҳолии сарбаланду хушбахт ва соҳибҳунар зиндагӣ ва фаъолият менамоянд.***

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифии рушди шаҳр, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*(SWOT) таҳлили шаҳри Истаравшан*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
| --- | --- |
| • Мавҷуд будани захираҳои кофии озоди меҳнатӣ.<br>• Имкониятҳои васеъи соҳибкорӣ.<br>• Мавҷудияти иқтидорҳои бузурги саноатӣ.<br>• Таҷрибаи пешқадам ва иқлими мусоид барои рушди соҳаи кишоварзӣ.<br>• Ҷойгиршавии (мавқеи) мусоиди ҷуғрофӣ.<br>• Муттаҳидшавии мақомоти иҷроия бо соҳибкорон ва аҳолӣ бо дастгирии якдигар барои рушди шаҳр.<br>• Мавҷудияти захираҳои табии ва ашёи хоми маҳаллӣ барои истеҳсоли маҳсулот, хусусан масолеҳи бинокорӣ.<br>• Имконияти васеи истифода ва ҳифзу нигоҳдории анъанаҳои миллию фарҳангӣ ва азхудкунии ҳаёти муосир<br>• Муҳити мусоид барои рушди сайёҳӣ.<br>• Миқдори кофии мутахассисони баландихтисос.<br>• Таҷрибаи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ.<br>• Мавҷудияти инфрасохтори заминавии муҳандисию коммуникатсионӣ ва иҷтимоӣ.<br>• Мавҷудияти сармоягузориҳои дохилӣ.<br>• Мавҷуд будани фурудгоҳ | • Норасоӣ ва фарсуда гардидани техника ва таҷҳизотҳои дар корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагиҳои кишоварзӣ мавҷудбуда.<br>• Таъмирталаб гаштани инфрасохтори шаҳр.<br>• Таъмирталабии муассисаҳои тиббӣ ва маорифу фарҳанг, инчунин суст будани заминаи моддию техникии онҳо.<br>• Нокифоягии маблағҳои барои рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт ҷудогардида ва душвориҳои дарёфти он.<br>• Нокифоягии ҷойҳои корӣ, хусусан бо музди меҳнати ба талабот ҷавобгӯй.<br>• Норасогии оби нӯшокӣ ва полезӣ.<br>• Мавҷуд набудани шабакаи нақлиёти роҳи оҳан.<br>• Норасоии нерӯи барқ дар фасли зимистон.<br>• Баланд будани фоизи қарзи бонкҳо.<br>• Муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ва қувваҳои корӣ ба хориҷа.<br>• Гарон шудани арзиши маводҳои стратегии воридотӣ (сӯзишворӣ, гандум ва ғайраҳо).<br>• Таъмини нопурраи амнияти озуқаворӣ. |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| • Ҷалби соҳибкорони маҳаллии дар хориҷа фаъолиятдошта барои рушди минбаъдаи шаҳр.<br>• Дастгирии мақсадноки соҳаи соҳибкорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.<br>• Ҳавасмандии сармоягузорони хориҷӣ барои ташкили корхонаҳои нав ва ба кор андохтани иқтидорҳои бекорхобида.<br>• Татбиқи амалии барномаҳои тасдиқгардидаи рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандиислоҳот.<br>• Мавҷудияти Барномаҳои рушди соҳавӣ | • Ҳодисаҳои фавқулодаи табиӣ.<br>• Тағирёбии иқлим.<br>• Ноороми сиёсӣ дар кишварҳои ҳамсоя.<br>• Эҳтимолияти хавфи вайроншавии обанбори «Катта-сой».<br>• Бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ.<br>• Эпидемияҳо.<br>• Инфлятсия. |

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ
# ВА ШАРҲИ РУШДИ СТРАТЕГИЯҲОИ СОҲАВӢ

## БОБИ 2. ИҚТИСОДИЁТ

### 2.1. Соҳаи саноат

**Арзёбӣ ва таҳлили вазъи соҳа.** Саноат яке аз соҳаҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди шаҳри Истаравшан буда, дар солҳои охир суръати баланди афзоиши он тавассути ба кор даромадани иқтидорҳои нав ва корхонаҳои хурди истеҳсолӣ ба назар мерасад. Дар шаҳри Истаравшан 23 корхонаи саноатӣ (аз ҷумла, ҷамъиятҳои саҳҳомии “Оби Зулол”, “Суруш”, “Файз”, “Нексоз”, “Сафеда”, «Мк Баракат», ҶММ “Матбуоти Уротеппа”, ҶММ “Ҳадид”, “Ҷамъияти аъмоён”, ҶММ “Ноҳид”, ҶММ “Элитаи Истаравшан”, ҶММ “Нодир-2000”, ҶММ “Шараф”, ҶММ «Файзи Истаравшан», ҶММ “Куруши Кабир”, ҶММ «Хуршеди Истаравшан», ҶММ «Дурдона», ҶММ “Авис К”, ҶСК “Исмоили Сомонӣ”, ҶММ “Шароббарорӣ”, ҶММ «Кова», ҶММ «П.Комилов» ва ҶММ «Саддам») фаъолият доранд.

*Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (ҳазор сомонӣ)*

| № | Номи корхона | | | Истеҳсоли маҳсулот дар шакли аслӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот дар шакли пулӣ (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Номгуи маҳсулот | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 1 | ҶСП «Оби зулол» | Нӯшокӣ | х.декалитр | 4184026 | 5075738 | 5471529 | 120980,7 | 151318,2 | 170871,8 |
| | | Об | х.декалитр | 1082196 | 1179445 | 1314037 | | | |
| | | Шарбат | х.к.ш. | 5254 | 5815 | 5139 | | | |
| 2 | ҶММ «Шараф» | Равған | тн | 309 | 210 | 85 | 2868298 | 2906605 | 1351341 |
| | | Кунҷора | тн | 1545 | 1294,1 | 500 | | | |
| 3 | ҶММ «Элитаи Истаравшан» | Консерва | х.к.ш. | 627,8 | 497,6 | 158,4 | 600264 | 720861 | 208852 |
| 4 | ҶММ «Авис и К» | Шарбат | х.к.ш. | 764,9 | 0 | 0 | 660825 | 44959 | 0 |
| | | Орд | Тн | 49,7 | 26,4 | 0 | | | |
| 5 | ҶММ «Кова» | Хишт | х.дона | 402 | 877,8 | 888,3 | 477622 | 609277 | 868501 |
| 6 | ҶММ «Ноҳид» | Калобаи пахтагӣ | Тн | 102,5 | 81,9 | 56,9 | 1037817 | 960565 | 868501 |
| | | Трикотаҷ | Тн | 15 | 1,0 | 14 | | | |
| 7 | С.И. «Сангинов» (ҶММ «Нодир-2000») | Орд | Тн | 366,7 | 192,6 | 105,9 | 729750 | 627780 | 572070 |
| | | Сабӯс | Тн | 84,9 | 44,9 | 4,8 | | | |
| 8 | ҶС «Сафеда» | Равган | Тн | 89,1 | 84,8 | 78,2 | 1172980 | 1210149 | 1258986 |
| | | Кунҷора | Тн | 495,2 | 510,4 | 434,7 | | | |
| | | Ҷурғот | Тн | 21,1 | 26,3 | 26,3 | | | |
| 9 | ҶС «Матбуоти Уротеппа» | Варақа | В.нашри | 111,8 | 87,0 | 168,5 | 288932 | 401625 | 401725 |
| | | Рӯзнома | х.нусха | 756,3 | 2194,4 | 774,4 | | | |
| | | Мӯхр | Сомонӣ | 3785 | 3640 | 2073 | | | |
| 10 | ҶС «Файз» | Маҳс.оҳан | Метр | 885 | 983 | 1028 | 548975 | 570968 | 599230 |
| 11 | ҶММ «Суруш» (собиқ ҶСП «Холдинги Камолот» | М. дӯхта | дона. | 71829 | 57014 | 1214602 | 1018898 | 1256538 | 1550961 |
| | | Дару тиреза | Дона | 1030 | 1400 | 1410 | | | |
| 12 | ҶСП «Мк Баракат» | Орд | Тн | 420 | 943,9 | 1467,6 | 813540 | 2360749 | 3114111 |
| | | Сабӯс | Тн | 111,3 | 260,5 | 431,6 | | | |
| 13 | ҶС «Исмоили Сомонӣ» | Нон | Тн | 156 | 167,2 | 181,3 | 269341 | 279783 | 310413 |
| 14 | ҶС «Маркази технологӣ» | М.спиртӣ | декалитр | 46,1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| 15 | ҶС «Шароббарорӣ» | М. спиртӣ | х.декалитр | 3,35 | 1021,7 | 1056,4 | 38809 | 38880 | 22770 |
| 16 | ҶММ «Ҳадид» | Аломатҳои роҳ | Сомонӣ | 36226 | 45521 | 75944 | 204600 | 251000 | 307500 |
| | | Дигар | Сомонӣ | 168374 | 205479 | 231556 | | | |

| № | Номи корхона | | | Истеҳсоли маҳсулот дар шакли аслӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот дар шакли пулӣ (ҳазор сомонӣ) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Номгуи маҳсулот | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
| 17 | ҶС «Нексоз» | Молҳои дӯхта | Сомонӣ | 31990 | 35299 | 52929 | 79950 | 89544 | 132326 |
| | | Молҳои маишӣ | Сомонӣ | 47960 | 54245 | 79397 | | | |
| 18 | Ҷамъияти Аъмоён | Кӯрпа (матрас) | Дона | 251 | 138 | 24100 | 20043 | 22009 | 24100 |
| | | Симтӯр | Сомонӣ | 0 | 8654 | 0 | | | |
| 19 | ҶММ «Куруши Кабир» | Пиво | Декалитр | 3350 | 4663 | 5550 | 46230 | 124400 | 208000 |
| 20 | ҶММ «Саддам» | Махсулоти гуногун | Сомонӣ | 28621 | 29061 | 31351 | 1030 | 1400 | 1410 |
| 21 | ҶММ «П. Комилов» | Махсулоти гуногун | Сомонӣ | 5254 | 5815 | 5139 | 36226 | 45521 | 75944 |
| 22 | ҶММ «Дурдона» | Махсулоти гуногун | Сомонӣ | 548975 | 570968 | 599230 | 47960 | 54245 | 79397 |
| 23 | ҶММ «Хуршеди Истаравшан» | Махсулоти гуногун | Сомонӣ | 71829 | 57014 | 1214602 | 3785 | 3640 | 2073 |

Тибқи маълумоти оморӣ, дар соли 2014 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар корхонаҳои шаҳри Истаравшан хеле афзоиш ёфт. Бар ивази 207 млн. 152,5 ҳазор сомонии нақшавӣ, ба маблағи 263 млн. 454,9 ҳазор сомонӣ маҳсулоти хушсифат истеҳсол гардид, ки аз нақша 127,2 % (ё 56 млн.302,4 ҳаз. сомонӣ) зиёд мебошад. Яке аз омилҳои асосии зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ин аз тарафи соҳибкорон ворид намудани таҷҳизотҳои гуногуни технологии муосир мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки солҳои охир саҳми корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилояти Суғд торафт зиёд гардида истодааст. Тибқи нишондиҳандаҳои барномавӣ пешбинӣ мешавад, ки дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар шаҳри Истаравшан нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2014 ба андозаи 1,5 маротиба зиёд гардида, то ба 416 млн. 006,9 ҳаз. сомонӣ мерасад.

Дар ин радиф бояд қайд намуд, ки дастовардҳои саноатии шаҳри Истаравшан асосан аз ҳисоби рушди бемайлони ҶСП «Оби Зулол» ва дигар корхонаҳои хурди истеҳсоли маводи сохтмон таъмин шуда истодааст. Чунончӣ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саҳми корхонаи номбурда соли 2014 дар ташаккули маҷмӯъи маҳсулоти саноатии шаҳри Истаравшан ба 67,2% баробар гардидааст. Ҳамзамон, ҷиҳати рушди бонизоми соҳаи саноати шаҳр дар ҶС “Мк Баракат” 2 таҷҳизоти технологии истеҳсоли Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дар ҷамъияти саҳомии “Нексоз” бошад, таҷҳизоти технологии истеҳсоли дару тирезаҳои пластикӣ насб карда шуданд.

Дар шароити кунунӣ корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан иқтидорҳои лоиҳавии истеҳсолиашонро аз 9 дарсад то 85 дарсад истифода менамоянд. Махсусан истифодаи ночизи иқтидорҳои истеҳсолӣ дар ҷамъияти саҳҳомии «Шароббарорӣ» ба қайд гирифта шудааст.

Ҳоло соҳаи саноат тахминан 14,1% (дар соли 2014 зиёда аз 11,9 млн.сомонӣ) қисми воридотии буҷети маҳаллии шаҳри Истаравшанро таъмин менамояд ва дар оянда бо назардошти истифодаи иқтидорҳои бекорхобида ва таъсиси коргоҳҳои нав, ин нишондиҳанда бояд то 40% зиёд карда шавад. Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати шаҳр тибқи дурнамо дар панҷ соли оянда ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

Таҳлили нишондиҳандаҳои истеҳсоли маҳсулот дар намуди аслӣ нишон медиҳад, ки соли 2014 истеҳсоли хишт, консерваҳои мевагию сабзавотӣ, маҳсулоти пахтагӣ, варақаҳо ва спирти хом, нисбати соли 2012-ум кам шудааст. Агар сабаби кам шудани истеҳсоли консерваҳои мевагию сабзавотӣ ба омилҳои мавсимию табиӣ вобастагӣ дошта бошад, пас камшавии ҳаҷми истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулот ба қиматшавии

арзиши ашёи хом, ба талабот ҷавобгӯ набудани сифати он, фарсуда ва кӯҳна шудани таҷҳизоти корхонаҳо, ҷудо нашудани квотаҳои зарурӣ ба корхонаҳои истеҳсолкунандаи спирт ва дигар омилҳо арзёбӣ мегардад.

*Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ*
*дар солҳои 2011-2014 бо нархҳои муқоисавӣ (млн.сомонӣ)*




Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии шаҳр бо ифодаи пулӣ дар соли 2014 нисбати соли 2012 ба 158% зиёд гардидааст. Истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ 22,7%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии шаҳрро ташкил менамояд.

Дар давоми солҳои 2012-2014 ҳамагӣ 5 корхонаи нави саноатӣ ба фаъолият шурӯъ карданд, ки дар онҳо 157 ҷои корӣ таъсис дода шудааст.

Дар корхонаҳои саноатии шаҳр 2381 нафар коргарон (22,4%-и бо кор таъмин будагон дар шаҳр) фаъолият мекунанд, ки 866 (ё 39,3%) нафарашон занҳо мебошанд. Музди миёнаи меҳнати корхонаҳои саноатӣ соли 2014 беш аз 651 сомониро ташкил кард. Маблағи пардохти андоз ба буҷети маҳаллӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ дар соли 2014 ҳамагӣ 11,9 млн.сомонӣ (ё худ 14,1% даромади буҷетро) ташкил дод.

Корхонаҳои саноатӣ бо қувваи корӣ таъмин мебошанд, вале бо вуҷуди он дар баъзе корхонаҳо норасоии мутахассисони баландихтисос эҳсос карда мешавад.

Шаҳру деҳоти Истаравшан аз захираҳои табиӣ, ба монанди фосфоритҳо, ашёи хоми табии барои истеҳсоли рангҳои молиданӣ, масолеҳи бинокорӣ, санги хоро ва мармар бой мебошад. Инчунин, захираҳои калони канданиҳои маъмули умум (санг, хок, шағал, рег) мавҷуданд.

**Ҳолати корхонаҳои саноатӣ.** Корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан бо таҷҳизоти технологии истеҳсолӣ муҷаҳҳаз мебошанд, вале як қисми онҳо (55%) фарсуда гашта, ба раванди истеҳсолот ва сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда таъсири манфӣ мерасонанд.

*Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан*

| № | Номгӯи корхонаҳо | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори истеҳсолӣ | Иқтидори истеҳсолии воқеъӣ | Ҳолати иноватсионӣ | Истеъмол-кунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | ҶСП «Оби Зулол» | Нӯшокиҳо | Ҳазор декалитр | 3500,0 | 3001,9 | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| | | Шарбат | Қутии шартӣ | 6-8тн/соат | 15/соат | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| № | Номгӯи корхонаҳо | Номгӯи маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори истеҳсолӣ | Иқтидори истеҳсолии воқеъӣ | Холати иноватсионӣ | Истеъмол-кунандагон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | ҶММ «Шараф» | Равган | Тн | 500 | 4,5/ шабонарӯз | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | ҶММ «Элитаи Истаравшан» | Консерва | Қутии шартӣ | 1000,0 | 540,9 | хуб | Россия, Тоҷикистон |
| 4 | ҶДММ «П.Комилов» | Хишт | ҳ. дон | 450/мавсимӣ | 450/мавсимӣ | хуб | Россия, Тоҷикистон |
| 5 | ҶММ «Кова» | Хишт | х.дона | 1,5млн/сол | 1 млн/сол | Кӯҳнаю фарсуда | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6 | ҶММ «Ноҳид» | Махсулоти пахтагӣ | ҳ.сом. | 500кг/рӯз | 7,4 млн/сол | Кӯҳнаю фарсуда | Белорусия |
| 7 | ҶММ «Нодир-2000» | Орд, сабӯс | Тн | 3,5/ шабонарӯз | Бо талабот | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 8 | ҶС «Сафеда» | Равган | Тн | 5/ шабонарӯз | 2,2/ шабонарӯз | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 9 | ҶС «Матбуот» | Варақа, рӯзнома, мӯҳрҳо | ҳ. сом | 450 | 401/сол | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10 | ҶС «Файз» | Маҳсулотҳои оҳан | ҳ. сом | 969/сол | 570/сол | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11 | ҶСП «Суруш» (собиқ «Холдинги Камолот») | Маҳсулоти дузандагӣ | млн.сом. | 7,0/сол | 1,6/сол | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12 | ҶС «Мк Баракат» - собиқ ҶМ «Орди Истаравшан» | Орд | тн | 100/ шабонарӯз | 30/ шабонарӯз | Нав | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 13 | ҶСК «Исмоили Сомонӣ» | Нон | Тн | 1/ шабонарӯз | 0,75/ шабонарӯз | Кӯҳнаю фарсуда | шаҳри Истаравшан |
| 14 | ҶС «Файзи Истаравшан» | маҳсӯлоти дӯхта | ҳ. дон | 70/сол | 56/сол | хуб | Россия, Тоҷикистон |
| 15 | ҶДММ «Дурдона» | хишт | ҳ. дон | 3000/ шабонарӯз | 2,2/ шабонарӯз | Кӯҳнаю фарсуда | Тоҷикистон, Қирғизистон |
| 16 | ҶММ «Ҳадид» | Аломати роҳ ва хизматрасониҳо | ҳ.сом | 514/сол | 251/сол | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 17 | Ҷамъияти аъмоён | Молҳои ҳархела | ҳ.дона | Бо талабот | Бо талабот | Кӯҳнаю фарсуда | шаҳри Истаравшан |
| 18 | ҶС «Нексоз» | м. дӯхта | ҳ.ҷуфт | 81/сол | 81/сол | хуб | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 19 | ҶДММ «Куруши Кабир» | Оби ҷав, шарбати меваҳо | Декалитр | 10000/сол | 6700/сол | хуб | Вилояти Суғд |
| 20 | ҶДММ «Саддам» | Хишт | ҳ.дона | 250/сол | 195/сол | хуб | Вилояти Суғд |
| 21 | ҶММ «Саддам» | Молҳои ҳархела | ҳ.сом | Бо талабот | Бо талабот | хуб | Вилояти Суғд |
| 22 | ҶММ «П. Комилов» | Молҳои ҳархела | ҳ.сом | Бо талабот | Бо талабот | хуб | Вилояти Суғд |
| 23 | ҶММ «Дурдона» | Молҳои ҳархела | ҳ.сом | Бо талабот | Бо талабот | хуб | Вилояти Суғд |
| 24 | ҶММ «Хуршеди Истаравшан» | Молҳои ҳархела | ҳ.сом | Бо талабот | Бо талабот | хуб | Вилояти Суғд |

Тибқи барномаи мазкур, дар мадди аввал рушди соҳаҳои истифодабарандаи ашёи хоми маҳаллӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамзамон, таъсиси корхонаҳои хурд қарор дода мешавад. Тадбирҳои асосии Барномаи номбурда барои давраи то соли 2020, дарёфти сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои бо технологияи муосир таҷҳизонидани корхонаҳои саноатӣ, бунёди корхонаҳои нав барои коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, истифодаи иқтидорҳои мавҷуда барои қонеъ намудани талаботи бозори дохилӣ ва зиёд намудани иқтидори содиротии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ мебошанд.

Ҷамъияти саҳҳомии «Оби Зулол» ҳамчун Корхонаи муштараки «Оби Зулол» соли 2000 ба фаъолият шурӯъ намуда, 276 нафарро бо ҷойи корӣ таъмин намуд. Корхона бо технологияи навтарини истеҳсоли Британияи Кабир муҷаҳҳаз буда, ба истеҳсоли нӯшокиҳои ташнашикан машғул мебошад. Соли 2008 дар корхонаи мазкур ба маблағи тақрибан 10 млн. сомонӣ, хатти истеҳсоли шарбатҳои мевагӣ васл карда шуд. Дар соли 2013-2014 аз ҷониби корхонаи ҶС «Оби Зулол» таҷҳизоти муосири итолиёвӣ ба маблағи 7 млн.600 ҳаз.евро ворид намуда, васл карда шуд ва дар истеҳсолот ҷорӣ карда шуд.Музди миёнаи меҳнати кормандони ҶС «Оби Зулол» дар байни корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан аз ҳама баландтарин буда, то 1903,6 сомониро ташкил медиҳад. Маҳсулоти корхона ҳатто дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир мебошад. Имрӯзҳо маҳсулоти корхонаи мазкур ба кишварҳои ҳамсоя низ, содирот мешавад.

***Иқтидор.*** Ҳамсарҳад будани шаҳри Истаравшан бо вилояти Сирдарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва гузаштани шоҳроҳи «Душанбе-Хуҷанд-Бӯстон-Чанок» аз ҳудуди шаҳри Истаравшан, ба рушди иқтидори саноатии он таъсири мусбӣ мерасонад. Корхонаҳои шаҳр ҳудуди васеъ ва анбору биноҳои зиёде доранд, ки барои таъсис додани сеххои нав ҷиҳати коркарди маҳсулоти дар бозор рақобатпазир ва серхаридор нақши калон мебозанд. Мақсади асосии рушди саноати шаҳр, диверсификатсияи истеҳсолоти саноатӣ, таъмини истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда ва таъғири сохтори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, ташкили корхонаҳои нав, хусусан корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи бинокорӣ ва коркарди пурраи маҳсулоти кишоварзӣ маҳсуб меёбад.

Иқтидори бузурги корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан ба пуррагӣ истифода намешаванд. Дар шаҳр зарурати ҷорӣ намудани раванди дастгирии рушди корхонаҳое, ки дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият менамоянд, аз ҷумла коркарди маҳсулоти мевагӣ ва сабзавоти маҳаллӣ ба миён омадааст.

Манбаи асосии афзун гардонидани нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар шаҳр, ин таъсиси корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ, аз ҷумла коркарди ширу гӯшт, коркарди меваю сабзавот, рушди бахшҳои бофандагию дӯзандагӣ, коркарди пӯст ва маҳсулот аз он, коркарди пашм, ба шумор меравад. Дар ҳолати эҳёи фаъолияти коргоҳҳои бекорхобида, имконияти зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меояд ва ин омил метавонад рушди бемайлони шаҳрро таъмин намояд. Бинобар ин ба истеҳсоли ин намудҳои маҳсулот диққати ҷиддӣ дода шуда, барои сол аз сол зиёдшавии он бо ҷалби сармояи берунаву дохилӣ корҳои назаррасро бояд иҷро кард.

Маҳсулоти асосие, ки ба хориҷи кишвар содир мешавад, ин нахи пахта ва консерваҳои мевагӣ мебошад. Бинобар ин ба истеҳсоли ин намудҳои маҳсулот диққати ҷиддӣ дода шуда, сол аз сол зиёдшавии он пешбинӣ мегардад.

Дар корхонаҳои истеҳсоли маводи сохтмон корҳои барқарорсозӣ ва реконструксия бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти оҳану бетон, коркарди ҷӯбу тахта, истеҳсоли семент бо ҷалби сармояи берунаву дохилӣ дар назар дошта шудааст.

Ҷои муҳим дар иқтисодиёти шаҳр ба рушди соҳибкории хурду миёна дода мешавад, ки ҳиссаи он дар соли 2014 ба 38,8% ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ ва 14,6% ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ рост омадааст. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ зери таъсири манфии норасоии маблағҳои зарурӣ (инчунин қарзҳои имтиёзнок), рушди ғайриқаноъатбахши бозори қоғазҳои қимматнок (аксияҳои ҷамъиятҳои саҳҳомӣ), мавҷуд набудани раванди мукаммали андозбандӣ ва дастгирии сусти давлатӣ идома дорад.

Барои рушди минбаъдаи соҳаи саноат дар доираи Барномаи мазкур чораҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- сохтмони корхонаҳои нав бо назардошти коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва пешниҳоди маҳсулот ба бозори истеъмолӣ;
- ба роҳ мондани истеҳсоли навъҳои нави маҳсулот дар корхонаҳои амалкунандаи шаҳр;
- дастгирӣ намудани ташаббусҳои соҳибкорон ва бахши хусусӣ ҷиҳати бунёду рушди истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳр.

Омилҳои дигари паст шудани даромаднокии баъзе корхонаҳои саноатӣ, бад шудани ҳолати инфрасохтори мавҷуда, истифодаи таҷҳизоти кӯҳна, истифода набурдани усулҳои нави менеҷмент ва маркетинг дар корхонаҳо, набудани инвеститсияи дохилию берунӣ барои рушди соҳа, номукаммал будани низоми андозбандӣ, норасогии нерӯи барқ дар фасли зимистон, нокифоягии дастгирии давлатӣ ва баланд будани фоизи қарзҳои бонкӣ аст.

Таҷҳизотҳои қисме аз корхонаҳои саноатии шаҳр кӯҳна ва аз ҷиҳати маънавӣ фарсуда буда, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯӣ нестанд. Бинобар ин маҳсулоти истеҳсолшудаи онҳо чӣ дар бозори дохилӣ ва чӣ дар бозори беруна рақобатпазир нест.

Тибқи барномаи мазкур, то соли 2020 дар шаҳри Истаравшан ба кор андохтани 22 корхонаи нави хурду миёнаи саноатӣ дар назар дошта шудааст.

**Дурнамо.** Яке аз афзалиятҳои асосии рушди соҳаи саноати шаҳр тибқи дурнамо дар панҷ соли оянда (2016-2020) ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар ин замина 29% зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ мебошад.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамои рушди шаҳри Истаравшан, болоравии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2018 нисбати соли 2014 ба 161,7% аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидорҳои саноатии нав ва истифодаи технологияҳои муосири коркарди ашёи хоми маҳаллӣ дар назар аст. Аз рӯи нақшаи нишондиҳандаҳои дурнамо бо назардошти таҷҳизонидани корхонаҳо бо технологияи нав ва пурра ба кор даровадани иқтидорҳои мавҷудаи онҳо, таъсиси корхонаҳои нави хурду миёна, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2018 дар қиёс ба соли 2014 қариб 60 фоиз зиёд хоҳад шуд. Ҳамзамон дар Барнома ба истифода додани 22 корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ пешбинӣ мегардад.

Тибқи нақшаи дурнамо дар шаҳри Истаравшан расонидани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то соли 2020 то ба 400,0 млн. сомонӣ пешбинӣ гардидааст.




*Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020 бо нишондиҳандаҳои арзишӣ. (ҳазор сомонӣ)*

Дар давоми солҳои 2015–2016 оиди баланд намудани иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолии корхонаҳои калони саноатии шаҳри Истаравшан, ба монанди ҶСП “Оби Зулол”, ҶММ «Суруш», ҶС «Файз», ҶММ “Нексоз”, ҶСШК “Исмоили Сомонӣ” ва дигарон чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Аз он ҷумла, дар ҶДММ “Файзи Истаравшан” ба камбудиву мушкилиҳои ҷойдошта нигоҳ накарда, дар соли 2015 ба нақша гирифта шудааст, ки иқтидори истеҳсоли маҳсулотро бо харидани мошинаҳои нави дӯзандагӣ васеъ намуда, дар як вақт барои занону духтарони шаҳру деҳот 24 ҷойҳои нави корӣ муҳайё намояд.

| Нишондихандахо, Нишондиҳандаҳои арзишӣ - бо ду нарх ифода мешаванд: сурат - бо нархҳои дахлдор махраҷ - бо нархҳои муқоисавии соли 2014. | с. 2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % нисбати с.2015 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 |
| Саноат | | | | | | | | |
| Махсулоти саноати (корхо хизматрасонихо) бо нарххои яклухти корхонахо дар корхонахои дорои шаклхои гуногуни моликият – ҳамагӣ | 265968,0 | 373203,9 | 384400,0 | 103 | 388244,0 | 392126,4 | 396047,7 | 400008,2 |
| | | 319585,9 | 329173,5 | 103 | 332465,2 | 335789,8 | 339147,7 | 342539,2 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| ҶСП «Оби Зулол» | 170871,7 | 200000,0 | 206000,0 | 103 | 208000,0 | 210000,1 | 216300,1 | 222789,1 |
| | | 185435,8 | 190998,9 | 103 | 192908,9 | 194837,9 | 200683,0 | 206703,5 |
| ҶММ «Шараф» | 1351,3 | 1891,8 | 1948,5 | 103 | 1967,9 | 1987,6 | 2047,2 | 2108,6 |
| | | 1621,5 | 1670,1 | 103 | 1686,8 | 1703,7 | 1754,8 | 1807,4 |
| ҶДММ «Элитаи Истаравшан» | 208,8 | 292,3 | 301,0 | 103 | 304,0 | 307,0 | 316,2 | 325,9 |
| | | 250,5 | 258,0 | 103 | 260,6 | 263,2 | 271,1 | 279,2 |
| ҶДММ «Коваи Истаравшан» | 868,5 | 1215,9 | 1252,4 | 103 | 1264,9 | 1277,5 | 1315,8 | 1355,3 |
| | | 1042,2 | 1073,5 | 103 | 1084,2 | 1095,0 | 1127,8 | 1161,7 |
| ҶДММ «Ноҳид» | 882,9 | 1236,0 | 1273,1 | 103 | 1285,8 | 1298,6 | 1337,6 | 1377,7 |
| | | 1059,5 | 1091,3 | 103 | 1102,2 | 1113,2 | 1146,6 | 1180,9 |
| ҶДММ «Нодир-2000» | 572,0 | 800,8 | 824,8 | 103 | 833,0 | 841,3 | 866,5 | 892,5 |
| | | 686,4 | 706,9 | 103 | 713,9 | 721,0 | 742,6 | 764,9 |
| ҶСШК «Исмоили Сомонӣ» | 310,4 | 434,5 | 447,5 | 103 | 451,9 | 456,4 | 470,1 | 484,2 |
| | | 744,9 | 767,2 | 103 | 774,9 | 782,6 | 806,1 | 830,3 |
| ҶСП «Сафеда» | 1258,9 | 1762,4 | 1815,3 | 103 | 1833,4 | 1851,7 | 1907,2 | 1964,5 |
| | | 1510,6 | 1555,9 | 103 | 1571,5 | 1587,6 | 1635,2 | 1684,3 |
| ҶДММ «Матбуоти Уротеппа» | 401,7 | 562,3 | 579,2 | 103 | 584,9 | 590,7 | 608,4 | 626,7 |
| | | 482,0 | 496,5 | 103 | 501,5 | 506,5 | 521,7 | 537,3 |
| ҶСК «Файз» | 599,2 | 838,8 | 863,9 | 103 | 872,5 | 881,2 | 907,6 | 934,9 |
| | | 719,0 | 740,6 | 103 | 748,0 | 755,0 | 777,6 | 800,9 |
| ҶСП «Суруш» | 881,9 | 1085,6 | 1118,2 | 103 | 1129,4 | 1140,7 | 1174,9 | 1210,2 |
| | | 983,8 | 1013,3 | 103 | 1023,4 | 1033,6 | 1064,6 | 1096,5 |
| ҶСП «Корпоратсияи Истаравшан» | 669,0 | 1085,6 | 1118,2 | 103 | 1129,4 | 1140,7 | 1174,9 | 1210,2 |
| | | 877,3 | 903,6 | 103 | 912,6 | 921,7 | 949,4 | 977,8 |
| ҶСП «Мк Баракат» | 3114,1 | 4359,7 | 4490,5 | 103 | 4535,4 | 4580,7 | 4718,1 | 4859,7 |
| | | 3736,9 | 3849,0 | 103 | 3887,5 | 3926,4 | 4044,2 | 4165,5 |
| ҶДММ «ҳадид» | 307,5 | 430,5 | 443,4 | 103 | 447,8 | 452,3 | 465,9 | 479,8 |
| | | 369,0 | 380,1 | 103 | 383,9 | 387,7 | 399,3 | 411,3 |
| ҶММ «Нексоз» | 132,3 | 172,6 | 177,8 | 103 | 179,6 | 181,4 | 186,8 | 192,4 |
| | | 152,4 | 156,9 | 103 | 158,5 | 160,1 | 164,9 | 169,8 |
| Ҷамъияти аъмоён | 24,1 | 33,7 | 34,7 | 103 | 35,0 | 35,3 | 36,4 | 37,5 |
| | | 28,9 | 29,8 | 103 | 30,1 | 30,4 | 31,3 | 32,2 |
| ҶДММ «Файзи Истаравшан» | 818,6 | 1146,0 | 1180,4 | 103 | 1192,2 | 1204,1 | 1240,2 | 1277,4 |
| | | 982,3 | 1011,8 | 103 | 1021,9 | 1032,1 | 1063,1 | 1094,9 |
| ҶДММ «Хуршеди Истаравшан» | 1784,3 | 2498,0 | 2572,9 | 103 | 2598,6 | 2624,6 | 2703,3 | 2784,4 |
| | | 2141,1 | 2205,4 | 103 | 2227,4 | 2249,7 | 2317,2 | 2386,7 |
| ҶДММ «Дурдона» | 515,9 | 722,7 | 744,4 | 103 | 751,8 | 759,3 | 782,1 | 805,5 |
| | | 619,3 | 637,9 | 103 | 644,3 | 650,7 | 670,2 | 690,3 |
| ҶДММ «Пӯлод Комилов» | 199,5 | 279,3 | 287,7 | 103 | 290,6 | 293,5 | 302,3 | 311,4 |
| | | 239,4 | 246,6 | 103 | 249,1 | 251,6 | 259,1 | 266,9 |
| ҶДММ «Куруши Кабир» | 208,0 | 291,2 | 299,9 | 103 | 302,9 | 305,9 | 315,1 | 324,5 |
| | | 499,2 | 514,2 | 103 | 519,3 | 524,5 | 540,2 | 556,4 |
| ҶММ «Саддам» | 106,1 | 148,5 | 152,9 | 103 | 154,4 | 155,9 | 160,6 | 165,4 |
| | | 127,3 | 131,1 | 103 | 132,4 | 133,7 | 137,7 | 141,8 |
| ҶММ «Агробизнес» | 148,7 | 208,2 | 214,4 | 103 | 216,5 | 218,7 | 225,3 | 232,0 |
| | | 178,4 | 183,7 | 103 | 185,5 | 187,3 | 192,9 | 198,7 |

| Нишондихандахо, Нишондиҳандаҳои арзишӣ - бо ду нарх ифода мешаванд: сурат - бо нархҳои дахлдор махраҷ - бо нархҳои муқоисавии соли 2014. | с. 2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % нисбати с.2015 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 |
| ҶММ «Шаҳло» | 514,3 | 720,0 | 741,6 | 103 | 749,0 | 756,5 | 779,2 | 802,6 |
| | | 617,1 | 635,6 | 103 | 641,9 | 648,3 | 667,7 | 687,8 |
| ҶММ «Ҳоҷи Абдусаттор» | 168,0 | 235,2 | 242,2 | 103 | 244,6 | 247,0 | 254,4 | 262,0 |
| | | 201,6 | 207,6 | 103 | 209,7 | 211,8 | 218,1 | 224,7 |
| ҶММ «Покиза-2013» | 1351,2 | 1891,6 | 1948,3 | 103 | 1967,8 | 1987,5 | 2047,1 | 2108,5 |
| | | 1621,4 | 1670,0 | 103 | 1686,7 | 1703,6 | 1754,7 | 1807,3 |
| ҶММ «Нурпласт» | 222,0 | 310,8 | 320,1 | 103 | 323,3 | 326,5 | 336,3 | 346,4 |
| | | 266,4 | 274,4 | 103 | 277,1 | 279,9 | 288,2 | 296,9 |
| Ҷамъи корхонахои ӯхдадоригирифта | 188623,2 | 264921,3 | 272868,9 | 103 | 275597,6 | 278353,6 | 286704,2 | 295305,3 |
| | | 226772,2 | 233575,4 | 103 | 235911,1 | 238270,2 | 245418,3 | 252780,8 |
| Дигар корхонаҳои хурди шаҳр | 3119,3 | 4367,0 | 4498,0 | 103 | 4542,9 | 4588,3 | 4725,9 | 4867,7 |
| | | 3743,1 | 3855,4 | 103 | 3893,9 | 3932,8 | 4050,8 | 4172,3 |
| Сектори хусусӣ | 65195,1 | 91273,1 | 94011,3 | 103 | 94951,4 | 95900,9 | 98777,9 | 101741,3 |
| | | 78234,1 | 80581,1 | 103 | 81386,9 | 82200,8 | 84666,8 | 87206,8 |
| Хизматрасонӣ | 9030,4 | 12642,5 | 13021,8 | 103 | 13152,0 | 13282,5 | 13680,9 | 14091,4 |
| | | 10836,4 | 11161,5 | 103 | 11273,1 | 11385,8 | 11727,3 | 12079,2 |

Дар ҶСК "Файз" дар соли 2014 ҳаҷми маҳсулот 599,2 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 тақрибан 28,3 ҳазор сомонӣ зиёд буда, дар назар аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро аз иқтидорҳои мавҷуда зиёд намуда, шумораи коргаронро то ба 27 нафар расонад. Захира ва имкониятҳо барои боз ҳам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, бо мавҷудияти биноҳои истеҳсолӣ, анборҳо, қувваи барқ, об мавҷуд мебошад, ки он ниёз ба ҷалби инвеститсияҳои дохилию хориҷӣ дорад, зеро ҷамъият барои тараққиёти истеҳсолӣ маблағи кофӣ надорад.

ҶСШК "Исмоили Сомонӣ" чанд сол инҷониб дар асоси шартномаи СММ аз рӯи Барномаи Озуқаворӣи Ҷаҳонӣ оиди пухтани нон (хлеб) қисман барои муассисаҳои таълимии деҳоти дар ҳамкорӣ бо Раёсати Маорифи шаҳри Истаравшан фаъолият намуда, ҳамасола нақшаҳои худро пурраву барзиёд иҷро менамояд. Дар соли 2014 корхонаи номбурда ба маблағи 310143 сомонӣ ё ба миқдори 181,3 тонна маҳсулот истеҳсол намуда, нақшаи солонаро аз рӯи дурнамои соли 2014 ба андозаи 110,7% иҷро намуд.

Роҳбарияти корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан ин равандро идома дода, дар солҳои оянда низ ният доранд, нақшаҳои дурнамои солҳои 2016-2020-ро бо сарбаландӣ иҷро намоянд.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди "Нексоз" истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ ва маҳсулоти маданӣ-маиширо ба роҳ мондааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ширкати зикршуда дар соли 2014 беш аз 132,3 ҳаз. сомониро ташкил дод, ки назар ба соли 2013, 147,8% зиёд мебошад. Дар соли 2015 корхона бунёди боз як коргоҳи нави истеҳсоли дару тирезаҳои пластикиро ба нақша гирифтааст, ки ин ба 12% зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва ташкили 12 ҷойи нави корӣ мусоидат хоҳад намуд.

ҶСП "Холдинги Камолот" нақшаи истеҳсолиашро (хизматрасониро) мукаммал намуда, дар ҳаҷми 1 млн. 550,9 ҳаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки он 123,4%-ро ташкил намуд. Тибқи маълумотномаи роҳбарияти корхона, дар соли 2015 коргоҳ ба ду қисм, яъне ба ҶСШК "Суруш" ва ҶСП "Корпоратсияи Истаравшан" тақсим шуда, дар оянда дар назар аст, ки нақшаҳои истеҳсолиро низ саривақт ва барзиёд иҷро менамоянд.

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар соли 2014 дар соҳаи саноати шаҳри Истаравшан ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоту хизматрасониҳо дар сектори хусусӣ ва дар ҳамаи корхонаҳои хурди истеҳсоли хуб ба роҳ монда шуда, иҷроиши нақшаҳои истеҳсолӣ ба 300,7 фоиз баробар гардид, ки ин ба 65 млн. 195 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.

*Нишондиҳандаҳо ва параметрҳои дурнамои рушди соҳаи саноатии шаҳри Истаравшан дар солҳои 2016-2020*

| Нишондҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % нисбати с.2014 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 |
| Саноат | | | | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсӯлоти саноатӣ (дар шакли асл) дар корхонаҳои дорои ҳамагуна шакли моликият бо нишон до-дани тобеъяти идоравии онҳо (бо ченакҳои дахлдор) | | | | | | | | |
| ҶСП «Оби Зулол» | | | | | | | | |
| Нӯшокиҳои ташнашикани ранга (ҳазор дал.) | 5471529 | 6292258 | 6606870,9 | 105 | 6672939,6 | 6739669 | 6807066 | 6875136 |
| Обҳо (минералӣ ва нӯшокӣ) (х. дал) | 1314037 | 1511142 | 1586699 | 105 | 1602566 | 1618592 | 1634778 | 1651126 |
| Шаҳду шарбат (ҳазор қ/ш) | 5139 | 5910 | 6205,5 | 105 | 6267,5 | 6330,2 | 6393,5 | 6457,4 |
| Хамираи мева (ҳазор қ/ш) | 1220,0 | 1403 | 1473,1 | 105 | 1487,8 | 1502,6 | 1517,6 | 1532,8 |
| ҶММ «Шараф» | | | | | | | | |
| Равған (тн) | 85 | 97,7 | 102,5 | 105 | 105,9 | 106,9 | 107,8 | 109,0 |
| ҶММ «Элитаи Истаравшан» | | | | | | | | |
| Маҳсулоти консервагӣ (тӯб) | 158,4 | 182,1 | 191,2 | 105 | 193,1 | 195,0 | 196,9 | 198,9 |
| ҶММ «Ноҳид» | | | | | | | | |
| Калобаи трикотаҷӣ | 56,9 | 58,0 | 60,2 | 105 | 60,8 | 61,4 | 62,0 | 62,6 |
| Матои трикотаҷӣ | 14,0 | 15,0 | 15,7 | 105 | 15,8 | 115,9 | 117,0 | 118,2 |
| Маҳсулоти тайёри трикотаҷӣ (майка ва тагпӯши мардона). | 4950 | 8000 | 8400 | 105 | 6464 | 6528 | 6593,3 | 6659,2 |
| ҶДММ «Нодир-2000» | | | | | | | | |
| Орди навъи 1-ӯм (тн) | 105,9 | 116,4 | 122,2 | 105 | 123,4 | 124,6 | 125,8 | 127,1 |
| Орди навъи 2-ӯм (тн) | 42 | 46,2 | 48,5 | 105 | 48,9 | 49,3 | 49,8 | 50,3 |
| Сабӯс | 4,8 | 5,2 | 5,5 | 105 | 5,6 | 5,7 | 5,8 | 5,9 |
| ҶСП «Сафеда» | | | | | | | | |
| Равгани пахта (кг) | 78,3 | 90,0 | 94,5 | 105 | 95,4 | 96,3 | 97,2 | 98,2 |
| Кунҷора (кг) | 434,7 | 500 | 525 | 105 | 530,2 | 535 | 540,3 | 545,7 |
| Ҷурғот | 26,3 | 30,0 | 31,5 | 105 | 31,8 | 32,1 | 32,4 | 32,7 |
| ҶДММ «Матбуоти Ӯротеппа» | | | | | | | | |
| Бланкаҳои варақаи нашрӣ | 168,5 | 202,2 | 212,3 | 105 | 214,4 | 216,5 | 218,7 | 220,8 |
| Рӯзнома (ҳазор нусха) | 774,4 | 929,2 | 975,6 | 105 | 985,3 | 995,1 | 1005 | 1015 |
| Меҳр (Сомонӣ) | 2073,0 | 2487,6 | 2612 | 105 | 2638 | 2664 | 2690,6 | 2717,5 |
| ҶСК «Файз» | | | | | | | | |
| Дарвозаи оҳанин (дона) | 119 | 130,9 | 137,4 | 105 | 138 | 140 | 141,4 | 142,8 |
| Маҳсулоти оҳанин (метр) | 731 | 804,1 | 844,3 | 105 | 852 | 860 | 868,6 | 877,3 |
| Дар ва тиреза (дона) | 194 | 213,4 | 224,0 | 105 | 226 | 228 | 230,3 | 232,6 |
| ҶСП «Мк Баракат» | | | | | | | | |
| Орди нави якум (тонна) | 1325,2 | 1523,9 | 1600 | 105 | 1616 | 1632 | 1648,3 | 1664,8 |

| Нишондҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % нисбати с.2014 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 |
| Орди нави дуюм (тонна) | 142,4 | 163,7 | 171,8 | 105 | 173,5 | 175,2 | 176,9 | 178,8 |
| Сабӯс (тонна) | 431,6 | 496,3 | 521,1 | 105 | 526,3 | 531,5 | 536,8 | 542,2 |
| ҶСШК «Исмоили Сомонӣ» | | | | | | | | |
| Хлеб (донна) | 181,3 | 194,9 | 204,6 | 105 | 206,6 | 208 | 210,1 | 212,2 |
| ҶС «Корпоратсияи Истаравшан» | | | | | | | | |
| Маҳсулоти дӯхта | 24660 | 27399 | 28768 | 105 | 29055 | 29345 | 29638,4 | 29934,8 |
| ҶСШК «Суруш» | | | | | | | | |
| Маҳсулоти дӯхта (дона) | 34543 | 37997 | 39896 | 105 | 40294 | 40697 | 41376,7 | 1790,5 |
| Маҳсулоти дуредгарӣ (дона) | 1410 | 1424 | 1495,2 | 105 | 1510 | 1525 | 1540,2 | 1555,6 |
| Сохтани дарҳои оҳанин (дона) | 15 | 17 | 17,8 | 105 | 19,9 | 20,0 | 20,2 | 20,4 |
| ҶДММ «Ҳадид» | | | | | | | | |
| Аломатҳои роҳ (сомон) | 72613 | 79874 | 83867,7 | 105 | 84706 | 85553,4 | 86408,9 | 87214 |
| Асосии аломатҳои роҳ (сомон) | 3331 | 3664 | 3847,2 | 105 | 3885,6 | 3924,4 | 3963,6 | 4129 |
| Хизматрасони (сомон) | 231556 | 254712 | 267447,6 | 105 | 270122 | 272823 | 275551 | 28644 |
| ҶС «Нексоз» | | | | | | | | |
| Маҳсулоти дӯзандагӣ (сомонӣ) | 52929 | 64573 | 67801,6 | 105 | 68479,6 | 69164,4 | 69856 | 70254 |
| Маҳсулоти маданию маишӣ (сомонӣ) | 79397 | 96865 | 101708,2 | 105 | 102725,2 | 103752,4 | 104790 | 105421 |
| Ҷамъияти Аъмоён | | | | | | | | |
| Кӯрпа (матрас) (адад)полиэтиленӣ (х. дона) | 24100 | 25932 | 27228,6 | 105 | 27500,8 | 27775,8 | 28053,6 | 29102 |
| Тоза кардани пахта | 4910 | 5258 | 5520,9 | 105 | 5576,1 | 5631,8 | 5688,1 | 5694 |
| ҶДММ «Куруши Кабир» | | | | | | | | |
| Оби ҷав (х. литр) | 5550 | 6383 | 6702 | 105 | 6769 | 6836 | 6904 | 7028 |
| ҶДММ «Файзи Истаравшан» | | | | | | | | |
| Маҳсулоти дӯхта (дона) | 63232 | 67658 | 71041 | 105 | 71751 | 72468 | 73193 | 74311 |
| ҶДММ «Хуршеди Истаравшан» | | | | | | | | |
| Равғани пахта (тонна) | 136,7 | 157,2 | 165,0 | 105 | 166,6 | 168,3 | 170 | 172 |
| Кунҷора (тонна) | 802,4 | 222,7 | 233,8 | 105 | 236,1 | 238 | 240,4 | 242,7 |
| ҶДММ "Пӯлод Комилов" | | | | | | | | |
| Хишт (хаз. дона) | 443,3 | 509,8 | 535,2 | 105 | 540,6 | 546 | 551,5 | 553,7 |
| ҶММ "Саддам" | | | | | | | | |
| Хишт | 239,6 | 263,5 | 276,6 | 105 | 279,3 | 282 | 285 | 288 |
| ҶДММ «Дурдона» | | | | | | | | |
| Хишти пухта (х.дона) | 948,4 | 1090,6 | 1145,1 | 105 | 1156,5 | 1168,1 | 1180 | 1197 |
| ҶДММ «Коваи Истаравшан» | | | | | | | | |
| Хишти пухта (дона) | 888,3 | 1021 | 1072 | 105 | 1082 | 1092 | 1103 | 1134 |

## 2.2. СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА

**Арзёбӣ ва таҳлили вазъи соҳа.** Рушди соҳибкории хурду миёна барои иқтисодиёти маҳаллӣ аҳамияти калон дорад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки мардуми шаҳру деҳоти Истаравшан дар бобати рушди фаъолияти соҳибкорӣ нисбат ба дигар минтақаҳои мамлакат пешсаф мебошанд. Воқеан дар шароити кунунӣ соҳибкории

хурду миёна (СХМ) дар шаҳри Истаравшан ҳамчун соҳаи мустақил ташаккул ёфтааст ва дар рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти шаҳр нақши муҳимро мебозад. Ба ин нигоҳ накарда, ҳоло аз ҷониби мақомоти дахлдор барои дастгирӣ ва мусоидат намудан ба рушди СХМ иқдомҳои маҷмуавӣ амалӣ шуда истодаанд.

Солҳои охир дар шаҳри Истаравшан як қатор корхонаҳои хурду миёна (ба монанди ҶДММ “Умаров Сарвар”, “Гулдаст Истаравшан”, “Нури Муҳаммад”, “Юсупов”, “Суруш Х”, “Умед 2005”, “Фатҳиддин”, “Қуми Яккатол” ва СИ “Ваҳобов Илҳом”) ташкил гардиданд, ки ҷиҳати таъмини эҳтиёҷоти мардум ва ташкили 211 ҷойҳои нави корӣ самаранок фаъолият намуда, аз рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар бахши истеҳсолот дарак медиҳанд. Дар натиҷа, соли 2014 аз ҷониби субъектҳои СХМ ба маблағи умумии 3 млн.119,3 ҳаз.сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд. Бояд қайд намуд, ки соли 2014 афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар бахши саноатии СХМ нисбат ба соли 2013 ба андозаи 33,9% таъмин карда шуд.

Соли 2014 дар шаҳри Истаравшан 2516 нафар бо патент ва 5474 нафар бо шаҳодатнома ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғул буданд.

*Нишондиҳандаҳои соҳаи савдо ва хизматрасониҳо. (млн. сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | соли 2012 | соли 2013__ | соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Муомилоти моли чакана, ҳамагӣ: | 266,8 | 296,4 | 308,2 |
| Муомилоти моли чакана (хусусӣ) | 239,9 | 259,8 | 258,9 |
| Хизматрасониҳои пулакӣ | 177,0 | 206,9 | 229,0 |

Дар соҳаи соҳибкории шаҳри Истаравшан, коркарди гӯшту шир ва истеҳсоли ҳасибу панир, пухтани нону кулчаҳои гуногун, шириниҳои миллию тортҳо ва дигар маҳсулоти қаннодӣ, истеҳсоли орду биринҷ, равғани растанӣ ва нӯшокиҳои ташнашикан, дӯхтани либосҳои миллию истеҳсоли маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ ва дигар ҳунарҳо хеле ривоҷ ёфтааст. Қобили зикр аст, ки дар шаҳр истеҳсоли маводи сохтмон (дару тиреза, блокҳои девории бетониву хишти пухта, плиткаҳо барои пиёдароҳраву элементҳои меъмории хурд) васеъ ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷониби соҳибкорони шаҳр солҳои охир даҳҳо иншооту коргоҳҳои хурд ва нуқтаҳои хизматрасониву маишӣ ба истифода дода шудаанд. Чунончӣ, дар соли 2014 аз ҷониби соҳибкорон корхонаҳои хурди дӯзандагии “Ғафуров, корхонаҳои истеҳсоли хишти сохтмонӣ (семблок) «Мақсуд Акрамӣ» ва “Додобоев К.”, коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти нонӣ “Шарипова С.”, корхонаи истеҳсоли қолинҳои миллӣ «Ҳамдамов Қ», корхонаи истеҳсоли равған «Наср-110» ва ғайраҳо ба истифода дода шуда, зиёда аз 189 нафар сокинони маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Тибқи маълумоти оморӣ дар шаҳри Истаравшан дар соҳаи СХМ **19353** нафар машғул мебошанд, ки он 13,2% шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат ё 20,8% шумораи умумии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро ташкил медиҳад.

*Шумораи соҳибкорони хурду миёна аз рӯи соҳаҳо*

| Соҳа | Шумораи кормандон | | |
|---|---|---|---|
| | Соли 2013 | Соли 2014 | Нимсолаи аввали соли 2015 |
| Саноат | 887 | 942 | 776 |
| Нақлиёт ва алоқа | 232 | 242 | 216 |
| Савдо | 848 | 1237 | 1220 |
| Кишоварзӣ | 15543 | 16853 | 9329 |
| Сохтмон | 70 | 79 | 96 |
| Ҷамъ: | 17580 | 19353 | 11637 |

Бояд қайд намуд, ки саҳми соҳибкорон дар ташаккули буҷети шаҳри Истаравшан назаррас буда, соли 2014 аз ҷониби онҳо дар ҳаҷми 3 млн. 119,3 ҳаз.сомонӣ маҳсулот

истеҳсол гардидааст, ки ин нисбат ба соли 2013, қариб 3 маротиба зиёд буда, 295%-ро ташкил медиҳад.

*Саҳми СХМ дар ташаккули қисми даромади буҷети шаҳри Истаравшан дар соли 2014 (%)*




***Хизматрасониҳо барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ.*** Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк", ҶСК "Агроинвестбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСП "Тоҷпромбонк", ҶСК "Фононбонк" ва ҶСП "Тоҷиксодиротбонк", ҶСП «Аксесбонк Тоҷикистон» инчунин, намояндагиҳои ташкилотҳои хурди қарздиҳии "Арванд", "Имон интернейшнл", "Финка", "Спитамен-Капитал" ва "Аввалин бонки молиявии хурд" фаъолият менамоянд.

*Маблағҳои қарзии дар соли 2014 ба субъектҳои СХМ пешниҳодгардида (млн. сомонӣ)*

| Соҳа | Бонкҳо | | Ташкилотҳои қарзҳои хурд | |
|---|---|---|---|---|
| | Маблағи умумии қарзҳо | Шумораи қарзгирандагон | Маблағи умумии қарзҳо | Шумораи қарзгирандагон |
| Кишоварзӣ | 14036,8 | 241 | 42025,0 | 693 |
| Сохибкорӣ | 47840,5 | 1621 | 46092,7 | 2584 |
| Карзхои истеъмолӣ | 21673,8 | 4711 | 19091,2 | 5209 |
| Дигархо | 54054,4 | 9281 | 28773,6 | 9755 |
| Ҷамъ: | 137605,5 | 15854 | 135982,5 | 182421 |

Соли 2014 аз тарафи бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд ба субъектҳои фаъолияти соҳибкории ҳудуди шаҳри Истаравшан дар маҷмӯъ ба маблағи умумии 273 млн.588 ҳаз. сомонӣ қарз дода шудааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки 29,4%-и ҳамаи қарзҳои додашуда барои дастгирии рушди соҳибкории хурду миёна равона шудаанд.

***Мушкилиҳои соҳибкорӣ.*** Нокифоягии маблағҳои худи барои сармоягузорӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ, мавҷуд набудани марказҳои машваратӣ барои рушди соҳибкорӣ, паст будани сатҳи муколамаи бахши давлатӣ ва соҳибкорӣ дар масъалаҳои рушд, нокифоя будани фаъолияти ассотсиатсияҳои соҳибкорон, баланд будани фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда, мушкилот дар дастрасӣ ба қарзҳо (фоизи баланди қарз, кашолкорӣ ҳангоми ҳуҷҷатгузориву барасмиятдарорӣ), мавҷуд набудани инфраструктураи роҳи оҳан, фаъолият накардани фурудгоҳ, нокифоягии малакаҳои лозима барои ташкил намудан ва идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ дар байни занон.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори истеъмолӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2016 бо % нисбат ба 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Бозори истеъмолӣ | | | | | | | | |
| Гардиши моли чакана дар хамаи сохахо бо нархҳои чорӣ | 308,2 | 326,7 | 352,8 | 108 | 374 | 392,7 | 412,3 | 432,9 |
| Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ дар хамаи сохахо | 229,0 | 249,8 | 272,5 | 109,1 | 297,2 | 324,2 | 353,6 | 385,7 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди СХМ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2014 ҳисобот | Соли 2015 Баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | Соли 2020 сисбати соли 2014 бо % |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) то 15 нафар (воҳид) | 14 | 16 | 18 | 20 | 22 | 24 | 26 | 186 |
| Теъдоди корхонаҳо (бе хоҷагиҳои дехконӣ (фермерӣ) то 50 нафар | 10 | 12 | 14 | 16 | 18 | 20 | 22 | 220 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 15 нафар | 14 | 16 | 18 | 20 | 22 | 24 | 26 | 186 |
| Шумораи амалкунандагони корхонаҳо то 50 нафар | 10 | 12 | 14 | 16 | 18 | 20 | 22 | 220 |
| Шумораи коргарон (ҳазор нафар) | 0,160 | 0,190 | 0,209 | 0,229 | 0,252 | 0,277 | 0,305 | 190 |
| Маблағи умумӣ аз фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ (ҳазор сомонӣ) | 1599 | 1800 | 1854 | 1909 | 1966 | 2025 | 2086 | 130 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (ҳазор нафар) | 7990 | 8229 | 9052 | 9957 | 10953 | 12048 | 13253 | 166 |
| аз ҷумла: фаъолиятдошта, - бо шаҳодатнома | 5474 | 5638 | 6202 | 6822 | 7504 | 8255 | 9080 | 166 |
| - бо патент (ҳазор нафар) | 2516 | 2591 | 2850 | 3135 | 3449 | 3794 | 4173 | 166 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди робитаҳои иқтисодии хориҷии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 % 2014 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Гардиши савдои хориҷӣ – ҳамагӣ: (ҳазор долл.ИМА) | | | | | | | | |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Содирот - ҳамагӣ (ҳазор долл.ИМА) | 2629,2 | 2892,1 | 3181,3 | 110 | 3499,5 | 3849,4 | 4234,3 | 4657,8 |
| Маҳсулоти меваю себ ҶСП «Оби Зулол» (ҳазор тонна) (ҳазор долл. ИМА) | 90,9 | 99,9 | 109,8 | 110 | 120,8 | 132,9 | 146,2 | 160,8 |
| | 49,3 | 54,5 | 59,9 | 110 | 65,8 | 72,4 | 79,7 | 87,7 |
| Марвориди табиӣ, сангҳои қимматбаҳо (ҳазор долл.ИМА) | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Либос ва лавозимоти бофандагӣ (ҳазор долл.ИМА) | 155,8 | 171,4 | 188,5 | 110 | 207,3 | 228,1 | 250,8 | 275,9 |

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 % 2014 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Воситаҳои нақлиёти заминӣ (хазор долл.ИМА) | 1717,7 | 1889,4 | 2078,4 | 110 | 2286,2 | 2514,8 | 2766,3 | 3042,9 |
| Нерӯи барқ (млн. кВт/с) | 39789,2 | 43768,2 | 48144,9 | 110 | 52959,4 | 58255,4 | 64080,8 | 70488,9 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 706,3 | 766,9 | 854,6 | 110 | 940,0 | 1034,0 | 1137,4 | 1251,1 |
| Воридот - ҳамагӣ (ҳазор долл.ИМА) | 8574,5 | 94311,9 | 10375,0 | 110 | 11412,5 | 12553,7 | 13809,1 | 15190,0 |
| Равғани растанӣ ва чорво (ҳазор тонна) | 80,0 | 88,0 | 96,8 | 110 | 106,4 | 117,1 | 128,7 | 141,6 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 80,0 | 88,0 | 96,8 | 110 | 106,4 | 117,1 | 128,7 | 141,6 |
| Қанд ва маҳсулоти қаннодӣ (ҳазор тонна) | 5100,7 | 5610,7 | 6171,8 | 110 | 6789,0 | 7467,9 | 8214,7 | 9036,1 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 3861,0 | 4274,1 | 4671,8 | 110 | 5138,9 | 5652,8 | 6218,0 | 6839,9 |
| Чӯб ва маҳсулоти он (ҳазор тонна) | 5161,0 | 5677,1 | 6244,8 | 110 | 6869,2 | 7556,2 | 8311,7 | 9142,9 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 2570,4 | 2827,4 | 3110,1 | 110 | 3421,2 | 3763,3 | 4139,6 | 4553,6 |
| Маҳсулоти керамикӣ (ҳазор тонна) | 1191,2 | 1310,2 | 1441,2 | 110 | 1585,3 | 1743,8 | 1918,2 | 2110,0 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 1082,8 | 1190,0 | 1310,0 | 110 | 1441,0 | 1585,1 | 1743,6 | 1917,9 |
| Мошинаҳои барқӣ ва таҷҳизот (ҳазор тонна) | 242,5 | 266,7 | 293,4 | 110 | 322,7 | 355,0 | 390,5 | 429,5 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 927,1 | 1019,8 | 1121,7 | 110 | 1233,9 | 1357,3 | 1493,0 | 1642,3 |
| Нерӯи барқ (млн.кВт/с) | 4558,6 | 5014,5 | 5515,9 | 110 | 6067,6 | 6674,5 | 7341,8 | 8075,9 |
| (ҳазор долл.ИМА) | 52,7 | 57,9 | 63,8 | 110 | 702,1 | 772,4 | 849,5 | 934,5 |

### 2.3. Соҳаи кишоварзӣ

Кишоварзӣ соҳаи қадимаи аҷдодии аҳолии Истаравшан буда, пешрафти истеҳсолоти он омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Рушди соҳаи кишоварзӣ на танҳо масъалаи иқтисодӣ, балки хусусияти иҷтимоӣ низ дорад, зеро 72,7%-и аҳолии кобили меҳнати шаҳри Истаравшан дар деҳот зиндагӣ доранд.

**Низоми идоракунии соҳаи кишоварзӣ.** Дар шаҳри Истаравшан 7763 хоҷагиҳои деҳқонӣ (3405 хоҷагиҳои инфиродӣ ва 3660 хоҷагиҳои оилавӣ), ва 698 хоҷагиҳои коллективӣ ташкил карда шудаанд ва ба ихтиёри онҳо 52971 гектар заминҳои кишоварзӣ вобаста карда шудаанд. Дар шаҳри Истаравшан 227 хоҷагии деҳқонӣ ба 17 ассотсиатсия муттаҳид гардидаанд.

**Истифодаи замин.** Аз рӯи маълумоти расмӣ ба ҳолати 1 январи соли 2015 майдони умумии заминҳои шаҳри Истаравшан 101323 гектарро ташкил медиҳад. Аз ин масоҳат 64659 гектар (ё 64%) заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла 24226 гектари он (ё 37,3%-и замини кишоварзӣ) заминҳои корам мебошад. Дар шаҳри Истаравшан 24305 хонавода истиқомат дошта, ҳамагӣ 6314 гектар (ё 6,2%) замини наздиҳавлигӣ доранд, ки 1943 гектари он замини обӣ мебошад.

Аз майдони умумии заминҳо 1,7% заминҳои зери иморату иншоотҳо, 1,1% роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар, 8% ҷангалу бешазор, 6% замини зери дарахтони бисёрсола, 5% заминҳои наздиҳавлигӣ, 1% заминҳои ёрирасони хоҷагиҳои шахсӣ, 18% заминҳои корам ва 59,2%-ро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ҳолати 1 январи соли 2015 ба ҳар сар аҳолии шаҳри Истаравшан ба ҳисоби миёна 0,038 га заминҳои обӣ рост меояд ва ин тамоюл сол то сол коҳиш ёфта истодааст.

Самтҳои асосии фаъолияти хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Истаравшанро сабзавоткорӣ, картошкапарварӣ, ғаллакорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ ташкил медиҳанд.

Аз рӯи ҳаҷми натуралии истеҳсоли маҳсулоти мухталифи кишоварзӣ дар соли 2014 ба ҳар сари аҳолӣ: ғалладонагиҳо 548 кг, сабзавот 375 кг, картошка 65,2 кг ва шир 258 кг рост меояд. Мутаассифона зиёда аз 8,0 гектар заминҳои обӣ бинобар бад гаштани ҳолати мелиоративиашон, тайи солҳои охир мавриди кишти зироатҳо қарор нагирифтаанд.




**Растанипарварӣ.** Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот дар бахши растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои шахр дар соли 2014 - 62,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2012 ба андозаи 7,6 % зиёд мебошад. Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои охир рӯ ба афзоиш дошта, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар замин ба истиснои ҳосили картошка ва полезиҳо нисбатан зиёд шудааст. Дар соли 2014 нисбат ба соли 2012 истеҳсоли ғалладонагӣ 7,7% ва истеҳсоли сабзавот 3,4% боло рафтааст. Вале зиёд шудани ҳаҷми маҳсулоти ғалладонагӣ ва сабзавот аз ҳисоби анҷом додани кишти такрорӣ ба вуҷуд омадааст. Зеро дар соли 2014 аз ҳисоби кишти такрорӣ (фақат дар хоҷагиҳои хонаводаҳо) 4,9 ҳаз. тонна ғалладонагиҳо ва 1,9 ҳаз. тонна сабзавот иловагӣ истеҳсол шудааст.

*Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои шаҳри Истаравшан*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2009 | Соли 2010 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми махсулоти кишоварзӣ | ҳаз. сомонӣ | 458147 | 465338 | 465209 | 369894 | 409870 | 545115 |
| | Аз ҷумла: Растанипарварӣ | ҳаз. сомонӣ | 375939 | 382928 | 382319 | 271121 | 300881 | 408352 |
| | Чорводорӣ | ҳаз. сомонӣ | 82209 | 82411 | 82889 | 98773 | 108989 | 136763 |
| 1 | Ғаладонагӣ | тонна | 34516 | 35132 | 15499 | 24189 | 33243 | 25874 |
| | Кишти замин | га | 21557 | 22553 | 22652 | 22165 | 22193 | 21339 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 16 | 15,5 | 9,6 | 13,9 | 14,8 | 15,6 |
| 2 | Сабзавот | тонна | 51316 | 51674 | 54878 | 55194 | 61002 | 63408 |
| | Кишти замин | га | 1664 | 1604 | 1725 | 1713 | 1747 | 1724 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 267,4 | 276,7 | 277,9 | 284,1 | 296,2 | 311,6 |
| 3 | Картошка | тонна | 34190 | 34199 | 36468 | 40166 | 44008 | 33244 |
| | Кишти замин | га | 1340 | 1347 | 1446 | 1548 | 1585 | 1361 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 233,8 | 240,9 | 244,3 | 245,6 | 261,2 | 224,9 |
| 4 | Меваҷот | тонна | 793 | 2726 | 3925 | 5501 | 6458 | 8006 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 3,8 | 13,2 | 18,4 | 25,6 | 30 | 37,1 |
| 5 | Ангурпараварӣ | тонна | 20203 | 17586 | 22596 | 22650 | 19694 | 25492 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 64,8 | 56,8 | 72,8 | 74 | 62,8 | 81,2 |
| 6 | Хӯроки чорво | тонна | 21076 | 24825 | 20149 | 21603 | 24265 | 29510 |
| | Кишти замин | га | 2139 | 1634 | 1543 | 1998 | 2109 | 2299 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | | | | | | |
| 7 | Полезӣ | тонна | 7493 | 8675 | 8695 | 8150 | 8502 | 8830 |
| | Кишти замин | га | 470 | 470 | 450 | 409 | 411 | 413 |
| | Ҳосилнокӣ | сентнер | 153,4 | 147,4 | 156,6 | 175,8 | 199,1 | 203,4 |

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2009 | Соли 2010 | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти чорводорӣ | | | | | | | | |
| 1 | Гӯшт | тонна | 2881 | 2881 | 2883 | 3407 | 3709 | 4293 |
| 2 | Шир | тонна | 10378 | 10380 | 10384 | 11982 | 13303 | 14305 |
| 3 | Тухм | ҳаз.дона | 2540 | 2881 | 3650 | 8013 | 8999 | 9516 |
| 4 | Асал | тонна | | 206 | 206 | 206 | 208 | 208 |
| 5 | Пилла | тонна | | 8 | 17,2 | 18,1 | 24 | 16 |

Соли 2014 дар заминҳои корам бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 27747 гектар кишти зироатҳо гузаронида шуда, аз он майдони кишти ғалладонагиҳо 21339 гектар, майдони кишти сабзавот 1724 гектар, майдони кишти картошка 1361 гектар, майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво 2299 гектар ва майдони кишти полезиҳо 413 гектарро ташкил дод.

Соли 2014-ум дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳри Истаравшан 25874 тонна ғалладона, 33244 тонна картошка, 63408 тонна сабзавот, 8830 тонна полезӣ, 8006 тонна мева, 25492 тонна ангур, 29510 тонна зироати хӯроки чорво, 4293 тонна гӯшт (бо вазни зинда), 14305 тонна шир, 9516 ҳазор дона тухм ва 208 тонна асал истеҳсол намуданд.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Истаравшан дар соли 2014 нисбати соли 2013 ба андозаи 102,6 фоиз афзоиш ёфта, ба 545,1 млн. сомонӣ баробар гардид.

Дар соли 2014 ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзии шаҳри Истаравшан дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии вилояти Суғд 8,1 фоизро ташкил дод. Миқдори истеҳсоли дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ чунин мебошад: ғалладонагиҳо 13,2%, сабзавот 25,3 %, картошка 10,9%, меваҷот 10,4%, ангур 58,9%, тухм 9,6 %, шир 3,4 % ва гӯшт 3,1%.

Соли 2014 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ 300,5 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбати нишондиҳандаҳои соли 2013 11,9 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи маҳсулоти растанипарварӣ дар соли 2014 дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии шаҳри Истаравшан 82%-ро ташкил додааст.

Таҳлили нишондиҳандаҳои соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳад, ки таи 5 соли охир, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ раванди афзоиш дошта, соли 2014 нисбат ба соли 2010 ба андозаи 17,1 маротиба афзудааст. Аз ҷумла, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соҳаи чорводорӣ 65,9 маротиба зиёд гардидааст. Истеҳсоли сабзавот соли 2014 назар ба соли 2010-ум 22,7% зиёд гардида, бештар аз 63,4 ҳазор тоннаро ташкил дод.

**Боғпарварӣ.** Боғдорӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки шаҳри Истаравшан мебошад. Ин соҳа хусусияти стратегӣ низ дорад, зеро дар афзун гардонидани бозори дохилӣ ва берунӣ бо меваи тару тоза нақши муҳим бозида, манбаи содиротӣ ва ба кори доимӣ таъмин намудани аҳолии шаҳр мебошад. Майдони умумии ангурзор 3648 га - ро ташкил медиҳад. Обу ҳавои мусоиди минтақа имконият медиҳад, ки майдони боғу токзор аз ҳисоби навъҳои серҳосил зиёд гардида, талаботи аҳолӣ бо меваҷот пурра қонеъ ва қисми зиёди он ба берун аз мамлакат содирот шавад. Талаботи рӯзафзун ба меваю масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) дар суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин боиси он мегардад, ки боғдорӣ дар оянда ривоҷ дода шавад. Тайи солҳои 2012-2014 дар хоҷагиҳои шаҳр зиёда аз 1020,6 га боғи нави дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан бунёд карда шудааст, ки барои дар оянда зиёд намудани истеҳсоли меваҷот ва таъмини аҳолӣ ба масолеҳи сохтмонӣ имконияти калон фароҳам меорад. Се соли охир гарчанде дар шаҳр майдони боғу токзор зиёд шуда бошад ҳам, вале то кунун ягон корхонаи муосири коркарди меваю ангури маҳаллӣ бунёд нашудааст. Хоҷагиҳои боғпарварии шаҳр бештар аз дарахтони мевадиҳанда ба парвариши дарахтони анор, зардолу, бодом, шафтолу, олу, нок, хурмо ва аз дарахтони бемева ба сафедор ва бед машғул мебошанд. Дарахтони ситрусӣ ва субтропикӣ 0,2 %, боғот 66,1 %, тутзор 7,6 %, дарахтзор 0,4 %ва токзор 24,7 %-и майдони умумии дарахтони бисёрсоларо дар шаҳр ташкил медиҳад.

Солҳои охир дар 19%-и майдони боғу токзор истифода набурдани заҳрхимикатҳо ва нагузаронидани дигар чорабиниҳои агротехникӣ ба муқобили ҳамагуна ҳашаротҳои зараррасон боиси нест шудани боғу токзорҳо дар шаҳр гардида, ба паст шудани ҳосилнокии онҳо оварда расонидааст.

Дуруст ба роҳ мондани муҳофизати боғот аз касалиҳо ва ҳашаротҳои зараррасон метавонад дар баланд шудани ҳосилнокӣ ва зиёд шудани истеҳсоли меваҷот кӯмак расонад.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти кишоварзӣ соли 2015 дар ҳудуди шаҳр бунёди 1 корхонаи нави хурди коркарди мева ва сабзавот дар назар дошта шудааст.

**Ғалладонагӣ.** Дар шаҳр 18,2%-и майдони кишт барои парвариши маҳсулоти ғалладонагӣ, аз ҷумла гандум, ҷав, нахӯд, ҷуворимаккаи дон ҷудо карда шудааст. Дар сохтори майдони кишти ғалладонагӣ 84 фоизро кишти гандум дар бар мегирад. Дар шаҳр ҳиссаи хоҷагиҳои хонагӣ, ки дар қисми замин гандум парвариш мекунанд 58 фоизро ташкил медиҳад.

Соли 2014 дар қиёс ба соли 2012 истеҳсоли ғалладонагӣ 1,8 фоиз зиёд гардида, майдони кишти он бошад 20 фоиз кам гардидааст. Дар баробари пахтакорӣ ва ғаллакорӣ барои шаҳр сабзавоткорӣ, полезӣ ва боғдорӣ низ соҳаи афзалиятнок мебошад.

**Сабзавоткорӣ.** Дар шаҳр кишти сабзавот барои таъмини бозори дохилӣ ба роҳ монда шудааст. Ба парвариши сабзавот асосан хоҷагиҳои хонагӣ ва деҳқонӣ шуғл доранд, ки аз маҳсулоти кишткардашуда 31 фоиз ба сектори хоҷагиҳои деҳқонӣ, 69 фоиз ба аҳолӣ рост меояд. Соли 2014 нисбат ба соли 2012 майдони кишти сабзавот 3,7 фоиз кам шуда, бошад ҳам, истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ 15,3 % ва ҳосилнокии он 19,8 % афзоиш ёфтааст.

Аҳолӣ асосан ба парвариш сабзӣ, пиёз, помидор, бодиринг, қаламфур, карам, картошка, тарбуз, харбуза ва каду шуғл доранд ва он сарчашмаи даромад барои қисми зиёди аҳолии деҳот мебошад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти худӣ ва пешгирӣ намудани афзоиши нарх дар бозор, ҳамасола зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли сабзавот пешбинӣ шудааст.

**Таъминот бо техникаи кишоварзӣ.** Хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Истаравшан бо техника ба таври кофӣ таъмин намебошанд. Қисми зиёди корҳои саҳроӣ аз ҳисоби техникаи шаҳрвандон, ки ба фаъолияти меҳнатии инфиродӣ машғуланд, ба анҷом расонида мешаванд. Дар баробари кӯҳнаю фарсуда гардидани техникаҳои кишоварзии мавҷуда, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ, равғанҳои молиданию сӯзишворӣ ва гаронии нархи онҳо, истифодаи самараноки техникаро маҳдуд гардонида, ба баланд шудани арзиши аслии маҳсулот оварда мерасонад ва имконияти ба берун аз ҳудуди кишвар ба фурӯш баровардани маҳсулоти кишоварзиро маҳдуд менамояд.

*Ҳолати техникаҳои кишоварзии шаҳри Истаравшан*
*(ба санаи 1 январи соли 2015)*

| № | Номгӯи техникаи кишоварзӣ | Ҳамагӣ | Коршоям | %-и коршоямӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 182 | 157 | 71 |
| | **аз ҷумла**: шудгоркунанда | 45 | 36 | 65 |
| | Ғилдиракдор | 137 | 121 | 73 |
| 2 | Автомобилҳо | 150 | 58 | 42 |
| 3 | Комбайнхои галладарав | 21 | 15 | 76 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 139 | 98 | 77 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 30 | 26 | 81 |
| 6 | Алафчамъкунакҳо | 7 | 5 | 78 |
| 7 | Тойбандакҳо | 15 | 12 | 75 |

| № | Номгӯи техникаи кишоварзӣ | Ҳамагӣ | Коршоям | %-и коршоямӣ |
|---|---|---|---|---|
| 8 | Тухмипошакҳо | 45 | 38 | 73 |
| 9 | Култиваторҳо | 21 | 15 | 89 |
| 10 | Испорҳои тракторӣ | 91 | 67 | 80 |

Солҳои охир дар шаҳри Истаравшан бахши «Тоҷикагролизинг» ташкил гардид ва айни замон он дорои 4 трактори универсалӣ ва 17 механизмҳои гуногун буда, ба хоҷагиҳои кишоварзии шаҳр хизмат мерасонад.

**Низоми обёрӣ.** Таъминоти оби полезии заминҳои кишоварзии Истаравшанро «Идораи давлатии хоҷагии оби Истаравшан» ба ӯҳда дорад. Сарчашмаи обтаъминкунии заминҳои кишоварзӣ, обанбори Басмандасой буда, иншооти асосии обтаъминкунӣ ба «Ташкилоти обтаъминкунии шаҳри Истаравшан» мансуб мебошад. Дар Истаравшан аз 27747 гектар заминҳои корами мавҷуда, 13464 гектари он обёришаванда буда, тибқи маълумоти пешниҳодгардида, таъминоти оби полезии заминҳои обӣ 85%-ро ташкил медиҳад.

Обанбори «Катта-сой» соли 1965 сохта шуда, ҳаҷми умумии он 55 млн. м$^3$, аз ҷумла хаҷми фоиданоки он 33,6 млн. м$^3$, дарозии он 500 метр, бараш 10 метр ва баландии он 65 метр буда, масоҳати он 298 гектар мебошад. Айни замон дар обанбор тахминан 7 млн. м$^3$ лойқа ҷамъ шудааст ва барои тоза намудани он тақрибан 8,1 млн. сомонӣ маблағ зарур мебошад.

Дар Истаравшан 4345 гектар заминҳо аз ҳисоби обҳои худҷоришаванда ва 3910 гектар заминҳо аз ҳисоби 504 адад чоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд, ки он 13%-и майдони умумии заминҳои обии кишоварзиро ташкил медиҳад.

Айни замон бо мақсади ҳалли масъалаи обёрӣ намудани 30 ҳазор гектар заминҳо дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Нофароҷ, бунёд намудани обанбори нав бо ғунҷоиши 40 млн. м$^3$ об мувофиқӣ мақсад мебошад.

Алҳол аз 504 адад чоҳҳои обкашии дар хоҷагиҳои кишоварзии Истаравшан мавҷуд буда, 32 адади онҳо корношоям мебошанд.

Ҳолати умумии мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, шабакаҳои коллекторӣ, заҳбур ва заҳкашҳои хоҷагиҳои кишоварзии Истаравшан ғайриқаноатбахш буда, барои беҳтар намудани ҳолати техникии иншоотҳои зикргардида, андешидани чораҳои мушаххаси аз нуқтаи назари илмӣ асосноккардашуда ва дарёфти манбаи маблағгузории иҷрои корҳои барқарорсозии иншоотҳои мелиоративии мазкур, зарур мебошад.

Мушкилии дигари хоҷагиҳои обтаъминкунӣ, қарздор будани хоҷагиҳои кишоварзӣ аз ИДБЗКС-и шаҳри Истаравшан аз ҳисоби пардохти оби полезии истифодашуда мебошад. Дар соли 2015 хоҷагиҳо аз ИДБЗКС-и шаҳри Истаравшан ба маблағи 21,9 ҳазор сомонӣ қарздор гаштаанд, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2013 ба андозаи 26,3 % кам гардидааст. Яке аз мушкилиҳои рӯзмарраи хоҷагиҳои обтаъминкунӣ, маҳдуд будани таъминоти қувваи барқ мебошад.

Барои таъминоти хуби оби полезӣ, азхуд намудани заминҳои нав, обёрии заминҳо, бунёди боғу токзори нав, равнақи соҳаҳои гуногуни кишоварзӣ чунин корҳоро иҷро намудан зарур аст: Бо воситаи нақб равон кардани як қисми оби дарёи Зарафшон аз мавзеи Оббурдони шаҳри Кӯҳистони Мастчоҳ ба мавзеи Овчии шаҳри Ғончӣ. Сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ аз мавзеъи Овчӣ то шаҳри Истаравшан. Обёрӣ намудани зиёда аз 20000 га заминҳои лалмӣ, ҷарҳо ва талу теппаҳо аз ҳисоби оби дарёи Зарафшон ва дар ин заминҳо равнақ додани соҳаи боғу токпарварӣ. Ривоҷ додани соҳаи пахтакорӣ дар мавзеъҳои Қизилӣ ва Сексарӣ ва аз ин ҳисоб бунёд намудани корхонаҳои хурди ордбарорӣ ва бо иқтидори пурра кор фармудани фабрикаҳои кешбофӣ ва ҷӯроббарорӣ. Ташкил намудани низоми обдиҳии қатрагӣ.

Ҳамзамон дар ҳалли масъалаҳои обёрии заминҳои кишоварзии ҳудуди шаҳри Истаравшан чунин мушкилиҳо монеагӣ менамоянд: таъмирталаб гаштани каналҳои магистралии Басманда - Катта-Сой, Шаҳристон - Катта-Сой, канали магистралии аз обанбор обгиранда бо дарозии 54 км ва 2 км қубуру новаҳо ва лотокҳои обтаъминкунӣ; таъмирталаб гаштани 13 км канали магистралии Катта-Сой, каналҳои 3 0К, 4 0К, 3МК-

1, 4МК-1 ва 4МК-2; ба таъмири капиталӣ эҳтиёҷ доштани 41км каналҳои магистралии Басманда - Катта-Сой ва Шаҳристон-Катта-Сой; зарурияти таъмири капиталии 4 км канали магистралии АР-1-2 ва 3км канали магистралии ТР-3; зарурияти сохтмони иншоотҳои обтаъминкунии АХД Навкорам, Ниҷонӣ, Ругунд, Сӯфи-Ориф, Боғи Калон, Кунҷок, Чорбоғ ва Бобо-таҒо; зарурияти тоза намудани обанбори Катта-Сой ва заҳбурҳои АХД Ҷаркурғон, ҷамоати деҳоти Қалъачаи Калон ва хоҷагиҳои мавзеи Қизилӣ; зарурияти таъмиру тармими 57 адад чоҳҳои амудии хоҷагиҳои деҳқонӣ, зарурияти сохтмони канали магистралии нақби Шаҳристон ба дарозии 40 км ва иншооти обтаъминкунии Шаҳристон-сой; зарурияти сохтмони каналҳои магистралии Охтангӣ-Шаҳристон ба дарозии 22 км, Яккабоғ ва иншоотҳои обтаъминкунии Катта-Сой, мавзеъҳои Қизилӣ ва Сексарӣ; набудани маблағҳо барои обёрии заминҳои хоҷагиҳои деҳқонии Варсиқ, Ч.Шарифов, Чорбоғ, Суркат, Қалъачаи Гули Зард, Пошкент, Қалъаи Баланд, Ничонӣ, Қалъачаи Калон, мавзеҳои Уяс ва Қизилӣ.



Истифодаи об аз каналҳо аз ҷониби хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст ва дар бисёр ҷойҳо каналҳо аз тарафи хоҷагиҳои деҳқонӣ худсарона сӯрох карда шуда, боиси талафоти оби полезӣ мегардад. Дар натиҷа сатҳи обҳои зеризаминӣ баланд шуда, ба бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ оварда мерасонад. Дар натиҷаи истифодаи дарозмӯҳлат иншоотҳои обтақсимкунӣ низ фарсуда гаштаанд. Тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ, сатҳи талафот ва бухоршавии об дар шаҳр ба ҳисоби миёна 0,63 фоизро ташкил менамояд.

Сабаби асосии бад шудани ҳолати мелиоративи заминҳо ин саривақт нагузаронидани чорабиниҳои мелиоративӣ (тоза нашудани шабакаҳои заҳбурҳо ва махсусан заҳбурҳое, ки дар тавозуни АХД-ҳо мебошанд) ва маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад.

Таи се соли охир (тӯли солҳои 2012-2014) 2257 га заминҳои кишоварзии обии шаҳр бо коркарди заҳбуру заҳкашҳо аз ҳолати бади мелиоративӣ ба ҳолати қаноатбахш гузаронида аст. Хароҷоти маблағҳо дар ин самт таи се сол аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 104,9 ҳазор сомонӣ, аз ҳисоби ҳаққи хизмати обрасонӣ 461,2 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби худмаблағгузории хоҷагиҳо 118,1 ҳазор сомониро ташкил додааст. Мувофиқи меъёрҳои муқараргардидаи гидротехникӣ, бояд дар се сол як маротиба заҳбуру заҳкашҳо аз лою гил тоза карда шаванд, то ин ки ҳолатии хуби мелиоративии заминҳо нигоҳ дошта шавад. Аммо на ҳамеша ин меъёр риоя карда шавад.

Таи солҳои охир дар натиҷаи сел ва обхезиҳо 1,8 км иншоотҳои муҳофизатӣ (дамбаҳо) хароб гашта, феълан ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Бо мақсади беҳтар гардонидани ҳолатии мелиоративии заминҳо ва тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр барои солҳои 2013-2014 нақша чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардидааст. Ба ҳолати 1 январи соли 2015 беш аз 8,12 км ва ё 8,1% фоизи масоҳати шабакаҳои обтаъминкунӣ тоза гардидааст. Дар сурати таъмир гаштани каналҳои боқимонда, пойгоҳҳои обкашӣ ва тозаю барқарорсозии шабакаҳои дохилихоҷагию байнихоҷагӣ дар шаҳр 2531 ҷойи нави корӣ муҳайё гардида, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дучанд гашта, даромаднокии хоҷагиҳо зиёд мегардад,

ҳосилнокии зироатҳо тақрибан то 9,4% зиёд мегардад ва самаранокии иқтисодии соҳаи кишоварзии шаҳр тақрибан зиёда аз 4,7 млн. сомониро ташкил хоҳад дод.

**Чорводорӣ.** Чорводорӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ маҳсуб ёфта, вазни қиёсии он дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии шаҳр 25%-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Истаравшан аз ҳисоби чорводорӣ 35,2 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки он нисбат ба соли 2012 тақрибан 8,3 фоиз зиёд мебошад.

*Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи чорводории шаҳри Истаравшан*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солхо | | | | | Соли 2014 нисбати соли 2013 % | Соли 2014 % 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | | |
| Истеҳсоли шир | тн | 10380 | 10384 | 11982 | 13303 | 14305 | 107,5% | 137,8% |
| Истеҳсоли гӯшт | тн | 2881 | 2883 | 3407 | 3709 | 4293 | 115,7% | 149,0% |
| Истеҳсоли тухм | Ҳазор дона | 2881 | 3650 | 8013 | 8999 | 9516 | 105,7% | 330,3% |
| Истеҳсоли пашм | тн | 58 | 58 | 65 | 71 | 75 | 105,6% | 129,3% |
| Истеҳсоли пилла | тн | 8 | 17,2 | 18,1 | 24 | 16 | 66,7% | 200,0% |
| Истеҳсоли асал | тн | 206 | 206 | 206 | 208 | 208 | 100,0% | 101,0% |
| Саршумори чорво | | | | | | | | |
| Саршумори М.К.Ш. | сар | 36934 | 37155 | 43207 | 48000 | 48900 | 101,9% | 132,4% |
| Аз он модагов | сар | 19694 | 20007 | 23160 | 25700 | 26200 | 101,9% | 133,0% |
| Саршумори М.М.Ш. | сар | 71021 | 71297 | 83860 | 93200 | 95000 | 101,9% | 133,8% |
| Парранда | сар | 74770 | 76634 | 118044 | 123350 | 124068 | 100,6% | 165,9% |
| Асп | сар | 595 | 597 | 601 | 608 | 609 | 100,2% | 102,4% |

Дар хоҷагиҳои шаҳри Истаравшан ҳамасола саршумори чорво ва парранда зиёд шуда истодааст. Зиёдшавии саршумори моли калони шохдор, моли майдаи шохдор ва асп, асосан аз ҳисоби аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ба амал омадааст.

Дар солҳои охир соҳаи чорводорӣ барои рушди кишоварзии шаҳр мусоидат намуда истодааст. Аммо барои минбаъд афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ зарур аст, ки дар хоҷагиҳо майдони замини кишти хӯроки чорво ва кишти заминҳои растаниҳои равғандор барои хӯроки чорво зиёд карда шуда, барои хушзот намудани чорво ташкил намудани заминаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда, таъмин намудани чарогоҳҳои зимистонаю тобистона, зиёд намудани саршумори чорво дар хоҷагиҳое, ки саршуморро кам кардаанд, фароҳам овардани шароити мусоид барои ривоҷи чорводорӣ дар сохтори шахсӣ зарур мебошад. Дар шаҳри Истаравшан барои рушди соҳаи чорводорӣ ва ташкили базаи хӯроки он шароити хуб мавҷуд аст, зеро 38%-и майдони умумии заминҳои кишоварзиро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд. Тадбиқи тадбирҳои самарабахш дар самти рушди соҳаи кишоварзӣ то соли 2015 имконият медиҳад, ки ҳосилнокии зироатҳо 2,3 фоиз ва маҳсулнокии чорвою парранда 11,5 фоиз зиёд гардида, маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 12 фоиз афзоиш ёбад.

Нишондиҳандаи муҳими муайянкунандаи вазъи соҳа - истеҳсоли маҳсулот ва маҳсулнокӣ мебошад. Барои пешрафти соҳаи чорводорӣ, заминаи кофии ему хошок лозим мебошад. Бинобар ин, барои кишти зироатҳои хӯроки чорво, ба хоҷагиҳои деҳқоние, ки бо чорводорӣ машғуланд, аз ҳисоби заминҳои захираи давлатӣ, ҷудо намудани майдонҳои алоҳидаи замини кишоварзӣ зарур мебошад.

Мушкилии асосӣ барои хоҷагиҳои чорводор, набудани корхонаҳои хурди коркарди маҳсулоти ширӣ мебошад. Таъсиси корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ва пашм бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи хоми маҳаллӣ яке аз самтҳои асосии Барномаи рушди шаҳр дарояндаи наздик мебошад. Ба роҳ мондани коркарди

маҳсулоти чорводорӣ дар таъмини аҳолӣ ба ҷойҳои нави корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар шаҳр мусоидат менамояд.

**Коркарди пӯст ва пашм.** Рушди соҳаи коркарди маҳсулоти чорво (пӯст ва пашм) бо назардошти истифода аз манбаи мавҷудаи ашёи маҳаллӣ, ҷиҳати пайдо намудани арзиши иловашудаи маҳсулоти истеҳсолӣ ва аз ин ҳисоб ғанӣ гардонидани буҷети маҳаллӣ, таъмини бозори дохилӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии шаҳр, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ки ба паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат менамояд, аҳамияти хуби иқтисодӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори зиёди пӯсту пашми дар шаҳр мавҷудбуда, аз сабаби набудани нуқтаҳои қабул ва коркард, истифода намегардад. Бо ин мақсад «Барномаи коркарди пурраи ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» ба тавсиб расидааст, ки дар доираи он ташкили нуқтаҳои ҷамъоварии ашёи хоми чорво (пӯст ва пашм) тӯли солҳои 2016-2020, зиёд кардани истеҳсол ва ҷамъоварии ашёи хоми чорво дар шаҳрҳои чорводории ҷумҳурӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва иттифоқи «Тоҷикматлубот» дар назар дошта шудааст. Тайи 20 соли охир дар шаҳр ҷамъоварии пӯсту пашм ба таври зарурӣ ба роҳ монда нашудааст, ки ин бар зарари хоҷагиҳои чорводор мебошад. Айни замон тақрибан ҳамагӣ 32%-и пӯсту пашм ҷамъоварӣ мегардаду халос.

**Паррандапарварӣ.** Парвариши парранда асосан дар ҶС «Симурғ» ба роҳ монда шудааст. Дар соли 2014 нисбат ба соли 2012-ум дар ҶС «Симурғ» саршумори парранда 49300 сар зиёд шудааст.

**Занбӯрпарварӣ.** Иқлими шаҳри Истаравшан барои парвариш ва зиёд намудани оилаҳои занбӯри асал мусоидат менамояд. Давраи гулкунии зироатҳо, бинобар дар минтақаҳои кӯҳсор, наздикӯҳӣ ва дар қисми шимолӣ фарқияти зиёд доштанаш, барои парвариши занбӯри асал ва истеҳсол намудани асали хушсифати табиии хеле мувофиқ мебошад. Дар хоҷагиҳои занбӯрпарварии шаҳр 4781 оилаи занбӯри асал мавҷуд мебошад. Дар натиҷаи меҳнати самараноки онҳо соли 2014 ба миқдори 208 тонна асали хушсифат истеҳсол гардидааст.

**Байторӣ.** Рушди соҳаи чорводорӣ ва паррандапарварӣ дар шароити кунунӣ ба пешниҳоди хизматрасонии босифати байторӣ, ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда ниёз дорад. Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан идораи байторӣ, ташхисгоҳи байторӣ ва 8 адад дорухонаи байторӣ фаъолият менамоянд. Инчунин дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳр 2 адад нуқтаҳои бордоркунии сунъӣ фаъолият дорад.

Дар шаҳру деҳот ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои қарасон (эмкор), зардкасал (лентоспироз), ҳорӣ (бешенства), сумдард (ящур) ва касалиҳои хунӣ (гемосипоридозҳо) дар байни чорвои калон, гул, варами шуши моли майдаи шохдор ва вабои мурғҳои хонагӣ (чума) ба мушоҳида мерасад. Маводҳои биологии пешгирии касалиҳои сирояткунандаи чорво: сӯхтанӣ -100%, вабои сумдард 10-12 %, гули моли майда 4%, барои ташхиси касалии сил туберкулини ППД-100 %, ваксинаи пешгирии буғумдарди чорвои калони шохдор 100 % аз ҳисоби маблағҳои эпизоотии ҷумҳурӣ ҷудо карда мешаванд.

Дар соли 2014 аз тарафи кормандони Стансияи мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот дар шаҳри Истаравшан 508 сар чорвои калони шохдор, 152 сар чорвои майда, 14 сар маркабҳо ва 443 сар сагҳо барои пешгирӣ намудан аз касалии ҳорӣ ташхис гузаронида шудааст.

Бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Ташкилоти байналхалқии Созмони Миллали Муттаҳид оид ба кишоварзӣ ва озуқа (FAO), ваксинаҳо барои пешгирии касалии буғумдарди моли майдаи шохдор дар асоси шартномаи дуҷониба дастрас карда мешавад. Аммо мутаассифона дигар доруҳо барои пешгирии касалиҳои қарасон ва зардкасали чорвои калони шохдор, ки хеле зарур мебошанд, аз тарафи ташкилоти мазкур ба шаҳри Истаравшан пешниҳод нагардидаанд.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад, пеш аз ҳама, набудани ташхисгоҳи муосири байторӣ, чуқурии Беккари, нокифоя будани нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво ва клиникаҳои байторӣ, нарасидани асбобу анҷом ва таҷҳизоти байторӣ, шумораи нокифояи дорухонаҳои байторӣ, баланд будани нархи доруворӣ, мушкил будани дастрасии баъзе доруворихо ва ғайра мебошад.

Илова бар ин, дар шаҳри Истаравшан ва гирду атрофии он нуқтаи безараргардонии чорво (барои сӯзонидан ва шустушӯи чорво, бахусус, барои чорвои сироятёфта) мавҷуд нест, ки бинобар набудани чунин нуқтаҳо мушкилоти бамиёномадаи хоҷагиҳои чорводор ҳаллу фасл намешаванд. Ҳамзамон, таи солҳои охир дар ҳудуди шаҳр афзоиши сагҳои дайду (бесоҳиб) ба мушоҳида мерасад, ки сабаби асосии паҳншавии бемориҳои ҳорӣ маҳсуб меёбад. Ин аст, ки таи се соли охир аз газидани сагҳои дайду 26 нафар одамон осеб бардоштанд. Бинобар ин, дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот зарурияти ташкил намудани нуқтаҳои махсуси безараргардонии сагҳои дайду ба миён омадааст. Ҳамзамон, дар ҳудуди ҷамоатҳоии деҳоти шаҳр як бозори мавҷудаи чорво ба талаботи стандартӣ ҷавобгуй буда наметавонад. Аз ин лиҳоз, дар ҳудуди бозорҳои мавҷуда ташкил намудани озмоишгоҳҳои байтории ба талаботи муосири стандартӣ ҷавобгуй мувофиқи мақсад мебошад.

Барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонии байторӣ, роҳ надодан ба талафшавии чорво ва парранда аз ҳисоби касалиҳои гузаранда, инвазионӣ, паразитӣ ва хунӣ дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст. Аз ҷумла, ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои куштани чорвои гӯштӣ, ҷиҳати нест кардани хуну дигар партовҳои нолозим ва дар ин замина нигоҳ доштани тозагии муҳити атроф. Бо мақсади бартараф намудани ин мушкилот ташкил намудани нуқтаи сӯзонидани чорво ва ҷиҳозонидани он бо таҷҳизотҳои замонавӣ (дорои алобмонак (криматория) зарур мебошад. Ҳамзамон, ин тадбир метавонад барои сӯзонидани маҳсулотҳои бесифати чорвою парранда ва хӯроквориҳо, ки ҳангоми рейдҳои муштараки ташкилотҳои назоратӣ аз фурӯш гирифта мешаванд, мусоидат намояд.

Номукаммалии маблағгузорӣ ба соҳаи мазкур имконият намедиҳад, ки мушкилоти бамиёномада вобаста ба пешгирии касалиҳои сирояткунанда дар байни чорвои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, беҳтарсозии насли чорво, ташвиқу тарғиби таҷрибаҳои пешқадам ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмии соҳаи байторӣ, чораҳои саривақтӣ андешида шаванд.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи кишоварзии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015г. баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | | | с.2020 бо % нисбати с.2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | |
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ – ҳамагӣ: | 545,1 | 556 | 572,7 | 578,4 | 584,2 | 584,9 | 586,1 | 107,5% |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Зироаткорӣ | 408,3 | 416,5 | 429 | 433,3 | 437,6 | 438,1 | 438,9 | 107,5% |
| Чорводорӣ | 136,7 | 139,5 | 143,7 | 145,1 | 146,5 | 146,8 | 147,1 | 107,6% |

Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамо, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ бояд то соли 2020 ба 586,1 млн сомонӣ расонида шавад. Афзоиши он нисбати нишондиҳандаҳои соли 2014-ум 107,5 фоизро ташкил медиҳад.

Мувофиқи параметрҳои барномавӣ, дар хоҷагиҳои кишоварзӣ ва заминҳои аҳолӣ майдони кишти картошка то соли 2020 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ ба 1490 гектар расонида шуда, истеҳсоли он дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ бояд 35771 тоннаро ташкил намояд. Ҳамчунин, то соли 2020 зиёд намудани майдони кишти сабзавоту полезиҳо аз ҳисоби кушодани заминҳои нав ва зиёд намудани майдони кишти шолӣ, пешбинӣ гардидааст.

*Ҳисоби маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи намудҳои маҳсулот ва соҳаҳо барои солҳои 2016- 2020 (ба ҳисоби аслӣ)*

| Номгӯии маҳсулотҳо | нарх | с.2014 ҳисобот | | с.2015 баҳодиҳӣ | | с.2016 дурнамо | | с.2017 дурнамо | | с.2018 дурнамо | | с.2019 дурнамо | | с.2020 дурнамо | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | миқдор | арзиш | миқдор | арзиш | миқдор | арзиш | миқдор | арзиш | миқдор | арзиш | миқдор | арзиш | миқдор | арзиш |
| Ғалладонагӣ | 1,4 | 25874 | 36393 | 26391 | 37121 | 27183 | 38234 | 27455 | 38617 | 27730 | 39003 | 27785 | 39081 | 27841 | 39159 |
| Пахта | 2,8 | 29 | 81 | 30 | 83 | 30 | 85 | 31 | 86 | 31 | 87 | 31 | 87 | 31 | 87 |
| Тамоку | | | | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Картошка | 2 | 33244 | 66330 | 33909 | 67657 | 34926 | 69686 | 35275 | 70383 | 35628 | 71087 | 35699 | 71229 | 35771 | 71372 |
| Сабзавот | 1,95 | 63408 | 123536 | 64676 | 126007 | 66616 | 129787 | 67283 | 131085 | 67955 | 132396 | 68091 | 132660 | 68228 | 132926 |
| Полезӣ | 2,26 | 8830 | 20003 | 9007 | 20403 | 9277 | 21015 | 9370 | 21225 | 9463 | 21438 | 9482 | 21480 | 9501 | 21523 |
| Мевагӣ | 3,2 | 8006 | 25597 | 8166 | 26109 | 8411 | 26892 | 8495 | 27161 | 8580 | 27433 | 8597 | 27488 | 8615 | 27543 |
| Ангур | 4,1 | 25492 | 104516 | 26002 | 106606 | 26782 | 109805 | 27050 | 110903 | 27320 | 112012 | 27375 | 112236 | 27430 | 112460 |
| Хӯроки чорво | 1,07 | 29510 | 31500 | 30100 | 32130 | 31003 | 33094 | 31313 | 33425 | 31626 | 33759 | 31690 | 33827 | 31753 | 33894 |
| Ғайраҳо | | 165 | 396 | 168 | 404 | 173 | 416 | 175 | 420 | 177 | 424 | | | | |
| ҲАМАГИ: аз руи маҳсулотҳои растанипарварӣ | | Х | 408352 | Х | 416519 | Х | 429015 | Х | 433305 | Х | 437638 | Х | 438088 | Х | 438964 |
| Гӯшт | 18,4 | 4293 | 79041 | 4379 | 80622 | 4510 | 83040 | 4555 | 83871 | 4601 | 84710 | 4610 | 84879 | 4619 | 85049 |
| Шир | 2,81 | 14305 | 40263 | 14591 | 41068 | 15029 | 42300 | 15179 | 42723 | 15331 | 43151 | 15362 | 43237 | 15392 | 43323 |
| Пашм | 5,52 | 75 | 414 | 77 | 422 | 79 | 435 | 80 | 439 | 80 | 444 | 81 | 445 | 81 | 445 |
| Тухм (ҳазор дона) | 0,59 | 9516 | 5612 | 9706 | 5724 | 9998 | 5896 | 10097 | 5955 | 10198 | 6014 | 10219 | 6027 | 10239 | 6039 |
| Пилла | 11,6 | 20 | 232 | 20 | 237 | 21 | 244 | 21 | 246 | 21 | 249 | 21 | 249 | 22 | 250 |
| Асал | 37,8 | 208 | 7868 | 212 | 8025 | 219 | 8266 | 221 | 8349 | 223 | 8432 | 223 | 8449 | 224 | 8466 |
| Ғайраҳо | | 41463 | 3333 | 42292 | 3400 | 43561 | 3502 | 43997 | 3537 | 44437 | 3572 | 44525 | 3579 | 44615 | 3586 |
| Ҳамагӣ: аз руи маҳсулоти чорводорӣ | | Х | 136763 | Х | 139498 | Х | 143683 | Х | 145120 | Х | 146571 | Х | 146864 | Х | 147158 |
| Ҷамъи умуми: | | Х | 545115 | Х | 556017 | Х | 572698 | Х | 578425 | Х | 584209 | Х | 584952 | Х | 586122 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои умумии рушди соҳаи кишоварзӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020 (ба ҳисоби аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 | с.2015 | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | | | с.2020 бо % нисбати с.2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳисобот | баҳодиҳӣ | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | |
| Аз руи ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Заминдорӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Замини мазраъ - ҳазор га | 29,1 | 29,1 | 29,1 | 29,1 | 29,1 | 29,2 | 29,2 | 100,3% |
| аз он ҷумла: обӣ | 13,3 | 13,3 | 13,3 | 13,3 | 13,3 | 13,4 | 13,4 | 100,8% |
| Заминҳои умумии кишт бо тақсимоти зироатҳо | | | | | | | | |
| Ғалладона - ҳазор га | 21,33 | 20,97 | 20,97 | 20,97 | 20,97 | 21,17 | 21,17 | 101,0% |
| аз ҷумла гандум - ҳазор га | 7,75 | 7,52 | 7,52 | 7,52 | 7,52 | 7,63 | 7,73 | 102,8% |
| Пахта - ҳазор га | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Тамоку - га | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Картошка - ҳазор га | 1,36 | 1,49 | 1,49 | 1,42 | 1,42 | 1,49 | 1,49 | 100,0% |
| Сабзавот - ҳазор га | 1,72 | 1,73 | 1,73 | 1,73 | 1,73 | 1,75 | 1,75 | 101,2% |
| Полезии хӯрокворӣ – ҳазор га | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 100,0% |
| Сабзавоти тухмӣ - ҳазор га | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Зироатҳои хӯроки чорво - ҳаз. га | 2,29 | 3,03 | 3,03 | 3,03 | 3,03 | 3,03 | 3,03 | 100,0% |
| Майдони боғҳои мевадиҳанда - ҳазор га | 2,14 | 2,2 | 2,29 | 2,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 113,6% |
| Майдони ангур - ҳазор га | 3,23 | 3,28 | 3,3 | 3,4 | 3,5 | 3,5 | 3,5 | 106,7% |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Ғалладона - с/га | 15,6 | 15,9 | 16,4 | 16,6 | 16,7 | 16,7 | 16,7 | 105,0% |
| аз ҷумла гандум - с/га | 17,1 | 17,4 | 18 | 18,1 | 18,3 | 18,3 | 18,3 | 105,2% |
| Пахта - с/га | 14,9 | | | | | | | |
| Тамоку - с/га | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Картошка - с/га | 226,3 | 230,8 | 237,8 | 240,1 | 242,5 | 242,9 | 243,3 | 105,4% |
| Сабзавот - с/га | 305,9 | 312 | 321,4 | 324,6 | 327,8 | 328,4 | 329 | 105,4% |
| Полезии хӯроквори - с/га | 204 | 208,1 | 214,3 | 216,5 | 218,6 | 219 | 219,4 | 105,4% |
| Меваги - с/га | 37,1 | 37,8 | 39 | 39,4 | 39,8 | 39,8 | 39,9 | 105,6% |
| Ангур - с/га | 70,6 | 72 | 74,2 | 74,9 | 75,7 | 75,8 | 75,9 | 105,4% |
| Истеҳсоли маҳсулоти зироатҳои кишоварзи дар вазни натурали | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Ғалладона - ҳазор тонна | 25,8 | 26,15 | 26,9 | 27,2 | 27,5 | 27,7 | 28 | 107,1% |
| аз ҷумла гандум - ҳазор тонна | 12,21 | 12,44 | 12,8 | 12,9 | 13,1 | 13,2 | 13,3 | 106,9% |
| Пахта - ҳазор тонна | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Тамоку - тонна | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Картошка - ҳазор тонна | 33,24 | 33,9 | 34,9 | 35,3 | 35,6 | 35,6 | 35,7 | 105,3% |
| Сабзавот - ҳазор тонна | 62,4 | 63,65 | 65,6 | 66,2 | 66,9 | 67 | 67,1 | 105,4% |
| Полезии хӯроквори - ҳазор тонна | 9,12 | 9,3 | 9,6 | 9,7 | 9,8 | 9,8 | 9,8 | 105,4% |
| Меваги - ҳазор тонна | 8 | 8,16 | 8,4 | 8,5 | 8,6 | 8,61 | 8,62 | 105,6% |
| Ангур - ҳазор тонна | 25,5 | 26 | 26,8 | 27 | 27,3 | 27,35 | 27,4 | |
| Саршумори чорво | | | | | | | | |
| Ҳайвони калони шоҳдор - ҳазор сар | 48,9 | 49,4 | 49,9 | 50,4 | 50,9 | 51 | 51,1 | 103,4% |
| аз шумораи Х.К.Ш. модагов - ҳазор сар | 26,2 | 26,4 | 26,7 | 27 | 27,3 | 27,3 | 27,4 | 103,8% |
| бузу гӯсфанд - ҳазор сар | 95 | 95,7 | 96,7 | 97,6 | 98,6 | 98,8 | 99 | 103,4% |
| Истеҳсоли маҳсулотҳои чорводори бо вазни натурали | - | - | - | - | - | - | - | - |

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 | с.2015 | Дурнамо | Параметрҳои дурнамо | | | | с.2020 бо % нисбати с.2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳисобот | баҳодиҳӣ | с.2016 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | |
| Гушти чорво ва парранда бо вазни зинда - хазор тонна | 4,29 | 4,35 | 4,4 | 4,49 | 4,53 | 4,54 | 4,55 | 104,6% |
| Шир - ҳазор тонна | 14,3 | 14,45 | 14,6 | 14,9 | 15 | 15,08 | 15,11 | 104,6% |
| Тухм - млн. дона | 9,51 | 9,9 | 10,1 | 10,3 | 10,4 | 10,5 | 10,5 | 106,1% |
| Пашм бо вазни физики - тонна | 75 | 76 | 76,5 | 77 | 77,8 | 77,93 | 78,08 | 102,7% |
| Пилла - тонна | 20 | 21 | 22 | 23 | 23,2 | 23,28 | 23,3 | 111,0% |
| Асал - тонна | 208 | 209 | 210 | 211 | 213,1 | 213,3 | 213,5 | 102,2% |

Дар соҳаи боғу токпарварӣ низ, бо мақсади рушди ин соҳа, дар майдони 650 гектар бунёди боғу токзори нав ба нақша гирифта шуда, дар назар аст, ки истеҳсоли мева дар соли 2020 ба 8,62 ҳазор тонна ва истеҳсоли ангур ба 27400 тонна расонида хоҳад шуд, ки ин нисбати нишондиҳандаҳои соли 2014 мутаносибан 31,9 фоиз ва 20,1 фоиз зиёд мебошад.

Пешбинӣ шудааст, ки дар шаҳри Истаравшан бояд истеҳсоли ғалладонагиҳо дар соли 2020-ум асосан аз ҳисоби истифодаи самараноки замин ва истифодаи тухмии навҳои серҳосили ғалладонагӣ ба 28000 тонна расонида шавад.

Дар соҳаи чорводорӣ бошад, ҳолати имрӯзаи чорводорӣ ва вазъи иқтисодиёти хоҷагиҳоро ба ҳисоб гирифта, то соли 2020 зиёд намудани саршумори моли калони шохдор ба 25% ва моли майда то 44,6% пешбинӣ гардидааст.

**Мушкилиҳои асосии соҳаи кишоварзӣ.** Сабаби солҳои охир инкишоф наёфтани соҳаи кишоварзӣ бахусус растанипарварӣ ба омилҳои зерин вобаста аст: набудани корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, маҳдуд будани дастрасии хоҷагиҳои фермерӣ ба қарзҳои камфоизу дарозмуҳлат, паст будани хизматрасониҳо ва ҳолати бади инфрасохтор дар хоҷагии кишоварзӣ, бахусус дар системаи таъминоти нокифоя бо оби полезӣ ва роҳҳои маҳаллӣ, қарздор будани хоҷагиҳои деҳқонӣ, дастгирӣ накардани тасмимгирии деҳқонон ҷиҳати истеҳсоли маҳсулот, набудани кафолати озод барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дар интихоби кишти зироат ва ғайра.

## 2.4. Соҳаи сохтмон

Соҳаи сохтмон, ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳими бахши воқеии иқтисодиёт, дар пешбурди сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойҳои корӣ ва амалӣ намудани ҳадафҳои рушди инсонӣ мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамояд. Аз ин лиҳоз, дар шаҳри Истаравшан ба рушди соҳаи мазкур аҳамияти зарурӣ дода мешавад ва чунин муносибат ба сохтмон солҳои охир ниҳоят ҷиддӣ шуда истодааст.

Дар соли 2014 дар шаҳри Истаравшан 43 ташкилоти сохтмонӣ бо фарогирии 812 нафар кормандон фаъолият намудаанд. Шумораи умумии техникаҳои мавҷудаи дар ихтиёри ташкилотҳои сохтмонӣ буда, беш аз 163 ададро ташкил мекунад. Дар шаҳру деҳот асосан фаъолияти соҳаи сохтмон барои ба анҷом расонидани сохтмони мактабҳо, бунёди бунгоҳҳои тиббӣ, таъмиру барқарорсозии кӯпрукҳо, гузаронидани хати оби нушокӣ ва ғайраҳо нигаронида шудааст.

Тибқи натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда корҳои сохтмониро дар шаҳру деҳот асосан ташкилотҳои сохтмонии шаҳр амалӣ менамоянд. Дар соли 2014 тавассути ин ташкилотҳо 129412 ҳазор сомонӣ корҳои пудратӣ ба сомон расонида шуд, ки нисбати соли 2012 – 38,2 фоиз зиёд мебошад.

Ташкилотҳои мазкур дар солҳои 2012-2014 сохтмонӣ 27 иншоотро тавасути маблағҳои буҷаи ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармояи хориҷӣ ба анҷом расониданд. Дар солҳои минбаъда низ, тамоми корҳои сохтмонию барқарорсозӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо амалӣ карда мешаванд, зеро ташкилотҳои номбурда бо техника ва дигар таҷҳизотҳои сохтмонӣ муҷаҳаз мебошанд.

*Маълумот оиди иншоотҳои нотамоми сохташуда ва сохташаванда дар ш.Истаравшан*

| № | Номгӯи иншоотҳои гидротехникӣ | Оғози сохтмон | Воҳиди ченак | Мувофиқи лоиҳа ва нақша | Иҷроиш | Маблағи лоиҳави млн. сомонӣ | Иҷроиш млн. сомонӣ | Фоизи иҷроиш | Манбаи маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Қубури обгузари худҷории АИО «Чорёр» (х/д «Боботағо» ҷ/д Гули Сурх | 2010 | км | 3,383 | 0,4 | 6,541590 | 0,624 | 9,5 | Агентии беҳдошти замин ва обёри назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2 | Қубури обгузари худҷории д.Сӯфи Ориф, ҷ/д Зарҳалол | 2013 | км | 5,2 | 0,125 | 6,350000 | 0,1000 | 16,0 | Агентии беҳдошти замин ва обёри назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Сохтмони хатти қубури зеризаминии обтаъминкунӣ дар х/д. Кунчок, ҷ/д Нофароч | 2008 | км | 1,6 | 0,8 | 1,905 | 0,310 | 16,3 | Агентии беҳдошти замин ва обёри назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 4 | Сохтмони селанбори Кунҷоксой, ҷ/д Нофароҷ | - | адад | 1,0 | - | 8,600 | - | - | - |
| 5 | Корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ш.Истравшан мувофиқи қарори ҲҶТ №112 аз 03.03.2011с. аз он ҷумла:<br><br>Маблағгузор:<br>а) Буҷети ҷумҳуриявӣ - муттамарказонидашуда.<br>б) Сармояи хориҷӣ.<br>в) Буҷаи маҳаллӣ.<br>г) Аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонии об | 2011 | млн. сомонӣ | 4799<br><br>0,850<br><br>3,500<br>0,315<br>0,134 | 0,027<br><br>-<br><br>-<br>-<br>0,027 | 4799<br><br>0,850<br><br>3,500<br>0,315<br>0,134 | 0,027<br><br>-<br><br>-<br>-<br>0,027 | 0,05<br><br>-<br><br>-<br>-<br>20,1 | Мутамарказонидашуда Хориҷӣ<br>Буҷаи маҳаллӣ<br>Аз ҳисоби хизматрасонии об |
| 6 | Тоза кардани обанбори «Катта-Сой» аз лойқа. | - | млн.м³ | 9 | - | 54,2 | - | - | Лоиҳаи соли-1991 ҳаст |

Дар доираи татбиқи БР шаҳри Истаравшан дар давоми солҳои 2016-2020 сохтмон ва барқарорсозии 173 иншоот аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ, вилоятӣ, маҳаллӣ, соҳибкорон ва сармояи хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст, ки сохтмони онҳо аз тарафи ташкилотҳои номбурда амалӣ мешаванд.

Инчунин, дар шаҳр 6 иншооти сохтмонаш нотамом боқӣ мондааст, ки сохтмони онҳо дар солҳои 2009-2011 оғоз гардида буданд ва феълан сохтмонашон идома доранд.

Дар давоми солҳои 2016-2020 дар доираи татбиқи Барномаи рушди шаҳри Истаравшан дар шаҳраки «Баҳористон» сохтмони бинои маъмурии шаҳрак, беморхона, 2 дармонгоҳ, 4 мактаб, 3 варзишгоҳ, 2 ҳаммом, нуқтаи хушкашӯи, бозор, автовокзал, дар майдони 3 га боғи фароғатӣ-истироҳатӣ, 3 боғчаи бачагона, 70 хонаҳои баландошёна, 98 котеҷҳо ва дар ошёнаи якуми биноҳои баландошёна бунёди нуқтаҳои хизматрасонӣ ба маблағи умумии 22 млн сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Илова бар ин дар мавзеи «Сексарӣ» сохтмони 1 мактаб, 1 бунгоҳи тиббӣ, 1 боғчаи бачагона ва бинои маъмурӣ ба маблағи умумии 4,9 млн сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

***Мушкилоти асосии соҳаи сохтмон:*** Маҳдуд будани имкониятҳои буҷети ҷумҳуриявию маҳаллӣ ва сол аз сол зиёд шудани шумораи иншоотҳои сохтмонашон нотамом, пурра фаъолият накардани ташкилотҳои пудратӣ, норасогии шумораи мутахассисони касбӣ, бо иқтидори пурра фаъолият накардани заводи истеҳсоли хишт ва комбинати хонасозӣ, норасогии шумораи техникаҳои сохтмонии пуриқтидор, аз ҷумла кранҳои борбардор, экскватор ва ғайра.

# БОБИ 3. ИҶТИМОЁТ

## 3.1. Соҳаи маориф

**Арзёбӣ ва таҳлили вазъи соҳа.** Соҳаи маориф ҳамчун омили муҳими рушди инсонӣ барои ноил гардидан ба як қатор мақсадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва башардӯстона нақши муҳим мебозад. Идоракунии низоми маориф дар сатҳи маҳаллӣ бо мақсади сабукгардонии таъмини дастрасии аҳолӣ ба маълумоти баландсифат равона гардида, айни замон ҷиҳати ноил гардидан ба баробарии гендерии ҳамаи қишрҳои аҳолӣ баислоҳоти бунёдӣ эҳтиёҷ дорад ва ин ислоҳот айни замон бомуваффақият идома дорад. Барои бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи имрӯза мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим мебошад. Таъмини иҷрои барномаи мазкур дар шаҳру деҳоти Истаравшан таконе барои рушди ин соҳа хоҳад буд.

*Дараҷаи маълумотнокии аҳолӣ (ҳазор нафар)*

| Нишондодҳо | Солҳо | |
|---|---|---|
| | 2013 | 2014 |
| Дараҷаи маълумотнокӣ | Ҳамагӣ | Ҳамагӣ |
| Аҳолӣ | 235,6 | 246,6 |
| Олии касбӣ | 21,3 | 21,5 |
| Миёнаи касбӣ | 18,1 | 18,4 |
| Миёна | 87,9 | 88,5 |

Баҳри самаранок ва сифатнок татбиқ намудани сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи маҳал, дар доираи Барномаи мазкур вазифаҳои зеринро ба анҷом расонидан лозим аст: а) беҳтар намудани дастрасӣ (махсусан кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва табақаҳои осебпазири аҳолӣ) ба маълумоти томактабӣ, миёна, миёнаи махсус ва олӣ ва дар ин замина, таъмин намудани маълумоти фарогир; б) барқарор намудани инфрасохтори мактабӣ, таъмини мактабҳо бо гармӣ ва мабразҳои алоҳида барои писарон ва духтарон; в) таъмини хонандагони ҳамаи мактабҳо бо китобҳои дарсӣ; г) сохтмони мактабҳои нав; д) ҷалби ҷомеа, волидайн, омӯзгорон, талабагон ва намояндагони ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ ба идоракунии мактабҳо, ташкили таълими босифат ва таъмини фаъолияти хуби онҳо.

Дар соҳаи маорифи шаҳру деҳоти Истаравшан 9 муассисаи таҳсилоти томактабӣ, 60 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ, 2 мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 1 мактаби ибтидоӣ, 1 литсей, 6 гимназия, 1 мактаб-интернат, 1 мактаби миёнаи ғайридавлатӣ, 1 гимназияи ғайридавлатӣ, 1 мактаби мусиқӣ, 3 мактаби варзишӣ, 1 колеҷи тиббӣ, 1 колеҷи хунарҳои мардумӣ, 1 литсеи касбиву-техникӣ ва 1 маркази таҳсилоти иловагӣ амал менамояд.

**Маълумоти томактабӣ**. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 52 гуруҳ бо теъдоди 1284 нафар кӯдак (аз ин 501 нафар духтар) ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Кӯдакон дар гуруҳҳо вобаста ба синну сол чунин ҷойгир карда шудаанд: гуруҳи тайёрӣ ба мактаб ва гуруҳи русӣ. Дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ 99 нафар кормандон ба таълиму тарбия машғул буда, аз ин 31 нафар дорои маълумоти олӣ, 9 нафар таҳсилоти олии нопурра, 52 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 7 нафар дорои таҳсилоти миёна мебошанд. Шумораи кормандон ба теъдоди кӯдакони фарогирифта ба меъёрҳои муқарраргардида мувофиқ аст.

Ба ғайр аз ин, дар ҳудуди шаҳру деҳоти Истаравшан аз ҷониби Хазинаи кӯдакони СММ (Юнисеф) низ, “Марказҳои инкишофи кӯдакон” таъсис дода шуда, ҳамчун низоми пешниҳоди хизматрасонии алтернативии томактабӣ амал мекунанд, ки дар онҳо ҳамасола ба ҳисоби миёна беш аз 653 кӯдак ба таълим фаро гирифта мешавад. Яке аз ҳадафи асосии ташкил намудани чунин гуруҳҳо ва марказҳо, ин пеш аз ҳама, беҳтар

намудани дастрасии кӯдакон аз оилаҳои осебпазир ва камбизоат, махсусан дар сатҳи маҳал, ба таҳсилоти томактабӣ маҳсуб меёбад.

*Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ*

| Нишондодҳо | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | | 2013 | | 2014 | |
| | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла, духтарон |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №1 | 149 | 34 | 160 | 41 | 184 | 55 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №2 | 50 | 21 | 50 | 21 | 70 | 24 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №3 | 266 | 100 | 281 | 101 | 280 | 116 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №4 | 149 | 54 | 146 | 59 | 140 | 60 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №5 | 181 | 79 | 175 | 82 | 181 | 87 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №6 | 178 | 71 | 190 | 76 | 190 | 74 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №7 | 63 | 30 | 59 | 25 | 58 | 25 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии №9 | 24 | 8 | 35 | 12 | 31 | 12 |
| Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ | 40 | 11 | 110 | 28 | 150 | 48 |
| Ҳамагӣ: | 1100 | 364 | 1206 | 445 | 1284 | 501 |




Дар худуди шаҳру деҳоти Истаравшан беш аз 26156 ҳазор нафар кӯдакони синну соли томактабӣ (3-6 сола) ба қайд гирифта шудаанд, ки бинобар сабаби норасогии муассисаҳои томактабӣ танҳо 7,4 фисади онҳо (бо назардошти гуруҳҳои тайёрии назди мактабӣ) ба таҳсил фаро гирифта шудаанду халос. Илова бар ин, муассисаҳои томактабии мавҷуда, аслан дар маркази шаҳр ва ҷамоати деҳоти Зарҳалол ҷойгир буда, дар ҷамоатҳои боқимонда, ки беш аз 82653 ҳазор нафар аҳолӣ (аз ҷумла, 15457 нафар кӯдакони сини томактабӣ) дорад, ягон муассисаи томактабӣ амал намекунад.

Дар соли 2014 аз шумораи умумии муассисаҳои томактабии мавҷуда танҳо ҳолати муассисаҳои томактабии №1, №5 ва №6 ба талаботи муосир ҷавобгӯӣ бударду халос. Бинобар сабаби норасогии воситаҳои молиявӣ, биноҳои муассисаҳои таҳсилоти томактабии №3, №4 ва №7 кӯҳнаву фарсуда гардида, ба таъмиру азнавсозӣ ва таҷҳизонидан бо лавозимоти лозимаи хониш ниёз доранд. Илова бар ин, системаи гармидиҳии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ба талаботи муосир ҷавобгуӣ набуда, бинои ин муасисаҳо дар фасли зимистон бо печкаҳои алобӣ гарм карда мешавад. Дар баробари ин, ғунҷоиши умумии муассисаҳои томактабии шаҳри Истаравшан барои 1375 нафар кӯдак мувофиқ карда шуда, ҳоло аз ин 470 ҷой ва ё 34,2 фоизи он ба талаботҳои муосир ҷавобгуй асту халос.

Сол то сол на танҳо дар шаҳру деҳоти Истаравшан, балки дар сатҳи ҷумҳурӣ тағйирёбии мусбии вазъи демографӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин бевосита ба соҳаи маориф, махсусан ба фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ таъсири худро мерасонад.

**Маълумоти миёна**. Шумораи умумии хонандгон дар солҳои хониши 2014-2015 ҳамагӣ 53227 нафарро ташкил дода, аз ин 30737 нафар дар басти аввал, 22240 нафар дар басти дуюм ва 250 нафар дар басти сеюм таҳсил менамоянд.

*Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Истаравшан (нафар)*

| Синфҳо | Соли хониши 2012-2013 | | | | Соли хониши 2013-2014 | | | | Соли хониши 2014-2015 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | писарон | духтарон | % духтарон | ҳамагӣ | писарон | духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ | писарон | духтарон | % духтарон |
| Таёрӣ | | | | | | | | | | | | |
| I | 5016 | 2624 | 2392 | 47,7 | 5057 | 2656 | 2401 | 47,5 | 5348 | 2766 | 2582 | 48,2 |
| II | 5206 | 2646 | 2560 | 49,2 | 5103 | 2676 | 2427 | 47,6 | 5199 | 2711 | 2488 | 47,8 |
| III | 5009 | 2596 | 2413 | 48,2 | 5185 | 2636 | 2549 | 49,2 | 5052 | 2632 | 2420 | 47,9 |
| IV | 5110 | 2683 | 2427 | 47,5 | 4969 | 2569 | 2400 | 48,3 | 5156 | 2629 | 2527 | 49,0 |
| Ҳамагӣ I-IV | 20341 | 10549 | 9792 | 48,1 | 20314 | 10537 | 9777 | 48,1 | 20755 | 10738 | 10017 | 48,2 |
| V | 5128 | 2716 | 2412 | 47,0 | 5139 | 2715 | 2424 | 47,2 | 4977 | 2592 | 2385 | 47,9 |
| VI | 5155 | 2630 | 2525 | 49,0 | 5091 | 2682 | 2409 | 47,3 | 5016 | 2614 | 2402 | 47,9 |
| VII | 5075 | 2606 | 2469 | 48,7 | 5092 | 2586 | 2506 | 49,2 | 5007 | 2615 | 2392 | 47,8 |
| VIII | 4848 | 2465 | 2383 | 49,2 | 5038 | 2566 | 2472 | 49,1 | 5028 | 2545 | 2483 | 49,4 |
| IX | 5133 | 2656 | 2477 | 48,3 | 4825 | 2453 | 2372 | 49,2 | 4976 | 2539 | 2437 | 48,9 |
| Ҳамагӣ V-IX | 25339 | 13073 | 12266 | 48,4 | 25185 | 13002 | 12183 | 48,3 | 25004 | 12905 | 12099 | 48,3 |
| X | 3395 | 1765 | 1630 | 48,0 | 4021 | 2038 | 1983 | 49,3 | 3843 | 1942 | 1901 | 49,5 |
| XI | 2940 | 1568 | 1372 | 46,7 | 3075 | 1581 | 1494 | 48,6 | 3625 | 1807 | 1818 | 50,1 |
| Ҳамагӣ X-XI | 6335 | 3333 | 3002 | 47,3 | 7096 | 3619 | 3477 | 49,0 | 7468 | 3749 | 3719 | 49,8 |
| Ҳамагӣ: | 52015 | 26955 | 25060 | 48,1 | 52595 | 27158 | 25437 | 48,4 | 53227 | 27392 | 25835 | 48,5 |

Сабаби асосии пурра фаро гирифта нашудани хонандагон ба таҳсил баъди хатми синфи 9-ум ба он алоқаманд аст, ки қисми писарбачагон аз оилаҳои камбизоат ба муҳоҷирати меҳнатӣ, қисми дигари писару духтарон ба омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзгорӣ, тиббӣ ва инчунин ҳамроҳи волидайни худ ба берун аз ҳудуди шаҳру деҳот меравaнд. Яке аз сабабҳои дигар, ин норасогии маблағҳои буҷаи оилавӣ барои таъмин намудани фарзандон бо сару либос, таҷҳизоти мактабӣ ва дурии роҳ то мактаб мебошад.

Бо мақсади беҳтар намудани низоми идоракунӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Истаравшан айни замон 73 адад ассотсиатсияи волидону омӯзгорон (АВО) фаъолият менамояд. Ҳадафи асосии ташкили чунин асотсиятсияҳо, ин ҷалби бештари падару модарон ба ҳалли мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи маориф мебошад.

Нокифоягии теъдоди китобҳои дарсӣ ва маводи методии муосир вазъи соҳаи маорифро боз ҳам мушкилтар гардонида, барои рушди он садди роҳ мегарданд. Сифати таълим, дараҷаи дониш ва маҳорати хонандагон мутахассисони соҳаро имрӯз қаноатманд наменамояд. Барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа ва ба талаботи муосир мутобиқ намудани шароити таҳсил ва сифати дониши хонандагон корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур аст.

**Шаклҳои нави идоракунӣ.** Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2007 таҳти № 350 “Дар бораи марҳилаҳои гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ» аз 1 январи соли 2010 ҳамаи 68 муассисаи таълимӣ (58 мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва 2 мактаби таҳсилоти асосии умумӣ, 1 мактаби тахсилоти ибтидоӣ, 2 литсей ва 5 гимназия) ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ гузаронида шуданд.

Баҳри татбиқ намудани ислоҳоти соҳаи маориф, мақсаднок ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ, назорати рафти иҷрои ислоҳот аз рӯи дастурамали хароҷот барои як хонанда, таи ин солҳо чандин чорабиниҳо гузаронида

шуд. Дар тӯли солҳои 2011-2014 дар асоси маблағгузории сарикасӣ ба муассисаҳои таълимии шаҳри Истаравшан ба андозаи 80,9 млн. сомонӣ маблағ ҷудо гардидааст.




Дар соли 2014 хаҷми умумии хароҷоти соҳаи маориф дар буҷети маҳаллӣ 36,7 млн. сомониро ташкил дода, ҳиссаи он дар сохтори хароҷоти буҷети маҳаллӣ 53,0 фоизро ташкил медиҳад. Дар ин давра аз ҳаҷми умумии маблағҳои ба соҳаи маориф равонагардида, ба таҳсилоти томактабӣ 8,9 фоиз, ба таҳсилоти миёнаи умумӣ 72,6 фоиз, ба таҳсолоти касбӣ-техникӣ 15,0 фоиз, ба таҳсилоти олӣ 1,3 фоиз ва ба дигар хароҷотҳо 2,2 фоиз рост меояд.

Гарчанде, ки маблағгузорӣ солҳои охир тамоюли афзоишро дошта бошад ҳам, муттаасифона барои пурра бартараф намудани мушкилоти муҳими соҳаи маориф нокифоя аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муассисаҳои таълимӣ бояд фақат ба маблағҳои буҷети давлатӣ умед набаста, балки инчунин ба маблағгузории бисёршабакавӣ гузаранд, яъне аз ҳисоби ташкил кардани таълими иловагии пулакӣ, гузаронидани курсҳо барои дохилшавандагон ба мактабҳои олӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ташкил ва рушди инфрасохтор аз ҳисоби ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва хусусие, ки буҷети муассисаҳои таълимиро ғанӣ мегардонанд.

**Таъминот бо омӯзгорон.** Ба ҳолати 1 январи соли 2015 шумораи умумии омӯзгорони шаҳри Истаравшан 2826 нафарро ташкил дод, ки 1361 нафар ё 48,1 фоизашро занон ташкил медиҳанд. Аз шумораи умумии омӯзгорон 2298 (998 нафар зан) дорои маълумоти олӣ, 133 нафар (92 нафар зан) дорои маълумоти олии нопурра, 395 нафар (271 нафар зан) дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Шумораи кормандон ба теъдоди кӯдакони фарогирифта ба меъёрҳои муқаррааргардида мувофиқ аст.

Дар тӯли солҳои 2012-2014 аз мутахассисони маҳаллӣ 310 нафар (аз ҷумла 173 нафар духтарон) мактабҳои олии кишварро хатм намуда, аз онҳо 213 нафарашон ба маҳалли худ бар гашта, бо ҷои кори доимӣ таъмин карда шуданд. Дар баъзе ҳолатҳо сабаби аз кор рафтани мутахссисони соҳа ин паст будани музди меҳнат, ба дигар корҳои даромадноктар ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо мебошад. Зиёд намудани ҳавасмандгардонии моддию маънавии кадрҳои маҳаллӣ ҷиҳати ҷалби хатмкунандагони мактабҳои олӣ барои кор кардан дар мактабҳо мусоидат хоҳад намуд.

*Шумораи омӯзгорон дар тӯли солҳои 2012-2015 (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳои хониш | | |
|---|---|---|---|
| | 2012-2013 | 2013-2014 | 2014-2015 |
| Шумораи умумии омӯзгорон | 2731 | 2873 | 2826 |
| аз ҷумла занҳо | 1322 | 1420 | 1361 |
| Дорои маълумоти олӣ | 2105 | 2215 | 2298 |
| аз ҷумла занҳо | 874 | 937 | 998 |
| Олии нопурра | 85 | 101 | 133 |
| аз ҷумла занҳо | 53 | 65 | 92 |
| Миёнаи махсус | 429 | 424 | 395 |
| аз ҷумла занҳо | 317 | 312 | 271 |
| Миёнаи умуми | 112 | 133 | - |
| аз ҷумла занҳо | 78 | 106 | - |
| Муалимоне, ки аз кор рафтанд | 105 | 140 | 107 |
| аз ҷумла занҳо | 35 | 49 | 38 |
| Норасогии кадрҳо | 21 | 20 | 18 |

**Маълумоти фарогир.** Дар шаҳру деҳоти Истаравшан ба ҳолати 1 январи соли 2015 ҳамагӣ 1122 нафар кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин шумора 269 нафарашон кӯдакони сини то 3 сола, 467 нафар аз 3 то 6 сола, 386 нафар аз 7 то 17 сола мебошанд. Айни замон, аз шумораи умумии кӯдакони маъюби сини томактабӣ 83 нафар ва кӯдакони синни мактабӣ 331 нафар хонандагони имконияташон маҳдуд, аз ҷумла 7 нафар хонандагони дершунаво, 249 нафар хонандагони биноияшон суст ба таълим фаро гирифта шудаанд. Сабаби асосии пурра ба таълим фаро гирифта нашудани кӯдакони маъюб, ин норасогии маводҳои таълимӣ, аз ҷумла, набудани заминаи моддию техникии лозима дар муассисисаҳои таълимӣ, норасогии мутахассиссони баландихтисоси соҳа, шароити вазнини оилавӣ ва пурра ҷорӣ нагардидани низоми таълимоти фарогир дар мактабҳои шаҳру деҳот, норасогии асбобу таҷҳизотҳои махсусгардонидашуда, таваҷҷуҳи сусти аҳли ҷомеа дар бартарафсозии мушкилиҳои мавҷуда, набудани инфрасохтори лозима, робитаи сусти сохторҳои дахлдор оид ба ҳамкорӣ бо кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, норасогии воистаҳои таълимии ташаккули зеҳнӣ (бозичаҳои махсус барои рушди неруи зеҳнӣ, асбоҳои машқӣ ва ғайра), руйпуш гардидонидани кӯдакони дорои имконияташон маҳдуд аз ҷониби волидайн (бо сабабҳои шарм кардан ва ё нофаҳмӣ ва ғайра) ба ҳисоб меравад.




**Маълумоти олӣ ва миёнаи махсус.** Дар соли хониши 2013-2014 муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Истаравшанро 3625 нафар (аз ҷумла, 1818 нафар ё 50,1% духтарон) хатм намуданд, ки аз ин 1407 ва ё 38,8 фоизи хатмкунандагон ба мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси шаҳрҳои Душанбе, худи Истаравшан ва Хуҷанд, аз рӯи ихтисосҳои гуногун дохил гардиданд. Илова бар ин, дар тӯли солҳои 2012-2014 аз

ҳисоби хатмкардагони мактабҳои шаҳру деҳот 127 нафар дар муассисаҳои таълимии олии хориҷи кишвар (Федератсияи Россия, Украина ва Белоруссия) таҳсил намудаанд.

Тибқи нақшаи корӣ ҳар сол аз рӯи квотаи президентӣ хонандагони болаёқат ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ дохил мешаванд. Тӯли солҳои 2011-2014 тибқи квотаи президентӣ ба мактабҳои олии ҷумҳурӣ 67 нафар дохил шуданд, ки аз ин 33 нафар писар ва 34 нафарашон духтарон мебошанд.

**Инфрасохтори мактабӣ ва азнавсозии он.** Ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2008 № 436 «Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008–2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» як қатор корҳо ба иҷро расонида шуд. Новобаста аз ин, баъзе масъалаҳои ҳалталаб, ба монанди аз таъмири асосӣ ва ҷорӣ баровардани мактабҳо боқӣ мондаанд.

Дар шароити кунунӣ дар аксари мактабҳо, махсусан мактабҳои деҳот норасогии кабинетҳои фаннӣ, устохонаҳо, ошхонаҳо, китобхонаҳо ва толорҳои варзишӣ ба назар мерасад. Мушкилоти дигари соҳа ин нарасидани мизу курсӣ (эҳтиёҷоти умумӣ 621 ҷуфт) мебошад.

**Дастрасӣ ба технологияи компютерӣ.** Дар мактабҳои таҳсилоти умумии шаҳру деҳоти Истаравшан 1385 адад компютер ва 201 адад принтер мавҷуд аст, ки 1 компютер ба 16 хонанда рост меояд, ки барои таълими хонандагон нокифоя аст. Дар асоси «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» ва барномаи қабулнамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан барои 15 нафар хонандаи синфҳое, ки аз фанни технологияи информатсионӣ таълим мегиранд, бояд 1 адад компютер таъмин карда шаванд. Барои ба ин ҳадаф расидан мактабҳои шаҳру деҳоти Истаравшан ба 225 адад компютер ниёз доранд. Нарасидани нерӯи барқ дар фасли зимистон дар мактабҳои деҳот барои гузаронидани дарсҳои амалии фанни технологияи информатсионӣ монеа пеш меоварад. Бинобар ин зарурати таъмини мактабҳо бо хати озоди барқ ва батареяҳои офтобӣ ба миён омадааст.

**Таълими маълумоти миёнаи махсус:** Муассисаҳои таълимии миёнаи махсус дар тайёр намудани мутахассисони тамоми соҳаҳо нақши босазо мебозанд.

*Литсеи касбии техникии №14.* Муассисаи мазкур соли 1959 ҳамчун Омӯзишгоҳи касбӣ-техникӣ таъсис дода шудааст ва дар соли 2012 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №630 аз 2 ноябри соли 2012 ба Литсеи касбии техникӣ табдил дода шуд. Ин муассиса дар маркази шаҳри Истаравшан ҷойгир буда, дорои бинои маъмурӣ, ду бинои таълимӣ, устохонаҳои таълимӣ, оҳангарӣ, харротӣ ва челонгарӣ, толори варзишӣ, толори маҷлисгоҳ, китобхона, хобгоҳ, ошхона барои 100 ҷои нишаст ва майдончаи варзишӣ мебошад. Литсей инчунин дар ихтиёри худ 2 адад тракторҳои тасмачарх, 4 адад тракторҳои ғилдиракдор, 2 адад автомашинаи ГАЗ 53 ва 13 адад техникаҳои кишоварзӣ дорад. Бо мақсади беҳтар намудани базаи моддию техникии муассисаи мазкур соли 2012 он боз бо 1 адад трактори нав бо тамоми таҷҳизотҳояш таъмин карда шуд. Дар ин муассиса омӯзиш аз рӯи ихтисосҳои тракторчӣ-мошинчии истеҳсолоти кишоварзӣ бо гирифтани маълумоти миёнаи умумӣ, ҳисобчӣ бо омӯзиши кор дар компютер, кафшергари барқӣ, устои барқ оид ба хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизотҳои барқӣ, челонгар- таъмиргар, ронандаи автомабил бо силсилаи «С», дузанда ва занбӯриасалпарвар ба роҳ монда шудааст. Таҳсил дар шакли рӯзона ва ғоибона ҷараён дорад. Соли хониши 2013-2014 дар шӯъбаи рӯзона 181 нафар (аз ҷумла, 62 нафарашон духтар) ва дар шӯъбаи ғоибона 125 нафар (25 нафарашон духтар) таҳсил намудаанд. Ба онҳо 45 нафар устодони ботаҷриба сабақ меомӯзанд, ки аз онҳо 8 нафарашонро занҳо ташкил медиҳанд.

Бинои омӯзишгоҳи мазкур соли 1959 сохта шуда, ҳоло қисман ба таъмир ниёз дорад. Дар бинои омӯзишгоҳ хати таъминоти оби нӯшокӣ мавҷуд нест. Дар омӯзишгоҳ

барои омӯзиш ба гурӯҳҳои трактористон 2 адад трактори таълимии МТЗ 80, ба гурӯҳҳои дӯзандагӣ 10 адад мошинаи либосдӯзии ҳозиразамон, ба гурӯҳи ҳисобчиён 20 адад компютер ва ба гурӯҳҳои занбӯрпарварӣ 20 қуттӣ зарур буда, 17 утоқи техникӣ ба ҷиҳозонидани таҷҳизотҳои замонавӣ ниёз дорад.




Фонди китобхонаи ин таълимгоҳро 5000 нусха китоб ташкил дода, бинобар сабаби норасогӣ ва ворид нагардидани китобҳои тозанашри соҳавии муосир ба мушкилиҳои зиёд дучор гардида истодааст.

Таи солҳои 2012-2014 муассисаи мазкурро 457 нафар хатм намуда, аз ин 336 нафар ба ҷои кор фиристода шуда, 131 нафари дигар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафарбар гардидаанд.

*Коллеҷи тиббии шаҳри Истаравшан.* Муассисаи мазкур, аз соли 1991 дар асоси фармони Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 1991 №282 ҳамчун муассисаи таълимии мустақил фаъолият мекунад. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 №148 ҳамчун муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Истаравшан табдил дода шуд. Коллеҷи тиббии шаҳри Истаравшан дар тобеияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 2004, №423 дар бораи «Консепсияи ислоҳоти таҳсилоти тиббӣ ва фармасевтӣ дар Тоҷикистон») ва ҳамчун муассисаи таълимии миёнаи касбӣ оид ба тайёр намудани мутахассисони соҳаи «Кори ҳамширагӣ», «Беҳдошт, санитария, эпидемиология» ва «Кори лабораторӣ» фаъолият менамояд.



Дар соли 2014 шумораи умумии донишҷӯён 1017 нафарро (аз ҷумла, 898 нафар духтар) ташкил дода, ба онҳо 210 нафар омӯзгорон таълим додаанд. Аз шумораи омӯзгорони асосии коллеҷи тиббӣ 40 нафар дорои маълумоти олӣ ва 14 нафар дорои маълумоти олии нопурра мебошад. Дар коллеҷи мазкур донишҷӯён аз тамоми шаҳру шаҳрҳои ҷумҳурӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар коллеҷ толори варзишии замонавӣ, майдончаҳои волейболу варзиши сабук вуҷуд дорад ва дар онҳо машғулиятҳои варзишӣ гузаронида мешаванд.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, ин набудани хобгоҳ барои донишҷуён мебошад. Сохтмони бинои хобгоҳ метавонад мушкилоти мавҷударо бартараф созад.

*Мушкилиҳои асосии соҳаи маорифи шаҳру деҳоти Истаравшан*

| | Номгӯи мушкилиҳо | Рақами мактабҳо ва мавзеъи ҷойгиршавии онҳо |
|---|---|---|
| 1. | Бад будани базаи моддиву техники мактабҳо | |
| | Таъмир талаб будани бинои мактабҳо | МТМУ№ 39, 31, 38, 25, 36, 44, 32, 23, 40, 12, 13, 26, 28, 17, 16 |
| | Нарасидани синфхонаҳо | МТМУ №59,43,10,38, дохили шаҳр, қишлоқҳои Суркат, Боботаго, Тапкок |
| | Нотамом мондани сохтмони мактабҳо | № 11, 8, 43, 59, 38 |
| 2. | Шароити номусоид барои таҳсили хонандагон | |
| | Нарасидани таҷҳизоти мактабӣ, мизу курсиҳо барои хонандагон | Дар мактабҳои № 2, 38, 26, 8, 10, 12, 14, 21, 22, 37, 43, 44, 46, 17, 32 |
| | Набудани кабинетҳои фаннии бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон муҷаҳҳазонидашуда, нарасидани китобҳои дарсӣ. | Мактабҳои № 6, 8, 11, 17, 19, 31, 32, 34, 36, 37, 38, 39, 50, 51, 53, 54, 56, 58 |
| | Аз кор баромадани таҷҳизоти гармидиҳии мактабҳо | Мактабҳои № 31, 16, 7, 9, 2, 10, 21, 24 |
| | Набудани барқи доимӣ дар мактабҳо | Мактабҳои № 6, 9, 11, 15, 17, 18, 19, 25, 26, 27, 29, 34, 37, 38, 40, 41, 42, 43, 44, 45, 48, 51, 55, 56, 57, 58, 60, 61, 63 |
| | Набудани хатти оби нӯшокӣ дар мактабҳо | Мактабҳои № 15, 22, 24, 27, 30, 31, 34, 37, 43, 50, 54, 58, 59, 60, 63 |
| 3. | Дарстрас набудани хонандагон ба таҳсил | |
| | Ба талабот ҷавобгӯ набудани роҳҳои пиёдагард, дар ҳолати садамавӣ будани бисёр купрукҳои одамгузар | Дар деҳаҳои Аргу, Чавкандак, Туда |
| 4. | Суст будани иштироки хонандагон дар озмунҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ | Мактабҳои деҳот №8, 17, 19, 21 ,29, 38, 44, 48, 50 |
| | Суст будани робитаи мактабҳо бо АВО (Ассотсиатсияи волидону омӯзгорон) | Мактабҳои деҳот |
| 5. | Нокифоя будани фаъолияти берун аз мактабӣ | |
| | Мавҷуд набудани истироҳатгоҳҳо (лагерҳо) барои хонандагон | Мактабҳои деҳот |
| | Пурра дастрас набудани Марказхои таҳсилоти иловагӣ дар маҳал | Дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳот (Ҷамоатҳои Гули Сурх, Қалъаи Баланд, Ниҷонӣ, Нофароч, Пошкент, Ҷавкандак, Сабристон, Чорбоғ) |
| 7. | Суст будани фарогирӣ ба кӯдакистон | |
| | Набудани кӯдакистон | Ҷамоатҳои Гули Сурх, Қалъаи Баланд, Ниҷонӣ, Нофароҷ, Пошкент, Ҷавкандак, Сабристон, Чорбог |
| | Таъмир талаб будани кӯдакистонҳо | Кӯдакистонҳои шаҳру деҳот (№ 3, 4, 7) |
| | Набудани таҷҳизоти нав | Дар кӯдакистонҳои № 2, 3, 4, 7, 9 |
| | Набудани мактаб-интернати махсус барои кӯдакони бепарастор | |

## 3.2. Соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

**Ҳолати умумӣ.** Саломатии аҳолӣ самти муҳимми соҳаи иҷтимоии шаҳру деҳотӣ Истаравшан ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии он таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои баландсифати тиббӣ мебошад. Соҳаи тандурустии шаҳри Истаравшан яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок барои беҳбудии саломатии аҳолӣ

маҳсуб меёбад. Дар фасли мазкур самтҳои афзалиятноки рушди бахши тандурустӣ ва талаботи молиявие, ки барои ба эътидол омадани асосҳои низоми ёрии тиббию беҳдоштии аввалия ногузиранд, инъикос ёфта, чунин зерсохторҳоро, аз қабили миқдори марказҳои саломатӣ, ҳолати саломатии аҳолӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии аввалияи тиббӣ, ҳалли мушкилиҳои бахши тандурустӣ ва роҳҳои ноил шудан ба беҳдошти ҳолати соҳаи марбутаро фаро мегирад.

**Давомнокии миёнаи умр.** Ташфиқ, пешбурд ва ташаккули тарзи ҳаёти солим яке аз омилҳои асосӣ ва муҳими беҳбуди бахшидан ба нишондиҳандаҳои марбут ба пешбурди дурусти ҳаёт мебошад. Сари вақт ва бо сифат гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию тавзеҳӣ дар миёни аҳолӣ, ки ба дарки мафҳумҳое чун танзими оила, талқини малакаҳои гигиенӣ ва тағйирёбии меъёрҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад, унсурҳои асосии ташаккули тарзи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад. Давомнокии миёнаи умри аҳолии шаҳри Истаравшан 56-62 сол, аз ҷумла барои мардон 55-62 сол ва барои занон 66-73 сол мебошад.

**Бемориҳои паҳншуда**. Бемориҳои аз ҳама бештар паҳншуда дар байни аҳолии шаҳри Истаравшан, фишорбаландӣ, бемориҳои дил, диабети қанд, сил, сироят бо ВНМО, зардпарвин, буғумдард, кирми рӯда (гелминтоз дар байни кӯдакон ва наврасони то 14 сола), ҷоғар, дарунравии шадид дар байни кӯдакон, гестозҳо, апендисит, санги талха ва гурда, бемории меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта, латхурӣ (травма) ва авориз баъди таваллуд дар байни навзодон мебошад. Сабаби паҳн шудани чунин бемориҳо дар байни аҳолӣ, саривақт аз ташхис нагузаштан, сатҳи пасти иттилоотнокӣ, камбизоатӣ ва дигар омилҳо мебошад.

**Саломатии модар ва кӯдак.** Таъмини солимии аҳолӣ самти муҳими иҷтимоиёти шаҳри Истаравшан ва деҳоти он буда, мақсади асосии он таъмини дастрасии сокинон, аз ҷумла модарону кӯдакон ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ мебошад.

*Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар (нафар)*

| Нишондод | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 6720 | 6407 | 6884 | 7278 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 6644 | 6330 | 6831 | 7213 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 98,8 | 98,7 | 99,2 | 99,1 |
| Таваллуд дар хона | 76 | 77 | 53 | 65 |
| Ба ҳисоби фоиз (%) | 1,1 | 1,2 | 0,7 | 0,8 |
| Фавти кӯдакони то 1 сола | 121 | 99 | 126 | 138 |
| Мурдатаваллуд | 62 | 68 | 90 | 79 |
| Фавти кӯдак то 5 сола (аз рӯи 1000 з/т)<br>Бо промил | 20<br>(2,9 прм) | 18<br>(2,8 прм) | 15<br>(2,1 прм) | 13<br>(1,6 прм) |
| Фавти модарон (барои 100,0 ҳазор зинда таваллуд)<br>Бо промил | - | - | - | 4<br>(55,0 прм) |

Аз маълумотҳои овардашуда бар меояд, ки шумораи таваллуд ҳамасола тадриҷан афзоиш ёфта, ин нишондиҳанда соли 2014 дар таносуб ба соли 2011 – 9,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Коэффитсиенти умумии таваллуд дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 6,9 промил (ба 1000 зинда таваллуд) зиёд гаштааст. Дар соли 2014 аз шумораи умумии таваллудшудагон 0,8 фисади он дар хона ба дунё омадааст ва чуноне, ки маълум аст, ҳангоми таваллуд дар хона на ҳамеша қоидаҳои санитарию гигиенӣ риоя карда мешаванд.

Яке аз мушкилиҳои асосии соҳа, ин баланд будани сатҳи фавти кӯдакони то 1 сола, мурдатаваллудшуда ва фавти модарон мебошад. Сабаби асосии фавти навзодонро мутахассисони соҳа дар бемориҳои давраи навзодӣ, нуқсонҳои модарзодӣ, фалаҷи майнаи сари кӯдакон ва ғайраҳо арзёбӣ менамоянд.




Сатҳи фавти кӯдакон нисбат ба нишондиҳандаи ҷумҳуриявӣ 2,0 промилле баланд аст. Болоравии нишондиҳандаҳои овардашуда ба саривақт набурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар байни занҳои қобили таваллуд, суст будани назорати антинаталӣ, дар сатҳи зарурӣ набудани маърифатнокии аҳолӣ вобаста ба нигоҳубини кӯдак алоқаманд мебошад.

Шумораи мурдатаваллуд ва кудакони фавтидагон сини то 1 сола дар солхои 2011-2014 (нафар)




Ба нишондиҳандаҳои фавти кӯдакони то яксола ва мурдатаваллуд омилҳои зерин таъсири манфӣ мерасонад: баланд будани нишондоди фавти перенаталӣ (0-6 рӯза) бинобар ғайриқаноатбахш будани солимии занҳои қобили таваллуд ва ҳомила, зиёд гаштани бемориҳои ғайризанона дар байни занҳои ҳомила, суст будани назорати антинаталӣ, баланд будани сатҳи таваллуди кӯдакон бо нуқсонҳои модарзодӣ ва инчунини нуқсонҳои модарзодии дил, бемориҳои асаб, паст будани маърифатнокии занҳо нисбати нигоҳубини кӯдак ва таъсири манфии мавсими сармои зимистон.

Солҳои охир дар шаҳру деҳоти Истаравшан коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомиладор ба бемориҳои экстрагенеталӣ (аз ҷумла камхунӣ, бемориҳои гурда, ҷоғар ва бемориҳои сироятӣ), саривақт муроҷиат накардан ба кормандони тиб ҳангоми пайдо шудани аломатҳои хатари ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, дар сатҳи зарурӣ набудани иттилоотнокии занон дар масъалаҳои саломатии репродуктивӣ ва паст будани сатҳи зисту зиндагии занҳои қобили таваллуд, зиёд гаштани ावоризҳои ҳомиладорӣ (фишорбаландӣ, бемориҳои гурда) мебошад. Дар байни занҳои таваллудкунанда таи се соли охир шумораи занҳои гирифтории бемории камхунӣ 0,6% ва ҷоғар 0,5% афзоиш ёфтааст.

Дар беҳдошти солимии модарон, татбиқи барномаҳои давлатӣ оид ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон, фаъолияти хуби табибони оилавӣ дар муассисаҳои КАТС, хадамоти патроначӣ ва тибби оилавӣ нақши калон мебозад.

**Дастрасии кӯдакони маъюб ба хизматрасониҳои тиббӣ.** Кӯдакони маъюб ҳамчун табақаи осебпазири аҳолӣ маҳсуб ёфта, беҳтар намудани дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои тиббӣ хеле муҳим мебошад. Ин аст, ки дар заминаи Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак, чораҳо барои таъмин намудани дастрасии самараноки хизматрасонии тиббӣ ва барқарор кардани саломатии кӯдакони маъюб андешида мешавад.

**Тамоюли паҳншавии бемориҳои сироятӣ**. Мубориза ба муқобили бемориҳои сироятӣ яке аз масъалаҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола аст. Дар давоми даҳсолаи охир аз сабаби коҳиш ёфтани ҳаҷми маблағгузорӣ ва кӯҳнаю фарсуда шудани таҷҳизотҳои озмоишгоҳи Маркази давлатии санитарию эпидемиологии шаҳри Истаравшан, имкониятҳои пешгирӣ намудани касалиҳои сирояткунанда кам шудааст. Яке аз омилҳои асосие, ки ба ба паҳн гардидани бемориҳои сироятӣ таъсир мерасонад, ин норасогии оби тозаи нӯшиданӣ дар шаҳру деҳоти Истаравшан мебошад. Новобаста аз оне, ки таъминот бо оби тозаи ошомиданӣ дар маркази шаҳр 62 фоиз ва дар деҳот 51 фоизро ташкил медиҳад, дар бисёр мавридҳо сарчашмаҳои обгирӣ, қубурҳои обгузар, низоми идоракунӣ ва маърифати истифодабарандагони об ба талаботҳои муосир ҷавобгӯӣ нестанд. Бинобар сабаби солҳои дароз истифода гардидани қубурҳои обгирӣ, аксарияти онҳо кӯҳнаю фарсуда гардида, ба таъмиру азнавсозӣ ниёз доранд. Илова бар ин, набудани қубурҳои оби нӯшокӣ ва ё аз кор баромадани қубурҳои мавҷуда дар баъзе муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ мушкилоти соҳаро боз ҳам вазнинтар мегардонад.

*Динамикаи бемориҳои сироятӣ*

| Намуди бемориҳои сироятӣ | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Бемории сил | 63 | 62 | 46 | 47 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 28,4 | 26,7 | 19,5 | 19,2 |
| Газидан, оболудшавӣ, харошидан аз тарафи ҳайвонҳо | 363 | 613 | 512 | 443 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 287 | 264 | 217 | 181 |
| Исҳоли хунин (Дизентерия) | 54 | 22 | 24 | 32 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 24,3 | 9,4 | 10,1 | 13,1 |
| Гелментоз | 1460 | 1606 | 1970 | 772 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 659 | 692 | 708 | 316 |
| Табларза (малярия) | - | - | - | - |
| Сироятҳои шадиди рӯдаву меъда | 336 | 386 | 313 | 274 |
| (ба 100 ҳаз.аҳолӣ) | 151 | 166 | 132 | 112 |
| Бемории бруселлез | 9 | 2 | 1 | 1 |
| Бемории домана | - | - | - | - |
| Бемории ВИЧ/СПИД, аз ҷумла: | 15 | 13 | 18 | 12 |
| - Шумораи беморон/кӯдакони то сини 15 сола | - | - | - | 1 |
| - Шумораи беморони синни 15-24 сола | - | - | - | - |
| - Шумораи умумии беморони ба қайд гирифта шуда дар байни занҳои хомиладор/холатҳои нав | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ аҳолӣ: | 221495 | 231812 | 235773 | 244110 |

Солҳои охир дар шаҳр шумораи нафарони гирифтори бемории сил, бемориҳои шадиди рӯдаву меъда, гелментоз ва ВИЧ/СПИД кам шудааст. Гирифтори бемории ВИЧ/СПИД дар чор соли охир 0,8 % кам шудааст. Таи се соли охир аз бемории ВИЧ (СПИД) 3 нафар фавтидааст. Сабаби асосии коҳиши бемориҳои сироятӣ ин сари вақт ташхис шудани бемориҳо мебошад. Амммо ҳоло низ дар самтҳои алоҳида корҳои зиёдеро ба сомон расонидан зарур аст, аз ҷумла дар оилаҳое, ки ба хизматрасониҳои

тиббӣ дастрасӣ надоранд, дар самти хизматрасонии пасти рифоҳӣ (коммуналӣ) дар деҳот ва дар самти паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба масъалаҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ. Дар бисёр мавридҳо бемориҳои сирояткунанда дар шаҳру деҳоти Истаравшан аз паст будани сатҳи зиндагии мардум, дониши пасти тиббии аҳолӣ нисбати пешгирии бемориҳо, набудани назорати доимии тиббӣ, дар ҳолати ғайрисанитарӣ нигоҳ доштани оби чоҳҳо, истеъмоли обҳои ноҷӯшонида, истеъмоли сабзавот ва меваҳои ношуста ва риоя накардани гигиенаи шахсӣ вобаста мебошад. Ин касалиҳо бештар дар байни аҳолии аз синни 5 то 40 сола ба назар мерасад. Дар масъалаи пешгирии бемориҳои сирояткунанда, дуруст ба роҳ мондани бақайдгирии бемориҳо оид ба гузаронидани корҳои профилактикӣ ва ташхисӣ, бахусус гузаронидани ташхиси озмоиши бахши тандурустии шаҳр саҳмгузор бояд бошад.

Дар шаҳри Истаравшан 2 шӯъбаи машваратии тиббӣ барои ҷавонон фаъолият мекунад, ки ба эҳтиёҷмандон хизматрасонии тиббӣ, руҳӣ ва иҷтимоиро оид ба масъалаҳои нигаҳдории саломатӣ пешниҳод менамояд. Новобаста аз ин, дастрасии кӯдакон ба хизматрасониҳои пешниҳодгардида фарогирии бештарро талаб менамояд.

Муассисаҳои тиббӣ ба 246100 нафар аҳолӣ хизмати тиббӣ мерасонад, ки маблағгузории муассисаҳои мазкур тавассути буҷаи давлатӣ амалӣ гардида, дар доираи барномаҳои соҳавӣ сурат мегирад. Айни ҳол, бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани бемориҳо ва беҳдошти саломатии аҳолӣ дар шаҳри Истаравшан якчанд барномаҳои соҳавӣ ва миллӣ мавриди амал қарор доранд: аз ҷумла «Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим», «Барномаи мубориза бар зидди бемориҳои сил», «Барномаи мубориза бар зидди бемории ВИЧ/СПИД», «Барномаи мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ», «Барномаи пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи бемории ишемияи дил», «Барномаи иммунопрофилактикаи ҶТ», «Барнома оиди пешгирии бемории камхунӣ» ва ғайра.

**Бемориҳои ғайрисироятӣ.** Дар шаҳру деҳоти Истаравшан бемориҳои захми меъда, газаки меъда, газаки гурда, тарбод, ғадуди дарунӣ, камхунӣ, ҷоғар ва бемории ишемияи дил солҳои охир афзоиш ёфтааст. Сабаби афзоиши ин бемориҳо, паст будани маърифатнокии аҳолӣ доир ба пешгирии бемориҳо, камбудии тарзи ҳаёти солим, саривақт муроҷиат накардан ба муассисаҳои тиббӣ, камбизоатӣ, баланд будани нархи доруворӣ ва набудани шароити иҷтимоӣ мебошад.

**Сохтори соҳаи тандурустӣ.** Дар ҳудуди шаҳру деҳоти Истаравшан беморхонаи сироятӣ (дорои 50 кат), қароргоҳи ёрии таъҷилии тиббӣ, таваллудхонаи шаҳрӣ (дорои 110 кат), 2 беморхонаҳои деҳот (дорои 110 кат), 2 маркази саломатии шаҳрӣ, маркази солимии репродуктивӣ, маркази тиббӣ оилавӣ, маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии шаҳрӣ, маркази мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ, маркази иммунопрофилактикӣ, маркази дандонпизишкӣ, маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, маркази мубориза алайҳи ВИЧ/СПИД-и шаҳрӣ, маркази мубориза бар зидди бемориҳои сил, 17 маркази саломатии деҳотӣ ва 28 адад бунгоҳҳои тиббӣ фаъолият мебаранд.

Хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ дар муассисаҳои тандурустии шаҳру деҳоти Истаравшан сол аз сол беҳтар шуда, дар соли 2014 ба 339074 нафар хизмати тиббӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2011 шумораи муроҷиаткунандагон 63% афзоиш ёфтааст.

Илова ба ин, дар ҳудуди шаҳри Истаравшан 36 муассисаҳои тандурустии шаҳрӣ, аз ҷумла 18 шӯъбаҳои госпиталӣ, 2 маркази саломатӣ, 1 маркази стоматологӣ, 1 таваллудхона ва ғайраҳо мавҷуд мебошад, ки 80 фоизи хизматрасониашон ба аҳолии шаҳру деҳоти Истаравшан рост меояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари муроҷиаткунандагон ба марказҳои саломатии шаҳрӣ (38,1 фоизи шумораи умумӣ), марказҳои саломатии деҳотӣ ва бунгоҳҳои саломатӣ (69,2 фоизи шумораи умумӣ) муроҷиат намудаанд. Аз шумораи умумии муроҷиаткунандаҳо 7,6 фоизашон ба табобати статсионарӣ фаро гирифта шудаанд.

*Шумораи мурочиаткардагон ба муассисаҳои тиббӣ (нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|
| Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | 26760 | 24711 | 25647 | 22697 |
| Беморхонаҳои шаҳрвии №1 | 948 | 1091 | 1229 | 800 |
| Беморхонаҳои шаҳрвии №2 | 1110 | 1122 | 1171 | 805 |
| Беморхонаҳои шаҳрвии №3 | 1035 | 1112 | 1083 | 785 |
| Марказҳои саломатии шаҳрӣ | 23128 | 93285 | 226527 | 209593 |
| Марказҳои саломатии деҳотӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ | 89326 | 93285 | 100747 | 104394 |
| Ҳамагӣ | 122307 | 377021 | 356404 | 339074 |

Дар муассисаҳои тиббии соҳаи тандурустии шаҳру деҳоти Истаравшан 322 табибони маълумоти олидор ва 1155 нафар корманди миёнаи тиб фаъолият менамоянд.

Коэффисиенти таъминот бо духтурони маълумоти олидор дар шаҳр ба 10 ҳазор аҳолӣ 14,1% ва бо ҳамшираҳои тиббӣ ба 48% рост меояд.

*Таъминоти аҳолӣ бо кормандони тиб ва катҳо*

| Номгӯи нишондодҳо | воҳиди ченак | Соли 2011 | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|---|---|
| Таъмини аҳолӣ бо табибон | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 15,8 | 15,9 | 14,1 | 14,1% |
| Таъмин будани аҳолӣ бо кормандони миёнаи тиббӣ | 1 нафар ба 10 ҳазор аҳолӣ | 45,2 | 45,1 | 45,2 | 48,0% |

Таҳлил нишон медиҳад, ки таъминоти аҳолӣ бо табибон дар се соли охир 1,7 промилле кам ва бо кормандони миёнаи тиббӣ бошад 2,8 промиле зиёдтар шудааст. Яке аз мушкилиҳои асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад, норасогии мутахассисони баландихтисос ба ҳисоб меравад. Омилҳои асосие, ки боиси сар задании ин мушкилот гардидаанд, пеш аз ҳама, паст будани музди меҳнат, нокифоя будани имтиёзҳо ва дигар кӯмакҳои моддӣ мебошад, ки аз сабаби он қисми зиёди кадрҳои ҷавон баъд аз хатми донишгоҳу донишкадаҳо ба дигар корҳо машғул мешаванд. Ҳамзамон, дар байни мутахассисони ҷавон сатҳи пасти дониш ва малакаи касбӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин диққати махсусро ба худ талаб менамояд. Синну соли миёнаи кормандони тиббии шаҳр ба 44,5 сол баробар аст.

Мушкилоти дигаре, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии кадрҳои баландихтисос мебошад. Шумораи умумии норасогии кадрҳо дар муассисаҳои тиббии шаҳру деҳот 56 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, дар соҳаи тандурустӣ мушкилиҳое вуҷуд доранд, ки барои дуруст ба роҳ мондани корҳои профилактикию табобатӣ дар байни аҳолӣ монеагӣ менамоянд, аз ҷумла норасогии мутахассисони тиббии дорои маълумоти олидор, таъмирталаб будани қисми зиёди муассисаҳои зертобеъи шӯъбаи тандурустӣ, кӯҳна ва фарсудашавии таҷҳизотҳои тиббию ғайритиббӣ ва ғайра. Илова бар ин, маблағҳои ҷудошуда барои фаъолияти устувор ва рушди тандурустӣ нокифоя мебошанд.

Бояд қайд кард, ки аз моҳи апрели соли 2014 доир ба беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014, №20, қарори Раиси вилояти Суғд аз 7 феврали соли 2014, №63, қарори Раиси шаҳри Истаравшан аз 25 феврали соли 2014 сол, №171 ба тавсиб расонида шуд. Ҳамзамон дар асоси қарори Раиси шаҳр ҳайати Шӯрои ҳамоҳангсозии шаҳрӣ оид ба иҷроиши «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолии шаҳрҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кӯмаки тиббию санитарӣ барои солҳои 2014-2016» тасдиқ карда шуда, ҷаласаҳои он 3 маротиба гузаронида шуд.

| | Номгӯи мушкилот | Мавзеъ |
|---|---|---|
| 1. | Бад гардидани заминаи моддию техникӣ | |
| | Таъмирталаб будани муассисаҳои тиббӣ | Маркази саломатии №2<br>Таъмирталаб будани маркази солимии репродуктивии шаҳрӣ,<br>Беморхонаи марказии шаҳрӣ (БМШ),<br>Беморхонаи шаҳрвии №1, №2, №3 Беморхонаи сироятӣ,<br>Марказҳои саломатии деҳотӣ ва бунгоҳҳои тиббӣ |
| | Фарсуда ва ё набудани таҷҳизоти тиббӣ<br>Аз ҷумла: Дастгоҳи муоинаи рентгенӣ-3адад, | МСШ №1, беморхонаи маркази шаҳрӣ, маркази бемориҳои сил |
| | Таҷҳизоти ФГС –2 адад, таҷҳизоти УЗИ - 4 адад, бронхоскоп-3 адад | БМШ, МСШ №1, МСШ №2, шӯъбаи ҷарроҳии кӯдакон, |
| | Таҷҳизоти автоклав -5 адад, таҷҳизоти ЭКГ -5 адад, дефибрилятор-2 адад, таҷҳизоти нафасдиҳии сунъӣ (ИВЛРО) - 4 адад | БМШ, Беморхонаи сироятӣ, МСШ№1, 2, ҚЁТТ, таваллудхона |
| | УВЧ-3 ададбормашина-4 адад, таҷҳизоти ренгении стомотологӣ-2 адад, | МСШ№1, МСН, маркази стоматологии шаҳрӣ |
| | Микроскопи электронӣ-6 адад, сентрифуга-8 адад, термостат-3 адад, | МСШ№2, шӯъбаи ташхисбарорӣ, БМШ, Беморхонаи сироятӣ, таваллудхонаи шаҳрӣ, шӯъбаҳои бачагона |
| | Таҷҳизот (набор) барои озмоишгоҳи клиникӣ -2 адад, маҷмӯи отоларингологӣ-2 адад, шкафи хушкнамой –қоққунӣ -5 адад | БМШ, МСШ№2, МСШ№1, шӯъбаҳои бачагона |
| | Таҷҳизотҳои зарурии ҷарроҳӣ-4 адад, камераи Гараев-4 адад, колпоскоп-2 адад | БМШ, МСШ№2, МСШ№1, МСШ, ҚЁТТ |
| | Норасогии таҷҳизотҳои инвентарӣ: катҳои беморхонавӣ -340 адад, кат барои навзодон -100 адад, тарозу ва қадченкунакҳо барои кӯдакони навзод ва то 1 – сола -40 адад, миз барои печонидани кӯдак-40 адад, миз барои асбобҳои тиббӣ-20 адад, шкафҳо-50 адад, катҳо (кушетки)-40 адад, диван-20 адад,<br>мизу курсӣ-500 маҷмӯъ | Таваллудхонаи шаҳрӣ, Маркази саломатии кӯдаконаи шаҳрӣ, Маркази солимии репродуктивӣ, Маркази тибби оилавӣ, Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан, шӯъбаҳои бачагона, шӯъбаи бемориҳои навзодон, Беморхонаи сироятии шаҳрӣ, Маркази саломатии №1,2-и шаҳрӣ ва ғайра. |
| | Норасоии таҷҳизотҳои ёридиҳанда: Компютер-20 адад<br>Видеокамера-4 адад<br>Суратгираки рақамӣ-4 адад<br>Проектор-4 адад | Марказҳои саломатии № 1,2, маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим, марказҳои барномаҳои миллӣ, кафедраи тибби оилавӣ |
| | Норасогии дорувориҳои бепул барои шахсони имтиёздошта | Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан, Марказҳои саломатии шаҳрии №1;2 |
| | Сатҳи пасти тахассусии кадрҳои тиббӣ; | |
| | Ташкил кардани курсҳои бозомузии ройгон барои табибон | Дар тамоми муассисаҳои тиббии шахр ва деҳот |
| | Норасогии кормандони соҳаи тиб дар шаҳр ва деҳот алалхусус табибони маълумоти олидошта | Дар аксари муассисаҳои тиббии шахр ва деҳот |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи тандурустӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2016 % 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Шумораи кати беморхонаҳо (ҳазор кат) | 980 | 980 | 1000 | 102 | 1020 | 1040 | 1060 | 1080 |
| Иқтидори муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳи (ҳазор қабул дар як баст) | 469 | 500 | 550 | 110 | 650 | 750 | 825 | 908 |
| Миқдори муассисаҳои тиббӣ (воҳид) | 76 | 76 | 76 | 100 | 77 | 77 | 78 | 78 |
| Миқдори хонаҳои тибби (воҳид) | 29 | 29 | 29 | 100 | 30 | 30 | 31 | 31 |

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2016 % 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| - аз ҳисоби хоҷагидори амалкунанда | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - клиникаҳои (беморхонаҳои) хусусӣ | 10 | 10 | 10 | 100 | 11 | 11 | 12 | 12 |
| - муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳҳои хусусӣ | 12 | 14 | 14 | 100 | 16 | 17 | 18 | 19 |
| Шумораи кормандони тиббӣ (ҳазор нафар) | 1468 | 1511 | 1540 | 102 | 1576 | 1595 | 1611 | 1627 |
| аз он ҷумла: | | | | | | | | |
| Духтурон | 317 | 317 | 320 | 101 | 326 | 330 | 333 | 337 |
| кормандони миёнаи тиббӣ | 1145 | 1194 | 1220 | 102 | 1250 | 1265 | 1278 | 1291 |
| Миқдори ҷоӣ дар хонаҳои кӯдакон (ҷоӣ) | 50 | 50 | 50 | 100 | 50 | 50 | 51 | 52 |
| Миқдори ҷоӣ дар хонаҳои пиронсолон ва маъюбон (ҷоӣ) | 50 | 50 | 50 | 100 | 50 | 50 | 51 | 52 |
| Таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ: | | | | | | | | |
| бо катҳо дар беморхонаҳо (кат) | 40 | 40 | 40 | 100 | 40 | 40 | 41 | 42 |
| бо духтурон (нафар духтур) | 13 | 13 | 13 | 100 | 15 | 17 | 19 | 21 |
| бо кормандони миёнаи тиббӣ (нафар к.м.т.) | 48 | 48 | 50 | 104 | 60 | 70 | 80 | 90 |
| бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳи (қабул дар як баст) | 20 | 20 | 20 | 100 | 21 | 21 | 22 | 22 |

**Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.** Соҳаи таъминоти иҷтимоии аҳолии шаҳр аз низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, кӯдакон, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат иборат аст. Марҳилаи кунунии рушди шаҳри Истаравшан бо мавҷудияти бекорӣ, тафриқаи намоёни вазъи иҷтимоӣ, имконияти то андозае маҳдуди иқтисодии қисми асосии аҳолии деҳот вазифаи ташкили ҷойҳои кории навро гузоштааст.

**Гурӯҳи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақхӯрон, маъюбон, кӯдакони маъюб ва оилаҳои камбизоат дохил мешаванд.

*Шумораи нафақахӯрон аз рӯи категорияҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Гурӯҳҳои осебпазир | Солҳо | | | | Соли 2014нисбат ба соли 2011бо % |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Нафақахӯрон (аз рӯи синну сол) | 1692 | 1699 | 1673 | 1735 | 102,5 |
| Маъюбон/кудакони маъюб | 962/54 | 842/51 | 973/64 | 937/52 | 97,4/96,2 |
| Маъюбони модарзод | 156 | 163 | 167 | 175 | 112,1 |
| Бесаробонмондагон | 482 | 539 | 542 | 550 | 114,1 |
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 3292 | 3243 | 3355 | 3397 | 103,1 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки шумораи нафақахӯрон сол то сол ру ба афзоиш ниҳода, ин нишондод дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 103,1% афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2014 дар шаҳр 3 нафар маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 5 нафар маъюбони Чернобил ва 1112 нафар маъюбони гурӯҳҳои 1,2 ва 3 умр ба сар мебаранд, ки аз ин 600 нафарашон зан ва 512 нафарашон мард мебошанд. Ҳадафи асосӣ дар ин самт таъмини маъюбон бо курсӣ-аробача ва асбобҳои ёридиҳанда (асо, узвҳои сунъӣ (протез), таҷҳизотҳои шунавоӣ ва ғайра) мебошанд.

Дар шаҳр ба ҳисоби миёна ҳаҷми миёнаи нафақа 242,49 сомонӣ, аз ҷумла: аз рӯи пиронсолӣ 252,64 сомонӣ, аз рӯи гум кардани яке аз волидайн 152,23 сомонӣ, аз рӯи маъюбӣ 246,13 сомонӣ ва нафақаи иҷтимоӣ 123,18 сомониро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 шумораи умумии хонаводаҳое, ки бинобар баланд гардидани тарифҳо барои истифодаи нерӯи барқ ҷубронпӯлӣ гирифтаанд 1275 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2011 ба 0,8 фоиз коҳиш ёфтааст, ки ин нишондиҳанда аз беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ шаҳодат медиҳад. Ин нишондиҳанда дар соли 2011 барои 1265 оила 167,9 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2012 бошад барои 1412 оила 167,6 ҳазор сомонӣ, дар соли 2013 барои 1334 оила 157,3 ҳазор сомонӣ, дар соли 2014 барои 1275 оила 203,7 ҳазор сомониро ташкил додааст.

*Ҳаҷми ҷубронпулӣ барои истифодаи нерӯи барқ*




Омили асосие, ки ба афзоиши ҳаҷми пардохти нафақа мунтазам таъсири мусбӣ мерасонад, ин дар асоси рушд ёфтани сатҳи иқтисодиёти кишвар ва фароҳам омадани имкониятҳои молиявӣ ба тасвиб расидани Фармони Призиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 2013, таҳти №1493 "Дар бораи тадбирҳои тақвият додани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақаҳо ва стипендияҳо" ба шумор меравад.

**Хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона.** Дар ин самт Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона» дар шаҳри Истаравшан фаъолият менамояд, ки ба шахсони дар қайд буда дар хонаҳояшон хизматрасониро ба анҷом мерасонад. Шумораи умумии кормандони муассиса 8 нафарро ташкил медиҳад. Дар соли 2014 шумораи умумии нафақахурон, ки дар қайд мебошанд 69-нафарро ташкил дода, ба ҳамаи онҳо пурра хизматрасониҳо ба анҷом расонида шудааст. Аз шумораи умумии нафақахӯрони мазкур, 21 нафарашонро маъюбон ташкил медиҳанд. Дар соли 2014 аз ҳисоби корхонаву муассисаҳо ва соҳибкорон, ташкилотҳои байналмилалии хайриявӣ ба онҳо ба маблағи умумии 98,1 ҳазор сомонӣ кӯмаки моддию молиявӣ расонида шудааст. Дар ҳудуди шаҳр шумораи ниёзмандон ба хизматрасониҳои суроғавӣ хеле зиёд буда, ҳалли дурусти ин масъала диққати махсусро талаб мекунад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии маводҳои ниёзи аввал (хӯрока) ба ниёзмандон мебошад. Зеро аксари эҳтиёҷмандонро камбизоатон ташкил дода, онҳо сарчашмаи иловагии даромад надоранд. Дар ин самт ҷалб намудани ташкилотҳои дохилию хориҷӣ барои дастгирии ниёзмандон ва ба роҳ мондани хизматрасониҳои хушсифат зарур аст.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ.** Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Истаравшан дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти вазъ дар шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнати байналмилалӣ низоми доимоамалкунандаи мониторинги бозори меҳнатро дар сатҳи шаҳр ташкил менамояд, таҳлили ҳолати он, ояндабинии талаботу пешниҳодҳоро ба қувваи корӣ амалӣ месозад.

Бо мақсади таъмини аҳолӣ бо ҷои кор дар давоми солҳои 2011-2014 аз ҷониби шуъбаи мазкур дар ҳамбастагӣ бо сохторҳои дахлдор 4946 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки аз ин 1322 нафари онҳо бо ҷойи кор таъмин гардиданд, танҳо дар соли 2014 бошад аз ин шумора 207 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Аз сабаби паст будани музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ, соҳаҳои буҷавӣ ва набудани шароити мусоиди иҷтимоӣ, бахусус дар маҳалҳо нисфи зиёди ба кор қабулшудагон ҷои кории худро тарк намуда, ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ё ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ рафтаанд.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2020 ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад тибқи нишондиҳандаҳои дурнамо то соли 2020 ташкил намудани 5470 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст.

*Раванди татбиқи Барномаи мусоидат*
*ба шуғли аҳолии шаҳри Истаравшан барои солҳои 2011-2014*

| Номгӯи чорабиниҳо | Солҳо | | | | | | | | Соли 2014 нисбат ба соли 2011 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | | 2012 | | 2013 | | 2014 | | |
| | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | |
| Таъсиси ҷойҳои нави корӣ | 820 | 847 | 850 | 861 | 1558 | 1560 | 1678 | 1678 | 198,1 |
| Таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ | 231 | 264 | 270 | 297 | 270 | 324 | 325 | 436 | 165,1 |
| Касбомузӣ | 65 | 65 | 100 | 100 | 135 | 135 | 150 | 170 | 2,6 мар |
| Корҳои ҷамъиятии музднок | 30 | 49 | 32 | 32 | 32 | 32 | 47 | 47 | 96 |
| Кӯмакпулӣ барои бекорон | 21 | 23 | 27 | 32 | 28 | 28 | 29 | 29 | 126 |

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳо аз рӯи нақшаи дурнамо барзиёд иҷро карда мешавад. Новобаста аз ин, солҳои охир бинобар сабаби суст будани дастгирии молиявӣ, тафриқаи калони музди меҳнат байни кормандони соҳаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мушкил гардида истодааст. Аз ин лиҳоз, дар шаҳри Истаравшан ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва дар асоси он тақвияти раванди коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, мувофиқи мақсад мебошад.

Дар доираи "Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2012-2014" дар давоми солҳои 2012-2014 беш аз 405 нафар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро дар марказҳои таълимӣ (аз рӯи касбҳои дӯзандагӣ, кафшергари барқӣ, муҳосиб, компютер, зардӯз, қаннод, омӯзиши забони русӣ ва ғайра) хатм намудаанд.

**Сатҳи бекорӣ.** Бо назардошти афзалият ва самтҳои асосии соҳа, яке аз ҳадафҳои стратегии Барномаи рушди шаҳр дар панҷ соли оянда, бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ ва дар ин замина, коҳиш додани сатҳи бекорӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф дар доираи Барномаи мазкур, ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар назар дошта шудааст. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз омилҳои асосие, ки бекорони расман бақайдгирифташуда саривақт ва пурра бо кор таъмин карда намешавад, ин ба дархост ва пешниҳоди муассисаю идораҳо ва ташкилотҳои дахлдори корфармо вобаста аст.

Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки сатҳи бекорӣ (бекороне, ки расман дар шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд) дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба 47,3% афзоиш ёфтааст, ки сабаби афзоиш ёфтани он ба қадри кофӣ таъсис нагардидани ҷойҳои нави кории доимӣ мебошад. Дар баробари ин, ҳангоми гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ аксари иштирокчиён аз паст будани музди меҳнат ва шароити номусоиди корӣ норозӣ буда, аз ишғоли вазифаҳои пешниҳодшуда даст мекашанд.

Дар соли 2014 аз шумораи умумии бекорони расман ба қайдгирифташуда, танҳо 70,2 фоизи онҳо бо кор таъмин карда шудаанду халос. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки айни замон аз шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ (32,7 ҳазор нафар) шумораи бекорон 311 нафарро ташкил медиҳад, ки 0,95 фоизашро бекорон ташкил медиҳанд. Бештари шумораи бекоронро занон ташкил медиҳанд, ки аслан хонашинанд.

Бо мақсади кам кардани сатҳи бекорӣ, таъмини шароити мусоид барои фаъолияти минбаъда ва дастгирии молиявии бекорон аз ҷониби шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳр аз ҳисоби маблағҳои буҷҷети ҷумҳуриявӣ ҳамасола қарзҳои бефоиз ва имтиёзнок пешниҳод карда мешавад. Шумораи умумии бекороне, ки дар солҳои 2014-2015 аз қарзҳои бефоизи дар гардишбуда истифода намудаанд 120 нафарро ташкил дода, аз ин шумора дар солҳои 2011 ба 28 нафар ба маблағи 66931 сомонӣ, соли 2012 ба 32 нафар ба маблағи 92700 сомонӣ, соли 2013 ба 30 нафар 87000 сомонӣ ва соли 2014 ба 30 нафар ба маблағи 94500 сомонӣ қарз дода шудааст, ки ҳаҷми умумии маблағи пешниҳодшуда ба 338200 сомонӣ баробар гардидааст.

*Маблағҳои қарзии бефоизи ба бекорон пешниҳодгардида (ҳазор сомонӣ)*




Сабаби кам будани шумораи истифодабарандагони қарзҳои бефоиз, ин надоштани иттилооти кофӣ ва маҳдуд будани маблағҳои пешниҳодгардида мебошад. Ҳамасола ба ҳисоби миёна ба 30 нафар ба маблағи 90000 (навад ҳазор) сомонӣ қарзҳои бефоиз дода мешавад вале ин маблағ кам буда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ басанда нест.

Дар шаҳр иқтидорҳои калони истеҳсолӣ ва захираҳои меҳнатии зиёди истифоданагардида мавҷуд аст, ки дар натиҷаи самаранок ва оқилона истифода намудани онҳо масъалаи паст намудани сатҳи бекорӣ ҳалли худро хоҳад ёфт.

Самти асосии сиёсати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан то соли 2020 ин, пеш аз ҳама, ҷалб ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар бозори меҳнат, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти сохторҳои дахлдори соҳа ва дар ин замина, мусоидат намудан ба рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад.

**Мушкилиҳои асосии соҳа:** ба талаботҳои муосири фаъолияти корӣ мутобиқ набудани шароити кории Шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, рақобатнопазир будани бозори расмии меҳнатӣ бо бозори ғайрирасмӣ, сатҳи пасти тахассусӣ ва тайёрии касбӣ дар байни ҷавонон, сарикақт ба кор таъмин нагардидани шаҳрвандоне, ки курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм мекунанд, сари вақт пешниҳод накардани шумораи ҷойҳои нави корӣ ба шуъбаи Агентӣ аз тарафи корхонаҳо ва коргоҳҳои хурду калони хусусӣ.

Ҳамзамон, хароҷоти буҷети шаҳри Истаравшан барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ (тандурустӣ, маориф, фарҳанг ва ҳифзи иҷтимоӣ) сол аз сол меафзояд. Ҳаҷми маблағгузории буҷетии ин соҳаҳо бештар дар асоси ҳисобу китоби сметавӣ (харҷномавӣ) муайян мегардад. Дар натиҷа ҳаҷми хароҷоти алоҳида новобаста аз талаботи соҳа дар асоси имкониятҳои буҷҷети маҳаллӣ таҳия мегардад.

**Музди меҳнат**. Дар давоми солҳои 2011-2014 афзоиши воқеии тамоми даромадҳои пулии аҳолӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва нафақа ба назар мерасад. Музди миёнаи меҳнат дар шаҳр дар соли 2014 нисбат ба соли 2011 ба андозаи 175 фоиз афзуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ, бахусус масъалаҳои меҳнатӣ, аз қабили дараҷаи баланди табақабандии аҳолӣ аз рӯи андозаи даромадҳо, сатҳи пасти музди меҳнати кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, кишоварзӣ ва сатҳи баланди музди меҳнати кормандони соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ, сохтмон ва саноат ба назар мерасад. Дар натиҷаи ин баъзан хизматчиёни давлатӣ аз сабаби паст будани музди меҳнат ҷойҳои кории худро тарк намуда, ба корҳои тиҷоратӣ ва муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд ё ин ки вазифа ва мансабҳои хизматиро тарк карда, барои дарёфти ҷойи кории музди меҳнаташ шоиста ба корхонаҳои сохтмонӣ ва саноатӣ мераванд.

*Музди миёнаи меҳнат аз рӯи соҳаҳо дар тӯли солҳои 2011-2014*

| Соҳаҳо | Солҳо | | | | Соли 2014 дар муқоиса бо соли 2011бо% |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | |
| Саноат | 477 | 452,80 | 510,24 | 447,48 | 93,8 |
| Кишоварзӣ | 214,45 | 144,08 | 170,51 | 205,12 | 95,6 |
| Хоҷагии манзилию коммуналӣ (ХМК) | 196,3 | 382,05 | 487,52 | 555,80 | 283,1 |
| Нақлиёт | 656,15 | 743,76 | 859,68 | 864,02 | 131,6 |
| Алоқа | 428,33 | 321,61 | 417,81 | 600,00 | 140 |
| Ташкилотҳои буҷавӣ | 557,81 | 946,86 | 946,86 | 798,77 | 143,1 |
| Маориф | 341,56 | 428,73 | 585,68 | 636,15 | 186,2 |
| Тандурустӣ | 356,15 | 520,50 | 689,06 | 698,74 | 196,2 |
| Фарҳанг | 260,48 | 338,32 | 434,92 | 526,58 | 202,1 |
| Бонкҳо | 583,88 | 630,26 | 944,71 | 1207,93 | 206,08 |
| Сохтмон | 1252,18 | 268,08 | 886,08 | 744,32 | 59,4 |
| Ҳамагӣ дар шаҳр (ба ҳисоби миёна) | 475,31 | 529,83 | 680,96 | 832,05 | 175 |

Музди миёнаи аз ҳама пасти меҳнатӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд, ки пас аз ба шаклҳои нави хоҷагидорӣ гузаштани аксарияти хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки даромаднокиашон ниҳоят паст ва аксаран аз сохторҳои дахлдор қарздор шудаанд ба амал омадааст, инчунин, тарзу усул ва тартиби ба кор қабул кардан ва муайян намудани музди меҳнат дар ин хоҷагиҳо дуруст ба роҳ монда нашудааст. Илова бар ин, дар аксар хоҷагиҳо ҳар як роҳбари хоҷагӣ дар алоҳидагӣ музди меҳнати саҳмдорони худро бо хоҳиши худ муайян намуда, дар аксар ҳолатҳо талаботи пешбининамудаи Кодекси меҳнатро риоя намекунад.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Дар шароити кунунӣ таҳким бахшидан ба муносибатҳои нав дар робита ба ҷорӣ намудани унсурҳои асосии иқтисоди бозаргонӣ вобаста ба таъмини

аҳолӣ бо ҷойи кор ва музди меҳнати сазовор хеле муҳим мебошад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар дар ноҳия асоси ташаккул ёфтани сарчашмаи даромади воқеии аҳолӣ маҳсуб гашта, барои мунтазам баланд гардидани сифати зиндагии мардум замина мегузорад. Интиқоли маблағҳои (трансфертҳои) муҳоҷирони меҳнатӣ дар рушд ёфтани фаъолияти бонкӣ, муносибатҳои тиҷоратӣ, сохтмон, пардохти андозҳо ва дастрасӣ ёфтан ба хизматрасониҳои сифатноки бахши иҷтимоӣ дар маҳал нақши муҳимро мебозад. Зеро ҳаҷми интиқоли маблағҳо дар соли 2014 анқариб ба 4 млн. доллари ИМА (ё тақрибан 20,4 млн.сомонӣ) расид. Дар соли 2013 ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ 4,7 млн. доллари ИМА ва соли 2012 бошад 462,2 ҳазор доллари ИМА ташкил додааст.

Мутобиқи маълумотҳои расмии мавҷуда, теъдоди муҳоҷирони меҳнатӣ дар соли 2011 ба 1095 нафар (67 зан), дар соли 2012 ба 1316 нафар (64 зан), дар соли 2013 ба 1881 нафар (171 зан) ва дар соли 2014 ба 1376 нафар (105 зан) расидааст. Аммо раванди муҳоҷирати меҳнатӣ тайи солҳои 2011, 2012 ва 2013 мунтазам афзоиш ёфта ва танҳо дар соли 2014 нисбат ба соли 2013 ба андозаи 26,8 фоиз коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии чунин тамоюли пастравӣ ба бухрони иқтисодии Федератсияи Россия иртибот дорад. Дар ҳамин хусус, ба кор даровардани иқтидорҳои истеҳсолии шаҳр (корхонаҳои истеҳсоли хишти пухта, сехи истеҳсоли маҳсулоти ордӣ (макарон) ва қаннодӣ, нуқтаҳои нигоҳдории маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ, сехи дӯзандагӣ, 2 адад истгоҳҳои таъмири нақлиёт, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва ғайра) имкон дод, ки дар соли 2014 зиёда аз 207 нафар шаҳрвандон бо ҷойи кори доимӣ таъмин гарданд.

Бинобар ба вуқуъ пайвастани бухрони иқтисодӣ дар Федератсияи Россия, пешбинӣ мегардад, ки ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз ин кишвар, бахусус бо ифодаи доллари ИМА минбаъд коҳиш меёбад ва ин раванд ба рушди иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад. Илова бар ин, тибқи ақидаи коршиносони маҳаллӣ дар давоми ду-се соли оянда шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ба Россия бо назардошти ба тасвиб расидани як қатор қонунҳои федералӣ ҷиҳати пурзӯр намудани масъулият барои риоя накардани қонунгузории амалкунандаи муҳоҷиратии Федератсияи Россия, бухрони иқтисодӣ дар натиҷаи таҳримҳо (санксияҳо) нисбати кишвари Россия, паст рафтани қурби рубли русӣ, баланд гардидани арзиши патенту иҷозатнома барои кор, сертификат оид ба касалиҳои ВИЧ инфексия, полиси суғуртаи тиббӣ, сертификат оид ба донистани забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия, коҳиш меёбад.

*Тамоюли муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ*
*дар давоми солҳои 2011-2014(нафар)*



*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди захираҳои меҳнати*
*дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020. (ҳазор нафар)*

| Нишондихандахо | с.2014 хисобот | с.2015 баходихӣ | Дурнамо | | Параметрхои дӯрнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2016 % 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Захирахои мехнатӣ | 135962 | 138030 | 141668 | 102,6 | 146576 | 151647 | 156893 | 161600 |
| Шумораи дар иктисодиёт машғулбудагон - хамагӣ | 82521 | 83397 | 85912 | 103,1 | 89748 | 92838 | 96034 | 99299 |
| аз он чумла: | | | | | | | | |
| дар истехсолоти моддӣ | 72753 | 73512 | 75732 | 103,0 | 79048 | 81697 | 84435 | 86968 |
| аз чумла: | | | | | | | | |
| Саноат | 1699 | 1732 | 2000 | 115 | 2700 | 2785 | 2873 | 2959 |
| Кишоварзӣ | 31286 | 31566 | 32512 | 102,3 | 33900 | 35031 | 36199 | 37286 |
| Сохтмон | 210 | 216 | 224 | 103,7 | 240 | 245 | 250 | 255 |
| Наклиёту алока | 262 | 270 | 278 | 102,9 | 290 | 294 | 298 | 304 |
| Савдо, хӯроки ӯмӯмӣ, таъминоти моддию техникӣ | 1116 | 1140 | 1176 | 103,1 | 1212 | 1250 | 1289 | 1328 |
| дигар сохахо | 38180 | 38588 | 39542 | 102,4 | 40706 | 42092 | 43525 | 44831 |
| дар сохахои гайриистехсолӣ | 9868 | 9885 | 10180 | 103 | 10700 | 12533 | 14680 | 16882 |
| Аз шумораи машгулбудагон: | 82521 | 83397 | 85912 | 103 | 89748 | 92810 | 95976 | 98856 |
| -дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ | 9100 | 9210 | 9486 | 103 | 9890 | 10209 | 10538 | 10854 |
| - бахши коллективӣ | 1660 | 1682 | 1732 | 103 | 1808 | 1896 | 1988 | 2087 |
| - дар корхонаю ташкилотхо бо шаклхои гӯногӯни моликият | 38334 | 38742 | 39913 | 103 | 41653 | 43064 | 44523 | 46304 |
| -дар бахши хусусӣ (бо назардошти хочагии шахсӣ) | 33427 | 33762 | 34781 | 103 | 36397 | 37681 | 39010 | 40181 |
| Шумораи дар иктисодиёт машгулнабудагон | 52752 | 53829 | 54928 | 102 | 55964 | 57929 | 59963 | 61762 |
| Мухочирати мехнатӣ | | | | | | | | |
| Шумораи мухочирони мехнатие, ки берун аз марзи чумхурӣ хичрат намуданд (хазор нафар) | 11907 | 10955 | 1079 | 9,8 | 9071 | 8164 | 7347 | 6613 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои ташкили ҷойҳои нави корӣ*
*дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2016 % 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳама гуна шаклҳои фаъолият - ҳамагӣ, (ҷои корӣ) аз он ҷумла: | 6100 | 3690 | 3730 | 101,1 | 3800 | 3952 | 4110 | 4274 |
| Сохтмони нав | 267 | 50 | 55 | 110,0 | 80 | 144 | 144 | 144 |
| 97Т Таҷдид ва васеъкунии корхонаҳои амалкунанда | 1556 | 1628 | 1649 | 101,3 | 1660 | 1690 | 1724 | 1758 |
| -барқарорсозии иқтидори корхонаҳои аз кор баромада | - | 32 | 36 | 112,5 | 50 | 68 | 76 | 85 |
| -корҳои фардӣ | 4277 | 1980 | 1990 | 100,5 | 2010 | 2050 | 2091 | 2133 |

### 3.3. Соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ

***Инфрасохтори фарҳангию маишӣ.*** Соҳаи фарҳанги шаҳри бостонии Истаравшан тамаддуни ғанӣ ва таърихи тӯлонӣ дорад. Дар шаҳри Истаравшан 21 муассисаҳои фарҳангӣ, аз он ҷумла, 4 хонаи фарҳанги шаҳрӣ, 5 хонаи фарҳанги деҳот, 11 клуби деҳот,

1 клуби сайёр, 22 китобхонаҳои оммавии тобеъи Вазорати фарҳанг, осорхонаи таърихи-кишваршиносӣ, осорхонаи доираи адабии Истаравшан, ансамбли мақомсароёни «Шашмақоми Истаравшан», ансамбли асбобҳои миллии «Файзи Истаравшан», мактаби санъат, боғи фарҳанг ва истироҳат, коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан, қасри Фарҳанг, 4 китобхонаи шахсӣ ва 2 осорхонаи шахсӣ фаъолият менамоянд.

Шумораи муштариёну истифодабарандагони он 95 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба назар мерасад ин норасогии асбобу анҷомҳои мусиқӣ, баландгӯяк ва курсиҳои нишаст мебошад.

*Қасри фарҳанг.* Муассисаи мазкур соли 2002 сохта ба истифода дода шудааст. Дар ин бино 5 нафар кормандони хонаи фарҳанги №2 ва 18 нафар кормандони ансамбли мақомсароёни «Шашмақоми Истаравшан» фаъолият намуда ба масъалаҳои ташкили маҳфилҳои адабӣ, вохӯриҳо, сӯҳбатҳо, озмуну азназаргузарониҳо, шабҳои эҷодӣ, гузаронидани чорабиниҳои оммавӣ–сиёсӣ ва фарҳангӣ машғул мебошанд.

Мушкилоти асосӣ дар ин самт норасогии асбобҳои миллӣ, асбобҳои мусиқии барқӣ, асбоби тақвияти овоз ва инчунин таъмирталаб будани бом ва гирду атрофи бино мебошад. Дар бинои қасри фарҳанг ба ғайр аз кормандони фарҳанг, боз Раёсати маориф, бахши танзим ва маросимҳо, бахши сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ, ситоди ҳолатҳои фавқуллода ва мудофиаи шаҳрвандӣ ва бахши кор бо занон ва оила фаъолият мебаранд.

*Театри мардумӣ.* Ин муассиса фаъолияти худро аз соли 1963 оғоз намуда, шумораи истифодабарандагони он 16 ҳазор нафарро ташкил дода, дар он 16 нафар корманд фаъолият мекунад. Театр дар заминаи хонаи фарҳанги №1 таъсис дода шуда, соли 1968 ба гирифтани унвони «Театри халқӣ» сазовор гаштааст.

Кормандони театр дар тӯли ин солҳо як қатор намоишномаҳоро аз рӯи асарҳои нависандагони гуногун рӯи саҳна овардаанд.

Мушкилоти асоси дар ин самт пеш аз ҳама норасогии воситаҳои молиявӣ, сару либос, бутафория ва таъмирталаб гаштани бинои театри мардумӣ мебошад.

*Мактаби санъати шаҳри Истаравшан.* Мактаби мусиқи бачагона соли 1963 таъсис ёфтааст ва аз соли 2002 ин муассиса ба мактаби санъат табдил дода шудааст. Ҳоло дар мактаби санъат 6 шӯъба аз ҷумла шуъбаҳои созҳои миллӣ, созҳои аврупоӣ, сурудҳои анъанавӣ, рассомӣ, актёрӣ ва компютерӣ амал мекунад.

Ҳайати омӯзгорони он аз 16 нафар иборат буда, 8 нафар дорои маълумоти олӣ ва 8 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус мебошанд. Дар соли 2015 шумораи хонандагон 144 нафарро ташкил дода, аз ин шумора 22 нафарашон духтарон мебошанд.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт ба мушоҳида мерасад ин норасогии бинои маъмурӣ ва асбобҳои мусиқии миллӣ аз ҷумла дойра, таблак, карнай, най, дутор, аккордеон, баян, рубоб, фортепиано, ғиҷҷак ва компутерҳо мебошад.

*Ансамбли мақомсароёни «Шашмақоми Истаравшан».* Мувофиқи қарори Раиси шаҳри Истаравшан аз 11 феврали 2002, №61 ансамбли мақомхонони «Шашмақоми Истаравшан» бо 18 воҳиди корӣ таъсис ёфт. Шумораи истифодабарандагони он 17 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Аъзоёни ансамбл дар чорабиниҳои оммавӣ сиёсӣ ва фарҳангии ҷашнҳои шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Мушкилоти асоси нарасидани асбобу анҷомҳои мусиқӣ ва техникӣ, сару либоси саҳнавӣ мебошад.

*Ансамбли асбобҳои халқии «Файзи Истаравшан».* Мувофиқи фармони Бахши фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан аз 1 октябри соли 2012, №121 аз ҳисоби бахши фарҳанг Ансамбли асбобҳои халқии «Файзи Истаравшан» ба фаъолият оғоз намуд. Аъзоёни ансамбл дар бисёр чорабиниҳои оммавӣ фарҳангӣ, фестивал-озмунҳо ва азназаргузарониҳо фаъолона иштирок менамоянд. Аз ҷумла дар

фестивал озмуни ҷумҳуриявии телевизионии «Андалеб–2014» фаъолона иштирок намуданд ва якчанд маротиба бо воситаи оинаи нилгуни вилояти Суғд ва телевизиони «Сафина» баромадҳо ташкил намуданд. Ансамбл дар бинои хонаи фарҳанги №1 ҷойгир аст, бинои мазкур таъмирталаб буда, асбобу анҷомҳои мусиқӣ ва воситаҳои техникӣ намерасанд.

*Китобхонаи марказии шаҳр.* Китобхонаи марказии шаҳр аввалин маротиба соли 1938 ба кор оғоз карда буд. Сониян пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ соли 1946 аз сари нав ба кор оғоз намудааст. Аз соли 1979 то инҷониб ҳамчун китобхонаи низоми мутамарказонидашудаи шаҳрӣ фаъолият карда истодааст. Шумораи истифодабарандагони он беш аз 15 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар шабакаии китобхонаи мутамарказонидашуда 28 китобхона ва филиалҳо амал намуда, 46 нафар коргарон фаъолият мебаранд. Теъдоди умумии китобҳои китобхонаи марказӣ ва китобхонаи филиалҳои он 151356 нусхаро ташкил дода, аз ин 64720 нусха ба забони тоҷикӣ, 54827 нусха ба забони русӣ, 30209 нусха ба забони ӯзбекӣ ва 1600 нусха ба дигар забонҳо мебошанд. Аз шумораи умумии китобҳо 5172 нусха дар шӯъбаи депазитории системаи мутамарказонидашудаи шахр маҳфузанд.

Сабаби асосии нигоҳдории китобҳо маҳз дар системаи китобхонаи мутамарказонидашуда аз он иборат аст, ки дар шаҳр нисбат ба деҳот шумораи аҳолӣ ва вобаста ба он талабот ба китоб зиёд аст.

*Осорхонаи таърихи кишваршиносии шаҳр.* Осорхонаи таърихӣ-кишваршиносии шаҳр аз соли 1963 то ин ҷониб фаъолият намуда истодааст. Соли 2002 бахшида ба 2500 – солагии Истаравшани бостонӣ осорхона пурра аз таъмири асосӣ бароварда шуд. Осорхона дорои 4512 нигораҳо мебошад, Аз он ҷумла нигораҳои асосӣ 3457 адад ва нигораҳои ёрирасон бошад 1054 адад мебошад. Дар осорхона бисёр чорабиниҳои оммавӣ – маданӣ гузаронида мешавад.

Бахшида ба 70 – солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ як утоқи махсус бо номи «Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст» ташкил карда шудааст. Бахшида ба ҷашн ва санаҳои таърихӣ дар осорхона вохӯриҳо бо иштирокчиёни ҷангу меҳнат, бо санъаткорон, зиёиён, одамони барӯманди шаҳру деҳот ва бо ҳунармандони халқи чорабиниҳо ташкил карда гузаронида мешавад. Мутаасифона феълан дар осорхона мизу курсӣ, рафҳо барои гузоштани нигораҳо намерасад ва инчунин барои харидани нигораҳо маблағ ҷудо карда намешавад.

*Осорхонаи доираи адабии Истаравшан.* Осорхонаи доираи адабии Истаравшан бо қарори Раиси шаҳр соли 2002 ба кор оғоз намудааст. Осорхона дорои 2000 дона нигораҳо мебошад. Аксарияти нигораҳоро китобҳо ташкил медиҳанд. Осорхона дар деҳаи Қалъачаи Калон ҷойгир аст ва дар он бисёр чорабиниҳои оммавӣ-маданӣ, вохӯриҳо бо адибон, олимон, нависандагон ва рӯзноманигорон гузаронида мешаванд.

| № б/т | Мушкилиҳои соҳаи фарҳанг | Мавқеи ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|
| 1. | Таъмирталаб будани боми Қасри фарҳанг ва бинои хонаи фарҳанги №1. | Маркази шахр |
| 2. | Дар ҳолати садамавӣ қарор доштани клуби деҳаи Сӯфи Ориф. | Ҷамоати деҳоти Зарҳалол, деҳаи Сӯфи Ориф. |
| 3. | Дар ҳолати таъмирталаб қарор доштани хонаҳои фарҳанг ва клубҳои деҳот. | Дар шаҳру деҳоти Истаравшан. |
| 4. | Дар ҳолати таъмирталаб қарор доштани 8 китобхонаи филиалҳо ва китобхонаи марказӣ. | Дар шаҳру деҳоти Истаравшан. |
| 5. | Норасогии асбобҳои мусиқии миллӣ ва таъмирталаб будани 3 хонаи фарҳанг ва 6 клуби деҳот. | Дар шаҳру деҳоти Истаравшан. |
| 6. | Набудани адабиётҳои нав, рафҳои китобмонӣ ва мизу курсиҳо. | 28 китобхона филиалҳои китобхонаи марказӣ. |
| 7. | Норасогии баландгӯякҳо, асбобҳои равшанидиҳанда ва асбобҳои ороишии саҳна. | Қасри фарҳанг театри мардуми ш.Истаравшан |
| 8. | Сохтмони бинои нави китобхонаи марказӣ. | Маркази шаҳр, кӯчаи Олӣ Сомон. |

***Варзиш.*** Дар шаҳри Истаравшан 222 адад иншоотҳои варзишӣ, майдончаҳо ва толорҳои варзишӣ, аз ҷумла, 3 варзишгоҳи калонҳаҷм, 185 адад майдончаҳои варзишӣ, 37 адад толори варзишӣ, 2 адад ҳавзи шиноварӣ ва толорҳои варзишӣ мавҷуд мебошанд ва мавриди истифодабарӣ қарор доранд.

Варзишгоҳи марказии шаҳри Истаравшан дар тобеияти Раёсати маорифи шаҳр қарор дошта, солҳои 2010-2012 сохта шудааст ва дорои зиёда аз 20 ҳазор ҷойҳои нишаст мебошад. Дар таҳхонаи варзишгоҳ барои варзишгарон ду сауна, ҳаммом, толори варзишӣ-оммавӣ, утоқҳои корӣ, синфхона ва 4 ҳуҷраи либосивазкунӣ мавҷуд мебошад.

Иншооти варзишии мактаби варзишии бачагону наврасони №1 дар ҳолати хуб қарор дошта, барои 300 нафар ҷои нишаст пешбинӣ шудааст (варзишгоҳ соли 1938 сохта шудааст).

Дар толорҳои варзишии мактаби номбурда, дар 6 сексияҳои варзишӣ 693 нафар ҷавонону наврасон (аз ҷумла 12 нафар духтарон) ба варзиш машғул мебошанд. Ба онҳо 24 нафар мураббиён, аз ҷумла 5 нафар мураббиёни дараҷаи устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта, таълим медиҳанд.

Мактаби варзишии бачагону наврасони ба номи А.Қодиров, дар ҳудуди боғи фароғатии шаҳри Истаравшан воқеъ буда, бинои он соли 1987 сохта шудааст. Мактаб аз 3 майдончаи варзишии барои футболи хурд, баскетбол ва волейбол махсусгардонидашуда, ҳавзи шиноварӣ барои наврасон, бинои варзишӣ барои бокс ва бинои маъмурӣ иборат мебошад. Дар мактаби мазкур, бо 672 нафар ҷавонону наврасон, 23 нафар мураббиён, аз ҷумла 7 нафар мураббиён-дорандагони дараҷаи устоди варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон машқу тамрин мегузаронанд.

Ҳамчунин, наврасону ҷавонон дар хонаи таълим ва истироҳати шаҳр, ки бахши мактаби варзишии бачагону наврасони ба номи А. Қодиров мебошад, ба бахшҳои бокс ва футбол ҷалб гардидаанд.

Соли 2014 дар муассисаҳои варзишии шаҳри Истаравшан қариб 87 чорабинии варзишӣ, аз рӯи намудҳои футбол, волейбол, муштзанӣ ва шоҳмот, бо иштироки 24350 нафар варзишгарон, гузаронида шуданд.

***Мушкилиҳои ташкил намудани чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ ва варзишӣ.*** Мавҷуд набудани шабакаи гармидиҳӣ дар фасли зимистон, норасогии маводҳои омӯзишӣ, маводҳои ташкилӣ ва таҷҳизотҳо, аз кор рафтани мутахассисон ва паст будани музди меҳнат.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи фарҳанг*
*дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2016 бо % 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ (воҳид) | 55 | 55 | 55 | 100 | 55 | 55 | 57 | 57 |
| Марказҳои фарҳангӣ | 21 | 21 | 21 | 100 | 21 | 21 | 22 | 22 |
| аз он ҷӯмла: ҷумҳуриявӣ | 21 | 21 | 21 | 100 | 21 | 21 | 22 | 22 |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 28 | 28 | 28 | 100 | 28 | 28 | 29 | 29 |
| аз он ҷумла: ҷумҳуриявӣ | 28 | 28 | 28 | 100 | 28 | 28 | 29 | 29 |
| Осорхонаҳо | 2 | 2 | 2 | 100 | 2 | 2 | 3 | 3 |
| театрҳо | 1 | 1 | 1 | 100 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Мактабҳои мусиқӣ (воҳид) | 1 | 1 | 1 | 100 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Шумораи хонандагон (нафар) | 140 | 140 | 144 | 104 | 150 | 160 | 170 | 180 |
| Миқдори кадрҳо (нафар) | 170 | 170 | 172 | 102 | 174 | 176 | 178 | 180 |

Дар ҳудуди шаҳру деҳоти Истаравшан имкониятҳои зиёд намудани ҷалби аҳолӣ, бахусус ҷавонон, ба истироҳати фаъолона ва тарзи ҳаёти солим мавҷуд мебошад, вале он аз ҷониби масъулини соҳа самаранок истифода намегардад.

***Сайёҳӣ (Туризм).*** Шаҳри Истаравшан (Istarawshan), мувофиқи тадқиқоти ҳафриётшиносон, таърихи зиёда аз 2500 сола дошта, яке аз мавзеъҳои маъмули сайёҳии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Дар шаҳр ёдгориҳои таърихии зиёде вуҷуд доранд (153 адад), ки онҳо диққати сайёҳони зиёдеро аз саросари дунё ба худ ҷалб намудаанд. Бештари ёдгориҳои таърихии шаҳри Истаравшан, ҳамчун дастоварди фарҳанги ҷаҳонӣ, ба феҳристи ЮНЕСКО дохил карда шудаанд.

Дар асл, Истаравшан ҳамчун шаҳр-осорхона маъмул мебошад. Мақбари Ҳазрати Шоҳ (писарамаки пайғамбар Муҳаммад Салалоҳи Алайҳи Вассаллам) қадимтарин ва шарифтарин ёдгории таърихӣ ба шумор рафта, барои зиёрати он сайёҳони дохилӣ ва бурунмарзӣ бо шавқ ва ихлоси зиёд ба он ташриф меоранд. Инчунин, дар шаҳр ёдгории меъмории таърихии «Кӯк-гумбаз» мавҷуд мебошад, ки тибқи асноди таърихӣ, дар даврони қадим он дорои расадхона будааст.

Бояд қайд намуд, ки дар солҳои охир, инфрасохтори сайёҳии шаҳри Истаравшан хело беҳтар шуда бошад ҳам, ҳолати инфрасохтори соҳа ва хизматрасониҳои дар ин самт пешниҳодгардида талаботи имрӯзаи сайёҳоро қонеъ гардонида наметавонад. Махсусан норасогии меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои хӯроки умумии ба талаботҳои стандартҳои байналмиллалӣ ҷавобгӯй ва инчунин, мавҷуд набудани инфрасохтори мусоиди фарҳангию фароғатӣ дар шаҳр, ба рушди соҳаи сайёҳӣ монеагӣ менамояд.

Дар шаҳри Истаравшан муассисаҳои истеҳсоли маҳсулоти барои рушди сайёҳӣ нигаронидашуда, аз қабили тахия ва амалисозии хатсайрҳои сайёҳӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои роҳбаладӣ намудани сайёҳон, бо нақлиёт таъмин намудани онҳо, ташкили ҷои хоб ва хӯрок барои сайёҳони потенсиалӣ, вуҷуд надорад. Бештари ёдгориҳои таърихӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дошта, ба талаботҳои қабули сайёҳон мувофиқат наменамоянд. Айни ҳол, нуқтаҳои мавҷудаи хӯроки умумии шаҳри Истаравшан, хизматрасониҳоро барои қабули меҳмонони бурунмарзӣ, бо сифати беҳтар пешкаш менамоянд.

Айни замон, дар ҳудуди шаҳр 6 меҳмонхона, 14 тарабхона, 24 чойхона ва 28 қаҳвахона мавҷуд мебошад. Инчунин дар шаҳри Истаравшан 3 бозори деҳқонӣ ва 3 бозори яклӯхтфурӯшӣ фаъолият менамоянд.

Маҳдудияти таъминоти барқ дар фасли зимистон низ, яке аз мушкилотҳои соҳаи мазкур ба шумор меравад.

*Иншоотҳои инфрасохтори сайёҳии шаҳри Истаравшан*

| Инфрасохтори сайёҳӣ (ғайр аз инфрасохтори фарҳангӣ) | Шумора (адад) | Ҳолати кунунии иншоотҳо дар маҷмӯъ |
|---|---|---|
| Меҳмонхона | 6 | Қаноатбахш |
| Тарабхона | 14 | Қаноатбахш |
| Чойхона | 24 | Хуб |
| Қаҳвахона | 28 | Қаноатбахш |
| Интернет кафе | 16 | Хуб |
| Маршрутҳои сайёҳӣ | 3 | Хуб |
| Лагерҳо | 4 | Хуб |
| Осоишгоҳҳои фароғатӣ | 2 | Хуб |
| Кӯлҳо | 2 | Қаноатбахш |
| Минтакаҳои сайёҳӣ | 2 | Хуб |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | 2016 бо % 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Туризми дохилӣ | | | | | | | | |
| Шумораи туристон (ҳазор нафар) | 300 | 3339 | 3500 | 103 | 3606 | 3714 | 3825 | 3940 |
| Маблағҳои воридшавандаи умуми аз ҳисоби хизматрасониҳои туризми дохили (млн. сомони) | 6300 | 6678 | 7078 | 106 | 7503 | 7953 | 8430 | 8936 |
| Туризми беруна | | | | | | | | |
| Шумораи туристон (нафар) | 620 | 644 | 669 | 104 | 695 | 722 | 750 | 781 |
| аз он ҷумла, шумораи туристони воридшаванда (нафар) | 600 | 648 | 700 | 108 | 756 | 816 | 881 | 952 |
| Ҳаҷми умумии маблағҳои воридшаванда аз ҳисоби хизматрасониҳои туризми беруна (млн. сомонӣ) | - | 59895 | 65225 | 109,8 | 71030 | 77352 | 84314 | 91902 |

# БОБИ 4. ИНФРАСОХТОР

## 4.1. Таъминот бо оби тозаи нӯшокӣ ва хадамоти рифоҳӣ

Таъмин намудани аҳолӣ бо оби тозаи нӯшокӣ, яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҷомеаи имрӯзаи Истаравшан мебошад. Дастрасӣ ба оби ошомиданӣ бо назардошти он афзалиятҳои ҷиддие, ки дар заминаи рушди иҷтимоӣ барои шаҳри Истаравшан мавҷуд аст, аз ҷумлаи афзалиятҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Зеро 49,5% аҳолии шаҳри Истаравшан аз норасогии оби нӯшокӣ ва оби полезӣ азият мекашанд.

*Дастрасии аҳолии шаҳру деҳоти Истаравшан ба оби тозаи нӯшокӣ*

| Номи мҳаллаҳо | Шумораи муштариён (аҳолӣ), ҳамагӣ | Шумораи аҳолӣ, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ дорад | Сарчашмаи обгирӣ | Шумораи аҳолие, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надорад | %-и таъми-нот бо оби тозаи ошомиданӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Маркази шаҳр | 63400 | 36835 | КДФОК | 26565 | 58,1 |
| Ҷамоати деҳоти «Гули Сурх» | 37378 | 3738 | КВДИОН | 33640 | 10 |
| Ҷамоати деҳоти «Зарҳалол» | 29042 | 17425 | | 11617 | 60 |
| Ҷамоати деҳоти «Нофароҷ» | 9361 | 7489 | | 1872 | 80 |
| Ҷамоати деҳоти «Сабристон» | 15091 | 3018 | | 12073 | 20 |
| Ҷамоати деҳоти «Чорбоғ» | 15093 | 10565 | Чоҳҳои амудӣ | 4528 | 70 |
| Ҷамоати деҳоти «Калъаи Баланд» | 8181 | 4091 | | 4091 | 50 |
| Ҷамоати деҳоти «Ниҷонӣ» | 9561 | 1912 | | 7649 | 20 |
| Ҷамоати деҳоти «Калъачаи Калон» | 14238 | 6407 | | 7831 | 45 |
| Ҷамоати деҳоти «Пошкент» | 17804 | 12463 | | 5341 | 70 |
| Ҷамоати деҳоти «Ҷавкандак» | 9507 | 6655 | | 2852 | 70 |
| Ҳамагӣ: | 228656 | 117758 | | 110898 | 51,5 |

Таҳлили ҳолати таъмин намудани аҳолии шаҳри Истаравшан бо оби тозаи нӯшокӣ нишон медиҳад, ки айни замон аз 228,65 ҳазор аҳолии шаҳри Истаравшан ҳамчун муштарии обистифодабаранда ба қайд гирифташуда, тақрибан 117,8 ҳазор нафар (ё 51,5%) мунтазам бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин мебошанду халос. Тибқи маълумоти мавҷуда, аҳолии маркази шаҳр ва 4 ҷамоати деҳоти Истаравшанро «Корхонаи давлатии фаръии обу коррезии шаҳри Истаравшан» (КДФОК) ва «Корхонаи воҳиди давлатии интиқоли оби нӯшокии шаҳри Истаравшан» (КВДИОН) бо оби ошомиданӣ таъмин намуда, дар дигар ҷамоатҳо обрасониро сокинони маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ, бо тарзи кофтани чоҳҳои амудӣ ба роҳ монда истодаанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳамаи хароҷоти пайдошаванда (кофтани чоҳҳо, хариди таҷҳизот ва хизматрасониву таъмири он) аз ҳисоби маблағҳои худи аҳолӣ сурат мегирад.

КДФОК асосан ба воситаи чоҳҳои амудӣ обро ба сокинони маркази шаҳр тавассути хати оби магистралӣ, ки дарозиаш 40 км мебошад, интиқол медиҳад. Дар шаҳри Истаравшан дар маҷмӯъ 21 адад пойгоҳҳои обкашӣ фаъолият менамоянд. Дарозии кубурҳои дохили маҳаллаҳои шаҳр 110 км буда, онҳо дар тавозуни корхонаҳои дар боло зикргардида қарор доранд. Хатҳои обгузари шаҳри Истаравшан дар солҳои 70-уми асри гузашта бунёд гардида, аз сабаби солҳои тӯлонӣ истифода гардидан, айни ҳол 68% фарсудаю корношоям гардидаанд. Мутаассифона, инфрасохтори таъминоти чоҳҳои обкашӣ бо қувваи барқ (аз ҷумла, ҳолати симҷӯбҳо, трансформаторҳо ва ноқилҳои барқӣ) низ, дар ҳамин ҳолат қарор дорад.

Тибқи маълумоти мавҷуда, танҳо барои бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин намудани сокинони қисми маркази шаҳр, зарурияти кофтани 8 чоҳи амудӣ ҷой дошта, барои иҷрои корҳои мазкур 850 ҳазор сомонӣ маблағ зарур мебошад. Инчунин, барои аҳолии ҷамоатҳои деҳот зарурияти кофтани 41 чоҳи амудӣ ҷой дошта, масъалаҳои тартиб додани нархномаи хароҷот, дарёфти маблағҳои зарурӣ, мавҷуд будани худи оби зеризаминӣ дар ин мавзеъҳо, бояд алоҳида мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шаванд.

*Таъминоти аҳолии шаҳри Истаравшан бо оби нӯшокӣ*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | Соли 2015 бо % 2013 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013 | 2014 | 2015 (4моҳ) | |
| 1 | Шумораи умумии муштариён аз ҳисоби аҳолӣ | оила | 8598 | 8616 | 8682 | 101 |
| | Ташкилотҳои буҷетӣ | адад | 34 | 34 | 34 | 100 |
| | Ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | адад | 111 | 104 | 104 | 94 |
| 2 | Пардохти ҳаққи истифодаи об, ҳамагӣ, аз ҷумла: | сомонӣ | 627424 | 592705 | 377284 | 180 |
| | аҳолӣ | сомонӣ | 374900 | 415600 | 149200 | 39,8 |
| | ташкилотҳои буҷетӣ | сомонӣ | 221187 | 141952 | 215697 | 97,5 |
| | ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 31337 | 35153 | 12387 | 39,5 |
| 3 | Қарзи муштариён дар назди корхона, | сомонӣ | 551090 | 560170 | 630147 | 114 |
| | аз ҷумла: - аҳолӣ | сомонӣ | 297849 | 304030 | 430200 | 144 |
| | - ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 185000 | 256140 | 199800 | 108 |
| 4 | Нархи об (1 м3) барои: | | | | | |
| | аҳолӣ | сомонӣ | 0,70 | 0,70 | 0,75 | 107 |
| | а) хонахои баландошёна | сомонӣ | 0,70 | 0,70 | 0,75 | 107 |
| | б) хонахои як ошёна (маҳаллӣ) | сомонӣ | 0,70 | 0,70 | 0,75 | 107 |
| | ташкилотҳои буҷетӣ | сомонӣ | 1,00 | 1,40 | 1,40 | 140 |
| | ташкилотҳои ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 2,0 | 2,40 | 2,40 | 120 |
| 5 | Истеҳсоли шабонарӯзии об | ҳазор м3 | 6,607 | 6,789 | 8,515 | 129 |

Инчунин, барои бартараф намудани мушкилии таъминоти пурраи аҳолии шаҳри Истаравшан бо оби тозаи нӯшокӣ, бояд масъалаи васл намудани пойгоҳҳои обкашии бардориши дуюм аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан, КВД «Хоҷагии манзилию комммуналӣ» ва дигар вазорату идораҳои дахлдор, мавриди баррасӣ ва ҳаллу фасл қарор дода шавад.

Дар иртибот ба чунин вазъият, масъалаи истифодаи сарфакоронаи об, барҳам додани талафоти об ва гузаштан ба низоми истифодаи об тариқи обченкунакҳо, ба мадди аввал мебарояд.

Масъалаи дигар, ин сари вақт аз ҷониби баъзе аз гурӯҳи муштариён пардохт накардани ҳаққи хадамоти обтаъминкунӣ мебошад. Ҷамъоварии маблағи хизматрасонии оби аз ҷониби аҳолӣ истифодагардида 102%-ро ташкил диҳад ҳам, дар шаҳр тамоили зиёдшавии ҳаҷми маблағҳои қарзи ташкилотҳои буҷетиву ғайрибуҷетӣ мушоҳида мегардад. Мутахассисон ҳалли масъаларо бо ҳарчи зудтар таъсис додани ассотсиатсияи истифодабарандагони об (АИО) маънидод намуда, ташкили АИО-ро ба мақсад мувофиқ меҳисобанд.

Яке аз роҳҳои ҳалли муаммои таъминоти обро мутахассисон бо зудтар бунёд намудани хатти оби худҷорӣ аз деҳаи Бурагени шаҳри Шаҳристон ба шаҳри Истаравшан, алоқаманд менамоянд. Бо назардошти торафт гарон шудани маблағи истифодаи қувваи барқ ва таҷҳизоту дастгоҳҳои обкашӣ, минбаъд таъминот бо об тавассути чоҳҳои амудӣ мушкилтар мегардад, аз ин лиҳоз, аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ татбиқи амалии лоиҳаи сохтмони хатти оби худҷории номбурда, торафт ҷолибтар мегардад.

Дар баробари дигар мушкилиҳо, безарар гардонидани оби ошомиданӣ дар асоси технологияи муосир, барои шаҳри Истаравшан яке аз муаммоҳои рӯзмарра мебошад. Ташхис ва безараргардонии оби нӯшокӣ тавассути Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ (МНДСЭ), бо сабаби касод будани буҷа ва ҷудо нагардидани маблағ, қисмҳои эҳтиётӣ ва реактивҳо, хусусан дар ҷамоатҳои деҳот, кам гузаронида мешавад.

**Хадамоти рифоҳӣ.** Дар ҳудуди шаҳри Истаравшан дар соҳаи хоҷагии коммуналӣ, «Корхонаи давлатии фаръии обу канализатсияи шаҳри Истаравшан» фаъолият дорад,

ки тамоми хадамоти коммуналӣ, аз ҷумла, тоза кардани об, инчунин қабул ва интиқоли ташнобро ба сомон мерасонад.

Шабакаи обу ташноби (канализатсия) шаҳри Истаравшан (дарозии хатти калонҳаҷми ташноби шаҳр 32 км ва дарозии хати миёнаҳаҷми он 65 км-ро ташкил медиҳад) солҳои 1965-1970 сохта шудааст ва аз сабабаи солҳои тулонӣ истифода бурдан, айни ҳол қариб пурра (82%) корношоям шудааст. Барои барқарор намудани шабакаи обу ташноб, аз ҷумла бунёди иншооти қабули ташноб ва обтозакунӣ, таъмири хатҳои ташнобқабулкунии калонҳаҷм ва чоҳҳои назоратӣ, маблағи зиёд (тибқи ҳисоби пешакӣ тақрибан 25 млн. сомонӣ) лозим мебошад. Ҳамчунин, бинобар васеъшавии ҳудуди маркази шаҳри Истаравшан, иншооти қабули ташноб дар байни маҳаллаҳои аҳолинишин мондааст ва тибқи меъёрҳои амалкунанда, он бояд ҳарчи зудтар аз ҳудуди аҳолинишин кӯчонида шавад.

Ҳамзамон, аз ҷониби мутахассисон масъалаи бунёди хатти мустақили обу ташноби шаҳраки навбунёди «Баҳористон» барои 6000 хонавода, алоҳида мавриди омӯзиш қарор дорад.

**Партовҳо.** Дар шаҳри Истаравшан ба ҷамъоварӣ ва интиқолу безараргардонии партовҳои сахти маишӣ Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммунали»-и шаҳри Истаравшан машғул мебошад. Корхонаи мазкур соли 1919 ташкил шуда, ба Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммунали»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, мансуб мебошад.

Дар муассисаи номбурда 106 нафар коргарон фаъолият менамоянд ва асосан ба иҷрои корҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, тозагии санитарӣ, нигоҳдории фонди манзил ва чароғон намудани кӯчаҳои шаҳр машғул мебошанд. Дар мувозинаи муассисаи зикршуда 84 биноҳои бисёрошёна (воқеъ дар маркази шаҳр) қарор доранд, ки масоҳати умумии онҳо 117,6 ҳазор $м^2$ мебошад.

*Хизматрасониҳои коммуналӣ ва фарогирии муштариён*

| Номгӯи хизматрасониҳо | Фарогирии муштариён (аҳолӣ), ба хисоби % |
|---|---|
| Баровардани партовҳои сахти маишӣ | 80% |
| Баровардани партовҳои моеъ | 5% |
| Нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил дар биноҳои бисёрошёна | 75% |
| Ободонӣ ва кабӯдизоркӯнӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ | 92% |

Муассисаи номбурда ба ҳисоби миёна ба 16435 муштариён дар бобати ҷамъ ва баровардани партовҳои сахти маишӣ хизмат мерасонад, ки аз он 5150 нафарашон дар хонаҳои бисёрошёна истиқомат менамоянд.

Ҳаҷми миёнаи солонаи партовҳои сахти маишии (ПСМ) амалан баровардашаванда, ба ҳар як нафар аҳолии шаҳри Истаравшан 2,5 $м^3$-ро ташкил медиҳад, аммо меъёри муайяншудаи ғундоштани ПСМ дар шаҳр ба як нафар истиқоматкунанда 0,85 $м^3$ ва барои як оила дар бахши хусусӣ 8,5$м^3$ -ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки сол то сол ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ дар шаҳр зиёд шуда истодааст, аз он ҷумла, агар дар соли 2008 муассиса ҳамагӣ 14 ҳазор $м^3$ ПСМ бароварда бошад, пас дар соли 2010-ум 16,1 ҳазор $м^3$ ПСМ баровардааст, ки мутаносибан 15 фоиз зиёд мебошад.

Дар муассисаи мазкур барои ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ 3 адад автомашинаи тамғаи ГАЗ-53, 1 адад автокрани ЗИЛ, 1 адад автомошинаи обпошии ЗИЛ, 1 адад автомашинаи КАМАЗ, 1 адад трактор бо притсепаш ва 1 адад трактори тамғаи «Белорус-Малютка» кор мекунанд. Шумораи автомашинаҳои мавҷуда барои хизматрасонии пурраи аҳолии шаҳр нокифоя мебошад.

Партовгоҳи шаҳр дар масофаи 12,5 км ҷойгир буда, дар ҳолати ғайрисанитарӣ қарор дорад. Аз сабаби нокифоягии техникаи махсусгардонидашуда, партовгоҳ сари

вақт тозаву безарар ва хокпӯш карда намешавад. Дар натиҷа, масоҳати он торафт васеъ шуда, партовҳо ба заминҳои кишоварзӣ паҳн гардида, сабабгори паҳншавии касалиҳои гуногун шуда метавонанд (тибқи мушоҳидаҳо масоҳати партовгоҳ то 2-3 маротиба аз масоҳати муқарраршуда зиёд аст). Барои иҷрои корҳои тозаву безараргардонӣ ва хокпӯш намудани партовҳо маблағи зиёд зарур аст, аммо ҳалли ин масъала аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ бо назардошти имкониятҳои маҳдуди молиявӣ, ғайриимкон мебошад. Дар ин самт, бобати ҷалби маблағҳои ташкилотҳои байналхалқӣ корҳо бояд ҷоннок карда шаванд.

Инчунин, дастрас намудани миқдори зарурии техникаи нави махсусгардонидашуда, аз ҷумла қуттиҳои махсуси партовҷамкунӣ, автомашинаҳои партовбарорӣ, экскаваторҳои ҳозиразамон, автомашинаҳои обкашонӣ, мошини ассенизатор ва барои аз ҳудуди ҷамоатҳои деҳот баровардаи партовҳо 11 адад тракторҳои партовбарорӣ зарур аст.

Дар баробари ин, пурзӯр намудани корҳои тарғиботӣ ҷиҳати роҳҳои муосири ҷамъоварии партов ва истифодаи партовгоҳҳо ба мақсад мувофиқ буда, ташкили корхонаҳои коркарди партов, деворбандӣ намудани партовгоҳ ва ташкили партовгоҳҳо дар ҷамоатҳои деҳот, ба нақшаи амал ворид шудаанд.

**4.2. Таъмини барқ**

Дар шаҳри Истаравшан ба таъминоти барқ муассисаи «Шабакаҳои барқии шаҳри Истаравшан» машғул буда, он тобеъи ҶСШК «Барқи Тоҷик» мебошад ва аз соли 1976 инҷониб фаъолият дорад. Айни замон, дар муасисаи мазкур 148 нафар корманд ба кор машғул буда, аз онҳо 6 нафар муҳандис, 49 назоратчии шӯъбаи фурӯши барқ ва боқимонда 93 нафар навбатдорони зеристгоҳҳои барқӣ ва барқчиён мебошанд. Дар тавозуни муассисаи номбурда 2 зеристгоҳи барқии иқтидораш 110/35/10кВ (зеристгоҳҳои барқии Ҷомӣ ва Чорбоғ), 3 зеристгоҳҳои барқии иқтидори 110/10кВ (зеристгоҳҳои барқии Уротеппа, Кафтар, ЧНФ,) ва 1 ЗБ 35/10кВ “Зарринруд” ба қайд гирифта шудаанд. Зеристгоҳҳои мазкур дар ҳудуди шаҳри Истаравшан, ҷамоатҳои Сабристон ва Чорбоғ, 1 адад дар ҷамоати деҳоти Зарҳалол ҷойгир шудаанд. Инчунин дар тавозуни корхонаи номбурда 324 адад ЗИБ 10/04кВ мавҷуд мебошад.

Шабакаи барқии мазкур ба 63 корхонаи саноатӣ, 5 адад корхонаҳои ғайрисаноатӣ, 13 муассисаю ташкилотҳои буҷавӣ, 29 ташкилоти буҷети маҳаллӣ ва 2 адад корхонаҳои обтаъминкунии шаҳр, инчунин ба 7572 хоҷагиҳои деҳқонӣ ва 44317 (аз ҷумла дар шаҳр 9471 ва дар деҳот 34826 хонавода) муштариёни (хоҷагиҳои оилавӣ) шаҳри Истаравшан хизмат мерасонад.

Барқ ба шаҳри Истаравшан аз зеристгоҳи барқии тавоноиаш 500 кВт, воқеъ дар ҳудуди шаҳри Ғончӣ интиқол дода мешавад.

Шумораи умумии трансформаторҳои қуввагии гуногунтамға 200 адад буда (аз ин шумора 128 трансформатор дар тавозуни Шабакаҳои барқи шаҳри Истаравшан ва 72 трансформатор дар тавозуни истифодабарандагон қарор дорад), тавоноии умумии онҳо ба 61268 кВА баробар мебошад.

Дар шаҳри Истаравшан дарозии умумии хатҳои интиқоли барқи шиддатнокиашон 6-10 кВ – 530,8 км ва 0,4 кВ – 566,8 км буда, 100%-и аҳолиро бо нерӯи барқ таъмин менамояд. Дарозии нокифояи хатҳои интиколи барқ, паст будани сифат ва шиддатнокии барқ, номувофиқ ва фарсуда будани нокилҳои барқ мушкилоти таъминоти самараноки қувваи барқ ва талафоти зиёди онро ба вуҷуд овардааст.

Дар доираи Барномаи мазкур бо назардошти рушди демографӣ ва ба истифода супоридани иншоотҳои саноатию иҷтимоӣ дар панҷ соли минбаъда, яке аз афзалиятҳои асосии соҳаи таъминоти барқ дар шаҳри Истаравшан иваз намудани нокилхо ва пояхои баркии фарсуда, зеристгоҳҳои барқии 110/35-10 кВ дорои 2 адад трансформатори тавоноиаш 16000 кВА ба 2 адад трансформатори тавоноиаш 25000 кВА пешбинӣ шудааст.

Аз ҷониби муштариён дар соли 2014 ба миқдори 183,86 ҳазор кВт/соат барқ истифода шудааст. Талафоти технологӣ ба 18% баробар гардидааст.

Ҳамзамон, дар давраи мазкур ба миқдори 1033,3 ҳазор кВт. соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки нисбати соли гузашта ба маблағи 260,7 ҳазор сомонӣ зиёд

мебошад, аз ҷумла, ба аҳолӣ ба миқдори 536,4 ҳазор кВт/соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки он нисбати соли гузашта 103% зиёд мебошад.

*Миқдори фурӯши қувваи барқ*
*дар шаҳри Истаравшан дар давоми солҳои 2012 – 2014*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 | Соли 2014 дар қиёс бо соли 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағи умумии фурӯши қувваи барқ | сомонӣ | 16457,8 | 19523,7 | 21692,0 | 131,8 |
| 2 | Ҳаҷми умумии истифодаи қувваи барқ | кВт/с | 181374,8 | 198843,2 | 199413 | 109,9 |
| 3 | Аз ҷумла, ба аҳолӣ | сомонӣ | 79626,0 | 92356,3 | 97973,8 | 123,0 |
| | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 76429,9 | 10159,1 | 257983 | 337,5 |
| 4 | ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | сомонӣ | 3,3 | 3,5 | 1,2 | 36,3 |
| | Ҳаҷми умумӣ | кВт/с | 18,6 | 19,0 | 1,0 | |
| 5 | Нархи 1 кВт/с (ба ҳисоби миёна) | | | | | |
| | - ба аҳолӣ | Дирам | 10,42 | 11,0 | 11,70 | 112,2 |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Дирам | 28,85 | 31,42 | 33,93 | 117,6 |
| 6 | қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз ҷумла: | сомонӣ | 16100,0 | 20167,8 | 24200,0 | 150,3 |
| | - ба аҳолӣ | сомонӣ | 12600,0 | 14589,6 | 17300,0 | 137,3 |
| | - ба ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | Ҳазор сомонӣ | 0,8 | 1,3 | 2,0 | 250,0 |
| 7 | - талафоти умумӣ | % | 23,1 | 23,5 | 22,1 | 95,6 |

Аҳолӣ ва корхонаву муассисаҳои Истаравшан ба пуррагӣ бо хати барқ таъмин мебошанд. Бояд қайд намуд, ки бинобар суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ ва набудани шабакаи алтернативии энергетикӣ, талабот ба қувваи барқ рӯз аз рӯз зиёд гардидааст. Иқтидорҳои мавҷудаи шабакаи барқрасонии шаҳр ба сарбории ба вуҷуд омадаи қувваи барқ тобовар нест (махсусан дар мавсими зимистон) ва он сабаби офзоиши ҳолатҳои садамавии иншоотҳои таҷҳизоти барқ шуда истодааст.

Яке аз мушкилиҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад, кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои барқии ҳавоӣ ва симчӯбҳои хатҳои интиқолии барқии 0,4-6-10 кВ ба шумор меравад. Сохтмони он ба солҳои 60-уми асри гузашта рост омадааст ва дар ин муддат ягон маротиба корҳои азнавсозӣ ва барқароркунӣ гузаронида нашудааст ва дар фасли зимистон мушкилоти иловагиро пеш меоварад.

Ин мушкилотро дар маҳаллаҳои навбунёдшудаистода ба монанди маҳаллаҳои Баҳористон ва маркази шаҳр мушоҳида намудан мумкин аст. Бо назардошти ин масъалаи иваз намудани пояҳои чӯбин ба пояҳои оҳану бетонӣ ва инчунин дар ҳолати серборӣ қарор гирифтани трансформаторҳои 10-6-0,4 кВ ва дар ин замина иваз намудани онҳо ба трансформаторҳои тавоноияшон баланд ба миён омадааст. Барои беҳтар намудани вазъи барқтаъминкунӣ ва инчунин, кам намудани талафотҳои технологии “Шабакаҳои барқӣ”, зарурияти иваз намудани ХИБ-10-6 кВ бо дарозии 22 км (бо 529 адад пояҳои чубини фарсуда), ХИБ-0,4 кВ бо дарозии 42 км (бо 1257 адад пояҳои чӯбини фарсуда), трансформаторҳои 0,4-6-10 кВ (31 адад) ба миён омадааст.

Ҳаҷми фурӯши нерӯи барқ дар соли 2014 ҳамагӣ 26,6 млн. сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 5,5 млн. сомонӣ зиёд мебошад, ки ба афзоиши аҳолӣ ва талаботи он алоқаманд аст. Яке аз мушкилиҳои марказие, ки айни замон мутахассисони соҳаро ба ташвиш овардааст, ин сол то сол зиёд гардидани қарзи истифодабарандагон мебошад. Қарздории асосӣ ба аҳолӣ рост меояд, ки ҳаҷми он дар соли 2012 тақрибан 12 млн. сомониро ташкил дода, дар қиёс ба соли 2012 ба андозаи 6706 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст. Сабабҳои асосии қарздории аҳолӣ, сол то сол баланд гардидани арзиши нерӯи барқ, нисбатан паст будани музди меҳнат ва паст будани қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ мебошад. Мушкилии дигари соҳа ин баланд будани ҳаҷми талафоти нерӯи барқ мебошад. Ба ин нишондод, аз як тараф, кӯҳнаю

фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ ва аз тарафи дигар, норасогӣ ва аз кор баромадани ҳисобкунакҳои барқии мавҷуда таъсири манфӣ расонидааст.

Бо сабаби қатъ гардидани интиқоли гази табиӣ ба шаҳр аҳолӣ аз қувваи барқ истифода мебаранд, ки ин ҳолат боиси аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимоти барқ оварда мерасонад. Ин ҳолатро махсусан дар фасли сармо мушоҳида намудан мумкин аст. Аҳолии деҳаҳо низ аз истифодаи гази табии маҳрум буда, манбаи асосии истифодабарии гармӣ барои онҳо қувваи барқ, ҳезум, ангишт ва ғайра ба шумор меравад. Илова бар ин, хонаҳои баландошёнаи шаҳр аз сабаби кор накардани шабакаи гармидиҳӣ, таҷҳизотҳои гармидиҳии барқиро истифода менамоянд ва ин ҳолат зарурати иваз намудани трансформаторҳои мавҷударо (ба трансформаторҳои иқтидораш зиёд) ба миён овардааст.

*Нишондиҳандаҳои асосии сохаи таъминоти барқ*
*дар шаҳри Истаравшан дар муддати солҳои 2016-2020*

| № | Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | | Соли 2020 нисбат ба соли 2016 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | |
| 1 | Фуруши умумии барқ | ҳазор сомони | 23864173 | 26251250 | 26876375 | 31764012 | 34940414 | 146 |
| 2 | Аз он ҷумла, аҳолӣ | ҳазор сомони | 12612083 | 13873291 | 15260620 | 16786682 | 18465351 | 146 |
| 3 | Бо ташкилотҳои буҷети ва ғайрибуҷети | ҳазор сомони | 11252690 | 12377959 | 13615755 | 14977330 | 16475063 | 146 |
| 4 | Нархи 1кВа/с (ба ҳисоби миёна) | дирам | 11,96 | 13,16 | 14,47 | 15,92 | 17,51 | 146 |
| 5 | Ба аҳолӣ | дирам | 13,23 | 13,25 | 14,58 | 15,31 | 16,08 | 121 |
| 6 | Ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | дирам | 11,09 | 12,20 | 13,42 | 14,76 | 16,23 | 105 |
| 7 | Қарзи умумии муштариён дар назди корхона, аз он ҷумла аҳолӣ | ҳазор сомони | 25418 | 25502 | 25610 | 25700 | 25800 | 101 |
| 8 | Аҳолӣ | ҳазор сомони | 18142 | 18200 | 18350 | 19000 | 19100 | 105 |
| 9 | Ташкилотҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ | ҳазор сомони | 7276 | 7302 | 7260 | 6700 | 6700 | 92 |
| 10 | Талафоти умумӣ | | 17,0 | 17,5 | 18,0 | 18,5 | 19,0 | 111 |

**Мушкилоти мавҷудаи соҳа:** кӯҳнаю фарсуда гардидани хатҳои интиқоли барқ, иқтидори нокифояи трансформаторҳои мавҷуда ва зеристгоҳҳои барқӣ, мунтазам аз кор баромадани трансформаторҳо, корношоям гаштани симчӯбҳо ва пояҳои ХИБ.

Дар давоми солҳои 2016-2020 дар доираи татбиқи Барномаи мазкур барои ҳалли масъалаҳои ҳалталаби зикргардидаи соҳа ва ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо қувваи барқ, аз нав барқарор намудани хатҳои барқии ҳавоӣ ва кабелӣ, бо трансформаторҳои иловагӣ таъмин намудани деҳаҳое, ки шумораи аҳолиашон зиёд шуда истодааст ва аз нав барқарор намудани симчӯбҳои ХИБ пешбинӣ мегардад.

Айни замон мушкилиҳое ба мисли қарздории муштариён аз рӯи пардохти ҳаққи истифодаи қувваи барқ, ҳавасманд набудани ахолӣ барои иваз намудан ва ба берун баровардани ҳисобкунакҳои барқии индуксиони ба рақамӣ, фарсудагӣ ва норасоии ноқилҳо, пояҳои барқӣ, трансформаторҳо, таҷҳизот ва лавозимоти санҷишии қуваи барқ, ба талаботи мавҷуда ҷавобгӯ набудани тавоноии зериситгоҳҳои барқӣ, норасоии техникаи борбардору боркаш ва маҳдудияти маблағгузориҳо, садди роҳи рушди соҳаи мазкур шуда истодааст.

Афзоиши нуфуси аҳолӣ, бунёди маҳаллаи нави аҳолинишини «Баҳористон» ва дигар маҳаллаҳои нав дар деҳот, инчунин нокифоягии иқтидорҳои мавҷуда, зарурияти зиёд намудани иқтидору тавоноии шабакаҳои барқии шаҳри Истаравшанро тақозо

менамояд. Бинобар ин, сохтмони ЗБ “Баҳористон-220 кВ» бо 2 адад автотрасформатор бо иқтидори 200 000 кВА барои рушди барқтаъминкунии шаҳру деҳоти Истаравшан мувофиқи мақсад мебошад.

Масъалаи дигари асосӣ барои шаҳру деҳоти Истаравшан, ин таҷдиди инфрасохтори соҳаи барқтаъминкунӣ мебошад. Айни замон, дар ҳамкорӣ бо Бонки Осиёгии Рушд гуфтушунид бобати оғози марҳилаи сеюми лоиҳаи таъмиру таҷдиди пояҳои хатҳои интиқоли барқ идома дошта, дар назар аст, ки дар ин марҳила барои иҷрои корҳои сохтмонии хати барқ ба масофаи 9 км дар ҳаҷми 4 млн сомонӣ маблағ ҷудо карда мешавад.

### 4.3. Нақлиёт ва хоҷагии роҳ

**Нақлиёт.** Дар шаҳри Истаравшан 4 ширкати нақлиётӣ фаъолият менамояд, аз он ҷумла ҶДММ «Ширкати нақлиётии Дӯстӣ» бо 427 адад воситаҳои нақлиёти мусофиркашон, ҶДММ «Довуд» бо 48 адад воситаҳои нақлиёти мусофиркашон, ҶДММ «Коваи Истаравшан» бо 53 адад воситаҳои нақлиёти мусофиркашон ва ҶСК «Олӣ Сомон» бо 24 адад воситаҳои нақлиёти мусофиркашон, ба боркашонӣ бо фарогирии 61 хатсайр, аз ин 8 хатсайри шаҳрӣ, 20 хатсайри дохили шаҳрӣ ва 33 хатсайри назди шаҳрӣ ба аҳолии шаҳру деҳот ва меҳмонони шаҳр хизмат мерасонанд.

Дар семоҳаи аввали соли равон аз тарафи ширкатҳои номбурда 2613 ҳазор нафар мусофир кашонида шудааст.

Ҳаҷми боркашонӣ бошад 463,4 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки нисбати соли пешин 100,6% зиёд иҷро гаштааст.

Умуман дар шаҳри Истаравшан 17458 адад воситаҳои нақлиёт мавҷуд мебошад, ки аз ин 17146 адад шахсӣ, 312 адад давлатӣ, 46 адад воситаҳои нақлиёти махсус, 15136 адад нақлиёти сабукрав, 394 адад автобус, 1876 адад нақлиёти боркашон мавҷуд мебошад.

*Нишондиҳандаҳои фаъолияти соҳаи нақлиётии шаҳри Истаравшан*

| Номгӯи хизматрасониҳо | Воҳиди ченак | Соли 2016 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2020 | % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мусофир кашонида шуд | ҳазор мусофир | 16610,0 | 17100 | 17600 | 18100 | 18700 | 112,6 |
| Гардиши мусофиркашонӣ | ҳазор мусофир | 190600 | 194400 | 198300 | 202200 | 206244 | 108,2 |
| Бор кашонида шуд | ҳаз.тн | 2010 | 2075 | 2130 | 2200 | 2260 | 112,4 |
| Гардиши боркашонӣ | ҳаз. тн | 294000 | 306700 | 319000 | 331800 | 345000 | 117,3 |

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаҳои инфрасохтор (хоҷагии роҳ) дар шаҳри Истаравшан барои солҳои 2016-2020*
*Нақлиёт*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % с.2015. | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 |
| Ҳаҷми боркашонӣ – хамагӣ (ҳазор тонна) | 1899,8 | 1937,8 | 1976,6 | 102,0 | 2016,1 | 2056,4 | 2097,6 | 2139,5 |
| аз он ҷумла: | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти роҳи оҳан | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти ҳавоӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти автомобилӣ ҳамагӣ | 1899,8 | 1947,2 | 1995,8 | 102,0 | 2016,0 | 2056,4 | 2097,5 | 2139,5 |
| аз он - боркашонии байналхалқӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Гардиши бор – ҳамагӣ (млн.т/км) | 272,7 | 278,1 | 283,7 | 102,0 | 289,3 | 295,1 | 30100,2 | 30702,2 |

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | с.2016 бо % с.2015. | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 |
| аз он ҷумла: | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти роҳи оҳан | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти ҳавоӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 272,7 | 278,1 | 283,7 | 102 | 289,3 | 295,0 | 300,9 | 306,9 |
| аз он - боркашонии байналхалқӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Мусофиркашонӣ – ҳамагӣ (ҳазор мусофир) | 15658,8 | 15972,0 | 16291,4 | 102 | 16617,2 | 16949,5 | 17288,5 | 17634,3 |
| аз он ҷумла: | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти роҳи оҳан | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти ҳавоӣ | - | - | - | - | - | - | - | - |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ, | 15658,8 | 15972,1 | 16291,4 | 102,0 | 16617,2 | 16949,5 | 17288,5 | 17634,3 |

**Роҳҳо.** Дар шаҳри Истаравшан «Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард» ва корхонаи фаръӣ-давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошанд.

Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Истаравшан тобеъи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он 56 нафар коргар фаъолият менамоянд. Муассиса дорои 18 адад техникаи роҳдорӣ, нақлиёт ва таҷҳизотҳои роҳдорӣ аст, ки аз ин 15 ададаш коршоям буда, 3 адади дигар дар ҳолати корношоям қарор дорад.

Дар мувозинаи Корхонаи фаръи-давлатии хоҷагии манзилию коммуналӣ 16,5км кӯчаву хиёбонҳои истифодаи умум, 15 км пиёдароҳҳо, 16 кмноваҳои обпарто ва 3 пул (кӯпрук) мавҷуд аст. Корхона бо фаъолияти роҳдорӣ машғул бошад ҳам, вале ягон механизм барои нигоҳдории роҳ надорад. Корҳои таъмиру барқароркуниро тавассути нақлиёт ва механизмҳои кироя амалӣ менамояд.

Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Истаравшан дар мувозинаи худ 232 км роҳҳои истифодаи умум дорад, ки аз ин 21,0 км роҳҳои байналмиллалӣ, 22,5 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 188,5 км роҳҳои маҳаллӣ мебошанд.

Роҳҳои шаҳру деҳоти Истаравшан аз рӯи намуди фарш:

- фарши асфалту бетон 112,1км,
- фарши такмилёфтаи роҳ 86,8км
- фарши аз омехтаи шағалу сангреза 33,1км мебошад.

Ҳамчунин дар ҳудуди шаҳр 15 адад пул (кӯпрук) ва 327 адад қубурҳои обпарто (3627 метри тӯлонӣ) мавҷуданд, ки дар 2 адади он таъмири асосӣ гузаронида шудааст ва 2 адади он ба азнавсозӣ ниёз доранд. Ду иншооти обгузар дар роҳи автомобилгарди даромад ба деҳаи Қарасаққол-Даҳяки поён ва як адад пул (кӯпрук) дар роҳи автомобилгарди Истаравшан-Ғончӣ аз офати табиии зарар дидааст ва аз сабаби дарёфт нашудани сармоя таъмир нагардида дар ҳолати таъмирталаб боқӣ мондаанд.

Пиёдароҳҳо ва новаҳои обгузар дар кӯчаву хиёбонҳо аз сабаби калон ва баланд шудани решаи дарахтон қисман каҷу валангор гаштаанд.

Дар ҳудуди шаҳр пули кӯчаи Олӣ Сомон дар натиҷаи офатҳои табиии солҳои гузашта хароб гашта, аз нав барқарор карда шуд, лекин аз сабаби набудани маблағ корҳои соҳилмустаҳкамкунии он ба охир расонида нашудааст ва ҳоло пояҳои пул (кӯпрук) дар ҳолати садамавӣ қарор дорад.

Дар солҳои охир аз сабаби набудани сармоя дар аксарияти роҳҳо таъмири капиталӣ гузаронида нашудааст (зиёда аз 25 сол). Дар натиҷаи солҳои зиёд истифода гаштан фарши роҳҳо хеле фарсуда шудааст ва онҳоро бо таъмири ҷорӣ аз нав барқарор намудан ғайриимкон аст.

Дар бисёр мавзеъҳо фарши роҳ ва паҳлӯҳои он вайрон шудааст. Зиёда аз 10 км роҳи байнамиллалӣ, 10 км роҳи ҷумҳуриявӣ, 35 км роҳи маҳаллӣ, аз ҷумла роҳҳои мошингарди Истаравшан-Зафаробод (0-10) км, роҳи даромадгоҳи шаҳри Истаравшан (0-2) км, роҳи Истаравшан-Ғончӣ (0-7) км, роҳи ҳудуди шаҳри Истаравшан (0-21,9) км, Гули-Сурх-Осоишгоҳи «Уротеппа» (0-7) км ва роҳи Истаравшан-Вогат-Ругунд (0-6,9) км ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

**Мушкилоти соҳа:** аз офати табии хароб гаштани иншоотҳои обгузари роҳҳои мошингарди Қарасаққол-Даҳяки поён ва зарурияти ба ҷои он сохтани ду кӯпрук, таъмирталаб будани кӯпрук дар роҳи мошингарди Истаравшан-Ғончӣ, ҳолати садамавии пояҳои кӯпруки мошингарди кӯчаи Оли Сомон, фарсуда гаштани фарши қисмии асосии аксарияти роҳҳои шаҳр, таъмирталаб будани роҳҳои байналмиллалии Истаравшан-Зафаробод (0-10) км, роҳҳои ҷумҳуриявии даромадгоҳи шаҳри Истаравшан (0-2) км, Истаравшан-Ғончӣ (0-7) км, роҳҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, роҳҳои Истаравшан-Ниҷонӣ-Ругунд (0-15,9) км, Истаравшан-Вогат-Ругунд (0-6,9) км, Истаравшан-Осоишгоҳи «Уротеппа» (0-7) км, дохили Истаравшан (0-21,9) км, роҳи Гули-Сурх-Қалъаи Баланд (0-7) км, корношоям будани воситаҳои техникии Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди шаҳри Истаравшан, фарсуда гаштани қисми асосии фарши роҳҳои кӯчаҳои Истиқлол, Бӯстон, Гагарин, Олӣ Сомон ва Дӯстӣ, мавҷуд набудани техникаҳои ҳозиразамон дар Корхонаи фаръии давлатии «Хоҷагии манзилию коммунали шаҳри Истаравшан».

Барои иҷрои корҳои сохтмону барқарорсозии ин роҳу купрукҳо зиёда аз 12 млн.700 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

Бинобар набудани шабакаи роҳи оҳан, корхонаю муассисаҳо ва соҳибкорони шаҳри Истаравшан барои интиқоли молу маҳсулот аз истгоҳҳои роҳи оҳани шаҳрҳои Спитамен ва Ҷаббор Расулов истифода мебаранд, ки ин дар навбати худ хароҷоти иловагиро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, дар сурати пайдо шудани имконияти молиявӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ бунёд намудани хатти роҳи оҳани Спитамен-Истаравшан ба мақсад мувофиқ мебошад.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаҳои инфраструктураи истеҳсолӣю Хоҷагии роҳҳо*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2016 | 2016 бо% 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – ҳамагӣ (км) | 266,2 | 266,2 | 268,2 | 100,75 | 268,2 | 268,2 | 268,2 | 268,2 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 127,0 | 127,0 | 129,0 | 102,0 | 129,00 | 129,00 | 129,0 | 129,0 |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 139,2 | 139,2 | 139,2 | 100 | 139,2 | 139,2 | 139,2 | 139,2 |
| Аз дарозии умумии роҳҳо: | | | | | | | | |
| Роҳҳои истифодаи умум – ҳамагӣ (км) | 266,2 | 266,2 | 268,2 | 100,75 | 268,2 | 268,2 | 268,2 | 268,2 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 127,0 | 127,0 | 129,0 | 102,0 | 129,0 | 129,0 | 129,0 | 129,0 |
| аз онҳо: бо болопӯши муқаммал | 139,2 | 139,2 | 139,2 | 100,0 | 139,2 | 139,2 | 139,2 | 139,2 |
| Роҳҳо аз рӯи аҳамият, (км) | | | | | | | | |
| Ҷумҳуриявӣ | 77,5 | 77,5 | 77,5 | 100 | 77,5 | 77,5 | 77,5 | 77,5 |
| Маҳаллӣ | 188,5 | 188,5 | 190,5 | 100,8 | 190,5 | 190,5 | 190,5 | 190,5 |

### 4.4. Алоқа ва фазои иттилоотӣ

Филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ш.Истаравшан яке аз корхонаҳои беҳтарини соҳаи алоқаи шаҳри Истаравшан ба ҳисоб рафта, ҳамчун ташкилоти маинтақавӣ фаъолият мекунад. Дар он 98 нафар мутахассисони соҳаи алоқа кор мекунанд.

Соли равон корхона нақшаи истеҳсолии солонаро 107,3 фоиз иҷро карда, ба миқдори 629812 сомонӣ ба аҳолӣ хизмати алоқа расонидааст. Сохтмони шабакаи нақлиётӣ бо воситаи кабели ҳозиразамони нахию нурӣ (оптикӣ) ба итмом расонида шуда, ҳамаи кабелҳои байнишаҳрӣ ба ин кабел пайваст карда шудаанд.

Дар Истаравшан 3 истгоҳи телефонии бо ғунҷоиши 7032 рақам, аз ҷумла дар деҳот 480 рақам насб карда шудааст. Бинобар баланд будани сатҳи рақобат дар соҳаи алоқа, даромаднокии корхонаи мазкур нисбати солҳои пеш кам гаштааст, зеро дар ҳудуди шаҳр 8 ширкати дигар хизматрасониҳои алоқаро пешниҳод менамоянд (Билайн, Tcell, Вавилон-Т, Вавилон-М, Вавилон-Т, Телеком-технолоҷи, Сатурн-Онлайн Ltd, Мегафон, Tk-mobail).

Барои афзоиши даромаднокии корхона дар соли 2016 насби як адад истгоҳи рақамӣ дар ҳудуди ҷамоати деҳоти «Гули-Сурх» ва тавассути силки нури насби таҷҳизоти PDH ва ИКМ, ташкили алоқаи телефонию интернет ба маҳаллҳои дурдастӣ деҳот ба нақша гирифта шудааст.

Инчунин тавассути хатҳои телефонӣ ба роҳ мондани пахши барномаҳои телевизон дар тӯли солҳои 2015-2016 ба нақша гирифта шудааст, ки бо ин васила шумораи муштариён зиёд гашта, даромаднокии корхона то 30% меафзояд.

Солҳои 2016-2017 барои татбиқи марҳилаи дуюми барномаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таъсиси ҳукумати электронӣ, тавассути силкҳои нурӣ, ташкил намудани шабакаҳои интернетии байни муасиссаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қудратӣ ба нақша гирифта шудааст. Ҳамаи ин боиси пешрафти тамоми соҳаҳои дахлдор ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мегардад.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи алоқа*

| Нишондиҳандаҳо | с.2014 ҳисобот | с.2015 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | | с.2020 бо % бо нисбати с. 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2016 | с. 2016 бо нисбати 2015 | с.2017 | с.2018 | с.2019 | с.2020 | |
| Алоқа | | | | | | | | | |
| Шумораи истгоҳҳои телефонии (адад) | 3 | 3 | 4 | 133,0 | 5 | 6 | 7 | 8 | 266,7 |
| Ғунҷоиши истгоҳҳои телефонии (ҳаз. ракам) | 7,032 | 7,032 | 7,512 | 106,8 | 7,99 | 8,47 | 8,95 | 9,43 | 134,1 |
| Шумораи истифодабарандагони телефони «соти» (ҳаз. муштариён) | 90,0 | 92,7 | 95,5 | 103,0 | 98,4 | 101,3 | 104,3 | 107,5 | 116,0 |
| Шумораи аппаратҳои телефонҳои асосӣ (ҳаз. адад) | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 102,4 | 4,4 | 4,5 | 4,7 | 4,8 | 109,7 |
| Шумораи истифодабарандагони шабакаи «Интернет» (ҳаз. муштарӣ) | 38,0 | 39,1 | 40,3 | 103,0 | 41,5 | 42,7 | 44,0 | 45,3 | 114,3 |
| Даромад аз фаъолияти асосии соҳаи алоқа (ҳазор сомони) | 191,3 | 197,0 | 202,9 | 103,0 | 209,0 | 215,3 | 221,7 | 228,4 | 115,9 |
| Хаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ (ҳазор сомони). | 68,8 | 70,9 | 73,0 | 103,0 | 75,2 | 77,4 | 79,78 | 82,2 | 115,9 |

# БОБИ 5. ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ ВА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

## 5.1. Ҳифзи муҳити зист

Дар шаҳр оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист "Бахши ҳифзи муҳити зисти шаҳри Истаравшан" фаъолият менамояд, ки аз 5 нафар корманд (сардор, 1 нозири давлатӣ ва 3 нозири тибқи шартнома фаъолиятдошта) иборат аст. Вазифаи асосии бахши мазкур, назорат ва ҳифзу истифодаи дурусти захираҳои табиӣ (об, замин, ҳаво, партовҳо, шикор, моҳидорӣ ва дигар захираҳо) мебошад. Масъалаҳои ҳалталаби соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон, ифлосшавии муҳити зист бо партовҳои сахти маишӣ, азхудкунии ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ, аз ҷумла хок, қуму санг, шағал ва ғайраҳо.

Таъсири иқтидори саноатии шаҳр ба муҳити зист он қадар зиёд нест. Дар шаҳр 23 адад корхонаи саноатӣ (аз ҷумла ҶДММ "Баракат", ЧСП "Оби Зулол", "ЧСШК Файз", ҶДММ "Суруш" ва ғайраҳо), 12 корхонаи хурди дӯзандагӣ, 4 адад осиёби барқӣ, 5 корхонаи истеҳсоли масолеҳи сохтмон (ҶДММ "Сохтмончии Истаравшан", "ПМК -118" ва ғайра) фаъолият мекунанд ва ба ҳолати экологии шаҳр таъсири антропогении воқеъи намерасонанд. Ҳавои атмосфера дар ҳудуди шаҳр асосан аз ихроҷоти нақлиёти автомобилӣ, ки миқдораш 17016 адад мебошад, ифлос мешавад.

Кишоварзони шаҳр аслан ба растанипарварӣ, боғдорӣ ва чорвопарварӣ машғул мебошанд. Зиёда аз 82,4 фоизи аҳолии қобили меҳнат дар деҳот зиндагонӣ дошта, асосан дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд ва ба ҳолати экологии он бевосита таъсир мерасонанд. Майдони заминҳои обӣ 35,6%-ро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи истифодаи тӯлонӣ ва ғайрисамаранок, риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ, ҳосилнокии заминҳо нисбатан коҳиш ёфтааст ва яке аз сабабҳои паст шудани ҳосилнокии замин, ин сари вақт таъмин нашудани нуриҳои минералию заҳрхимикатҳо, тағйирёбии иқлим, паҳн шудани ҳаргуна ҳашароти заррасон ва касалиҳо мебошад.

Масъалаи дигари муҳими экологии шаҳр, ин сари вақт ҷамъоварӣ нагаштани партовҳо мебошад. Партовгоҳи марказии шаҳр дар деҳаи Ниҷонии ҷамоати дехоти "Ниҷонӣ" дар масофаи 12,5 км дуртар аз маркази шаҳри Истаравшан ҷойгир шуда, атрофаш маҳкам набуда, ба талабот ҷавобгӯ нест. Илова бар он, бинобар боришоти зиёд каналу ҷӯйҳои обпарто ба таъмиру азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд. Мавҷуд набудани хадамоти коммуналӣ дар ҷамоатҳо, боиси пайдо шудани партовгоҳҳои сершумори ғайрирасмӣ, ифлос шудани замин, соҳилҳои иншооти об ва афзудани хатари сар задании касалиҳои сироятӣ мегардад. Манбаи дигар ташаккули партовҳо муассисаҳои тиббии шаҳр ва хадамоти байтории шаҳр мебошанд. Муассисаҳои тиббӣ бояд бо печҳо барои сузонидани партовҳои хатарнок муҷаҳҳаз карда шаванд. Барои чорвои аз касалиҳо фавтида ташкили чоҳҳои Бейкер зарур аст, зеро айни замон дар шаҳри Истаравшан чунин таҷҳизоти ба ҳифзи табиат мусоидаткунанда мавҷуд нест. Ҳамаи ин ба зиёд шудани касалиҳо миёни аҳолӣ, афзудани хароҷоти онҳо барои табобат, коҳиши сатҳи дарозумрӣ ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ меоварад. Барои ҳалли ин масъалаҳо лозим аст, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳр барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардидани онҳо, мусоидат намудан зарур аст.

Дар шаҳр 23 корхонаи мухталифи хурду бузурги саноатӣ ва 7600 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ фаъолият менамоянд. Яке аз мушкилотҳое, ки дар ин самт ба назар мерасад ин надоштани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳадди имконпазирии партовҳо, хулосаи экспертизаи давлатии экологӣ ва иҷозатномаи меъёрӣ мебошад. Дар шаҳри Истаравшан ба истиснои корхонаҳои саноатии ҶДММ ширкати нақлиётии «Дӯстӣ», ҶДММ «Хуршеди Истаравшан» ва ҶСШК «Суруш», дигар корхонаҳои саноатӣ ҳуҷҷатҳои номбаршударо надорад, ки ин барои пешбурди дурусти соҳа дар сатҳи маҳал таъсири манфӣ мерасонад. Таъсири моддаҳои зараровари корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф пурра омӯхта нашудааст. На ҳамаи корхонаҳои саноатӣ дорои

шиносномаи экологӣ, ҳисоботи мунтазам оид ба ҳаҷми партовҳо ва моддаҳои зараровар мебошанд.

Ҳадди ҷоизи маводҳои заҳрнокӣ ба ҳавои атмосферӣ паҳншаванда дар шаҳри Истаравшан 135 тн/сол-ро ташкил медиҳад.

Мувофиқи ҳисоботи омории 2ТП (ҳаво) динамикаи партовҳои моддаҳои зараровари ба фазо партофташаванда барои се соли охир чунин аст:

*Партовҳои моддаҳои зараровари*
*аз корхонаҳои саноатии шаҳри Истаравшан*

| Номгӯйи моддаҳои зараровар | Соли 2012 | Соли 2013 | Соли 2014 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ, тн/дар як сол | 1809,1 | 2156,39 | 47063 |
| Аз онҳо партовҳои сахт | 1800 | 2120 | 2543 |
| Газмонанд ва моеъ: | 9,1 | 36,390 | 44,520 |
| CO (оксиди карбон) | 3,6 | 4,7 | 5,6 |
| NO2 (оксиди нитроген) | 1,0 | 1,1 | 1,2 |

Яке аз мушкилотҳои ташвишовари соҳа, дастрасӣ надоштани қисми аҳолӣ, махсусан аҳолии ҷамоатҳои деҳот ба манбаҳои оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза маҳсуб меёбад. Дар шаҳр танҳо 50,5 фоизи аҳолӣ ба манбаъҳои оби нӯшокии тоза дастрасӣ доранду халос, боқимонда 49,5 фоиз аз ин манбаи бебаҳо истифода бурда наметавонанд. Бисёр нуқтаҳои манбаъҳои оби нӯшокии шаҳр ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавоб дода наметавонад. Аҳолии деҳаҳои навбунёди Навобод, Навганда, Дилкушо ва қисми аҳолии ҷамоатҳои Зарҳалол ва Пошкент ба оби аз нуқтаи назари экологӣ тоза ва безарагардонидашуда дастрасӣ надоранд ва аз ин ҳисоб танқисии зиёд мекашанд. Дар деҳаҳои номбаршуда аҳолӣ оби канал ва ҷуйҳоро истифода мебаранд, ки ин сарчашмаҳо барангезандаи эҳтимолии бемориҳои сироятӣ мебошанд.

Солҳои охир дар шаҳри Истаравшан афзоиши ҳаҷми корҳои сохтмонӣ ба назар мерасад. Мушкилоти асосии экологие, ки дар ин самт вуҷуд дорад, ин ҳолати ғайриқаноъатбахши шабакаи обу ташноби шаҳр мебошад. Бинобар ин, ҳамеша хавфи аз партовҳои моеъ ифлос гардидани обҳои зеризаминӣ таҳдид мекунад. Дар натиҷа ҳамаи партовҳои маркази шаҳр ба шабакаҳои мазкур ва партовгоҳҳои ғайрирасмӣ партофта мешаванд. Шабакаи мавҷудаи ташноб ва партовгоҳҳои номбурда дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор дошта, ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ва экологӣ мутобиқ нестанд. Махсусан, дар фасли тобистон, ки аз ин ҳисоб сар задани касалиҳои сироятӣ авҷ мегирад.

Дар маркази шаҳр 18 нуқтаи ба расмият даровардашудаи партовбарорӣ ташкил карда шудааст, ки пешниҳоди хизматрасонӣ аз ҷониби КДФ «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» сурат мегирад. Дар ин самт, сари вақт тоза нагардидани нуқтаҳои партовбарорӣ ба муҳити зист бетаъсир намемонад. Аз рӯи ҳисоботҳои мавҷуда, дар як сол аз ҳисоби аҳолии шаҳр ба муҳити зист 82510 тонна партов бароварда мешавад, ки боиси ифлосшавии обу замин ва муҳити зист мегардад. Дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин партов дар даруни сой, наздикии ҳавлиҳо ва ҷойҳои ғайримуқарарӣ партофта мешавад. Суст будани низоми идоракунӣ дар бахши коммуналӣ ва набудани назорати доимӣ мушкилотро дар ин самт боз ҳам мушкилтар мегардонад. Ин мушкилиҳо дар сатҳи деҳот бештар ташвишовар арзёбӣ мегарданд.

Яке аз афзалиятҳои асосӣ ва афзалиятнок барои рушди минбаъдаи соҳа, гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ барои нигоҳдории ҳифзи муҳити зист ва солимгардонии аҳолӣ мебошад.

Шабакаҳои обу ташноби (канализатсия) шаҳр (дарозии хати калонҳаҷми ташноб 32 км ва миёнаҳаҷм 65 км) солҳои 1965-1970 сохта шуда, аз сабаби истифодаи солҳои зиёд 80% корношоям шудааст. Ҳамчунин, бинобар васеъшавии ҳудуди маркази шаҳр, иншооти қабули ташноб дар байни маҳаллаҳои аҳолинишин мондааст ва тибқи меъёрҳои амалкунанда он бояд кӯчонида шавад.

Партовгоҳи шаҳр дар масофаи 12,5 км ҷойгир буда, дар ҳолати ғайрисанитарӣ қарор дорад. Аз сабаби нокифоягии техникаи зарурӣ партовгоҳ сари вақт тозаву безарар ва хокпӯш карда намешавад. Дар натиҷа масоҳати он торафт васеъ шуда, партовҳо ба заминҳои кишоварзӣ паҳн шуда, сабабгори пайдошавии касалиҳои гуногун мешаванд (тибқи мушоҳидаҳо масоҳати партовгоҳ то 2-3 маротиба аз масоҳати муқарраршуда зиёд гаштааст).

Дар натиҷаи ҷойгиршавии нуқтаҳои зиёди хизмати маишӣ, ки дар ҳудуди муҳофизатии ҳудуди обанбори "Каттасой" ҷойгир мебошанд, хатари ифлосшавии обҳои обанбори "Каттасой" бо партовҳо ба миён омадааст. Аз сабаби дар бозори маркази набудани хатти канализатсионӣ, партовобаҳои нуқтаҳои хизмати маиӣи ба ҷӯйбор дохил шуда, пас ба обанбори "Каттасой" ҷорӣ мешаванд, ки ба ифлосшавии об ва паҳншавии касалиҳои сирояткунанда оварда расониданаш аз эҳтимол дур нест.

Дар баробари ин пурзӯр намудани корҳои тарғиботӣ ҷиҳати муносибат ба партову истифодаи партовгоҳҳо ба мақсад мувофиқ буда, ташкили корхонаҳои муосири коркарди партов, деворбандӣ кардани партовгоҳ ва ташкили партовгоҳҳо дар ҷамоатҳои деҳот зарур аст.

Таҳлили санҷишҳои иҷроиши қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011 таҳти №97 ва қарори Раиси вилоят аз 24.05.2011, №175 "Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор" нишон дод, ки ҷамъоварии лампаҳои аз истифода баромадаи симобдор аз аҳолӣ ба низом дароварда шуда, ҷойҳои қабул ва нигоҳдории лампаҳои корношоям ба талаботи боби 4-и Қоидаҳои тасдиқгардида мувофиқат намекунад. Дар нуқтаҳои қабули баҳисобгирии лампаҳои корношоям, шароити техникии ба талаботи боби 5-и Қоидаҳои мазкур мувофиқ, ба роҳ монда нашудааст.

Бинобар маълумоти мавҷуда айни замон дар шаҳри Истаравшан ва ҳамаи ҷамоатҳои он 22 нуқтаи қабули лампаҳои симобдори корношоям ташкил карда шуда, 11985 адад лампаҳо ҷамъоварӣ карда шудааст, ки он нокифоя мебошад. Дар ҷамоатҳо ва муассисаҳои шаҳри Истаравшан камбудиҳои зиёди экологӣ ба назар мерасанд. Масалан дар ҷамоати деҳоти Пошкент ва муассисаҳои тиббӣ, агарчӣ дар ҳуҷҷатҳо қайд шуда бошад ҳам, аммо дар асл нуқтаи ҷамъоварии муваққатии лампаҳои симобдори корношоямро ба таври лозимӣ таъсис надодаанд. Дар партовҷойҳо, дар дохили партовҳои маишӣ лампаҳои симобдори корношоям мушоҳида мегарданд. Ҳол он, ки бо сабаби симобдор будани таркиби лампаҳои мазкур, онҳо бояд бо риояи қоидаҳои экологӣ безарар гардонида шаванд, зеро таъсири манфии он ба муҳити зист хеле зиёд буда, аз таъсири он муҳити атроф қариб барқарорнашаванда мегардад. Давраи барқароршавии он муайян нест.

Дар ҷамоатҳои Зарҳалол ва Сабристони шаҳри Истаравшан нуқтаҳо ва овезаҳои қабули лампаҳои симобдори корношоям мавҷуданд, аммо ҷойгиршавии нуқтаҳо ва риояи Қоидаҳои нигоҳдории муваққатии фурӯзонакҳои симобдор ҷавобгӯи талабот нест.

Муаммои дигаре, ки дар натиҷаи гузаронидани рейдҳои фаврӣ аз тарафи нозирони Раёсати ҳифзи муҳити зист ҳар замон ошкор мешавад, ин ҳодисаҳои ғайриқонунии доштан ва фурӯши ҳайвоноти нодире, ки ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудаанд, мебошад. Чунин ҳодисаҳо асосан дар мавзеъҳои шафати шоҳроҳи Хуҷанд-Душанбе мушоҳида карда шудааст. Аз ҷумла, дар ин мавзеъ аз тарафи шаҳрвандон фурӯши хазандагон ба мисоли кӯрмор, дар асл бошад удави шарқӣ, ки аз ҷониби шаҳрвандон ҳамчун кӯрмор истифода мебаранд, инчунин сангпушти саҳрои, ки ин намуд дар Осиёи Маркази нодиртарин намуди хазанда ба ҳисоб рафта ба китоби сурх номнавис шудааст, ба назар мерасад. Аз ин рӯ ҳифз намудани ҳайвонҳои нодир низ талаби муҳити имрӯза ва тақозои ҳаёт мебошад.

Бо мақсади пешгирӣ намудани нобудшавии намудҳои ҳайвонҳои нодир, ки ба китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда, ҳавфи нестшавии онҳо ба миён омадааст, аз ҷониби мақомоти дахлдор корҳои тарғиботиву ташвиқотӣ дар байни аҳолӣ гузаронида шуда, шаҳрвандон оиди манъи пурраи шикор ва фурӯши ин намуд ҳайвонҳо огоҳ карда мешаванд.

Дар мавзеъи шоҳроҳи Истаравшан – Шаҳристон (ҷамоати деҳоти Қалачаи Калон) худсарона ва ғайрирасми коркард намудан хок аз тарафи сокинони ҳамин маҳал тӯли чанд соли охир мушоҳида карда мешавад, ки бевосита ба вайрон шудани релефи маҳал ва нобуд шудани қабати хосилхези замин оварда мерасонад.

Ин омил аз ҳисоби фаъолияти корхонаҳои хиштбарорӣ ва зиёд шудани шумораи нуқтаҳои таъмини сӯзишворӣ низ мебошад. Иншооти обпартои шаҳри Истаравшан дар майдони 5 га воқеъ гашта, соли 1987 бо иқтидори 30 000 м3/шабонарӯз дар деҳаи Яккатол дар масофаи 8 км аз маркази шаҳр сохта шудааст. Иншооти мазкур аз чунин ҷузъҳои таркиби иборат аст: ду хатти қубури канализатсионии Р-450 мм ва 1000 мм панҷараи оҳанин, 2 адад таҷҳизоти боздошти қум, майдони қумғундорӣ, 3 адад ҳавзҳои ибтидоии партовобтозакунӣ бо ҳаҷми 10 000 м3/шабонарӯз ҳар кадом, бинои насосҳо, 9 майдони лоиқағункунӣ ва 39 адад майдони филтратсионӣ.

Аз 3 ҳавзи ибтидоии ҷамъоварӣ 2 ададаш корношоям гардида, 1 ҳавзи дигар тибқи талаботҳои технологӣ пурра кор намекунад. Ҳангоми азназаргузаронии иншоот ошкор карда шуд, ки дар ҳудуди иншоот фаъолияти хоҷагидори (зиндагонии як оила) ҷаронидани ҷорво, боғдорӣ ва кишти зироатҳои кишоварзӣ ба роҳ монда шудааст. Бинои хлорҳамроҳкунӣ мавҷуд нест, партовҳои обӣ бе коркарду безараргардонии мунтазам ва доимӣ ба муҳити атроф партофта мешаванд. Атрофи иншоот қисман кушода, дарвозаи садамавии иншоот фарсуда шуда, дохили ҷӯйбори он ба талаботҳо ҷавобгӯ нест.

*Нишондиҳандаҳои дурнамои бахши ҳифзи мухити зисти шаҳри Истаравшан*

| Нишондиҳандаҳо | 2014 Ҳисобот | 2015 Баҳодиҳӣ | Дурнамо | | Параметрҳои дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2016 | 2016 бо % нисбати 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
| Ҳаҷми умумии ҳудуди обгирӣ аз иншоотҳои табиӣ(млн.м3) | 10520 | 11020 | 11560 | 104,9 | 12050 | 12550 | 13052 | 13574 |
| Ҳаҷми гардиши об ва оби дубора истифодабаранда – ҳамагӣ (млн.м3) | 5200 | 5600 | 5900 | 105,3 | 6160 | 6300 | 6426 | 6554 |
| Амнияти зироатҳои кишоварзӣ аз касали ва ҳашаротҳои зараррасон – ҳамагӣ (хазор га) | 4250 | 5100 | 5300 | 103,9 | 5560 | 5800 | 6032 | 6273 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Бо методи биологӣ | 260 | 320 | 350 | 109,3 | 370 | 390 | 409 | 429 |
| Бо методи кимиёвӣ | 3060 | 3150 | 3440 | 109,2 | 3600 | 3820 | 4049 | 4292 |
| Обтаъминкунӣ – ҳамагӣ (км) | 18200 | 19150 | 19600 | 102,3 | 20180 | 26000 | 26520 | 27050 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | | |
| Водопроводҳои магистралӣ (км) | 1200 | 1250 | 1470 | 117,6 | 1620 | 1850 | 2109 | 2404 |
| Ҳавлигӣ (км) | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Сохтмони шабакаҳои оби (км) | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Заминҳои азхудшаванда (ҳаз.га) | 100 | 125 | 140 | 112 | 162 | 180 | 199 | 222 |

*Мушкилиҳои асосии экологии шаҳри Истаравшан.* Мавҷуд набудани бинои маъмурии бахши ҳифзи муҳити зист, норасогии техника ва таҷҳизоти зарурӣ, набудани озмоишгоҳ, нокифоягии штатҳои корӣ, бад шудани ҳолати экологии 0,01 гектар ҷангалзор ва 0,1 гектар дарахтзорҳои муҳофизатӣ, 0,2 гектар боғу токзор дар мавзеъҳои Чорбог, 0,1 гектар дар ду тарафи шафати роҳҳои протоколии кучаҳои Ленин, Октябр ва роҳи автомобилгарди Хуҷанд-Истаравшан-Душанбе, афзоиши ҳаҷми партовҳои сахти маишӣ ҳамасола то 320 м3 ва пайдоиши партовгоҳҳои ғайрирасмӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои Зарҳалол ва Пошкент, афзоиши ҳамасолаи партовҳои газмонанд то ба 36,390 тн ва ғайра.

**5.2. Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода, пешгирӣ ва кам намудани ҳолати хатари онҳо**

Дар давраи солҳои 2011-2015 дар ҳудуди шаҳри Истаравшан 6 ҳолати фавқулодаи хусусияти табиӣ дошта ба қайд гирифта шудааст. Маблағи умумии зарари ба иқтисодиёти шаҳри Истаравшан расонидашуда 39623,045 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҷадвали пешниҳодшаванда таносуби маблағҳои зарарӣ расонидашуда ба буҷет, аз ҷумла таносуби фоизи онҳо нишон дода шудааст.

*Таносуби буҷети шаҳри Истаравшан ва хисорот аз ҳолатҳои фавқулода*

| Буҷет | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 (то 1-05) | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Даромад (сомонӣ) | - | - | - | - | - | - |
| Хароҷот (сомонӣ) | - | - | - | - | - | - |
| Зарар (бо сомонӣ) | 12970485 | 1038130 | 6265930 | - | 19348500 | 39623045 |
| Зарар (бо фоиз) | | | | | | |

